**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б. ҒАФУРОВ**

**ТДУ:1**
**ТКБ:87**
**И-75**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ИСОМАДИНОВА ФАРЗОНАХОН МАҲМУДҶОНОВНА**

# ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ БА АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ: ТАҲЛИЛИ ИҶТИМОӢ - ФАЛСАФӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси**
**09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ**

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои**

**фалсафа, профессор Маҳмадизода Н. Д.**

**ХУҶАНД - 2023**

## МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО......................................................................3

МУҚАДДИМА ......................................................................4-16

**БОБИ I.** ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ – НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

1.1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШӢ АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ......................................................................17-37

1.2. ТАШАККУЛИ ФАЗОИ ТЕХНОЛОГӢ-ИТТИЛООТӢ ВА МУШКИЛОТИ АХЛОҚИИИ ҶОМЕАИ МУОСИР...................................................................... 37-55

1.3. АХЛОҚИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ......................................................................55-76

**БОБИ II. ИНСОН ДАР МУҲИТИ ИТТИЛООТӢ ВА ТАҲАВВУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН**

2.1. ТАҲАВВУЛОТИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АХЛОҚ ...................................................................... 77-99

2.2. ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ......................................................................100-118

2.3. АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ВА ТАЪСИРИ МУҲИТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ТЕХНИКИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ ......................................................................119-140

ХУЛОСА ......................................................................141-145

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО ......................145-146

РӮИХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ..................147-162

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

**ВАО** - Воситаҳои ахбори омма

**ВМКБ -** Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон

**ИМА** - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИЭР** - Имзои электронии рақамӣ

**КОА** - Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТИ -** Технологияҳои иттилоотӣ

**ТИИ** - Технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ

ТИК – Технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ

**ELIZA** - Номи барномаи компютерӣ

**ПИТ** - Пулҳои иттилоотии техникӣ

**ПСИ** - Пулҳои сирф иттилоотӣ

**СММ** - Созмони Милали Муттаҳид

**СМР** - Стратегияи миллии рушд

**СМР-2030** - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**ШМТ** - Шабакаҳои мобилии Тоҷикистон

**ҶДМ** – Ҷамъияти дороиаш маҳдуд

**AIS** - Системаи автоматикунонидашудаи иттилоотӣ

**ISSA** - Ассотсиатсияи амнияти системаҳои иттилоотӣ

**RCCS** - Маркази тадқиқотии ҳисоббарорӣ ва ҷомеа

**SEERI** - Институти тадқиқоти этикаи муҳандисии нармафзор

**CDT**- Маркази демократия ва технологияҳо

**CERT** - Гурӯҳи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулоддаи компютерӣ

**CADA** - Central Asian Development Agency

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Пешрафтҳои замони муосир, бахусус дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, ба инсоният имкониятҳо ва дастовардҳои нави илмӣ ато намуданд, ки воридшавии онҳо ба соҳаҳои нави илмӣ ва технологӣ ҳамеша мушкилоти ахлоқӣ ва маҳдудиятҳоро эҷод менамоянд. Яке аз мавзуҳои ҷолиб ва нав дар соҳаи илми технологияҳои иттилоотӣ ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ мебошад. Таваҷҷуҳи муҳаққиқону файласуфони замони муосир ба масъалаҳои ахлоқие, ки аз технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ сарчашма мегиранд, дар ҷомеаи иттилоотӣ ҳарчи бештар хусусияти оламшумулӣ мегирад. Аҳамияти таҳқиқоти ахлоқи иттилоотӣ ва компютерӣ дар тӯли камтар аз як аср нишон дод, ки дар он инсоният аз ҳолати итоат ба табиат ба қудрати фармонфармо табдил ёфт, ки дар он воситаҳо ва абзорҳои технологиро барои тарҳрезӣ ва идоракунии воқеиятҳои тамоман нав ва мутобиқ кардани онҳоро ба манфиати худаш ба кор мебарад. Ин қудрат аллакай ба ҳадде бузург аст, ки монеаҳои байни падидаҳои табиӣ ва сунъиро паси сар кардааст. Бори аввал дар таърих инсоният акнун метавонад қариб ҳамаи ҷанбаҳои муҳити берунаашро эҷод ва назорат кунад. Аз ин ҷо, масъулияти ахлоқии инсон дар ҷаҳон ва дар назди наслҳои оянда ҳамон қадар низ бузург аст. Дар иртибот бо ин, матраҳ шудани ҳаллу фасли масъалаҳои ахлоқии технологияи иттилоотӣ дар илмҳои имрӯза, бахусус фалсафа, аҳамияти хосса дорад.

Истифодаи компютер ва дигар воситаҳои технологӣ барои нигоҳдорӣ ва коркарди иттилоот ва истифодаи интернет баҳри дастрасӣ ба иттилоот дар ҷомеаи умумиҷаҳонӣ босуръат ба одатҳои муқаррарӣ ва рушдёбандаи одамон табдил ёфтааст. Дар робита ба ин, таҳия ва мубодилаи сиёсатҳо барои татбиқи ин технологияҳо ба аҳамияти хосса доро аст, зеро онҳо дар амалияи кунунӣ ва ҳаётиояндаи одамон хеле таъсирбахшанд. Дар баробари ин, бесамар будани сиёсатҳо барои роҳнамоии шахсони алоҳида, ки ҳангоми истифодаи компютерҳо онҳоро барои хидматгузорӣ ба манфиатҳои

зарарароварашон ба кор мебаранд, мушкилоти беназири ахлоқиро эҷод мекунанд. Чунин мушкилот инсониятро ба он водор мекунанд, ки ахлоқи иттиллотӣ-компютериро ба таври дақиқтар баррасӣ ва таҳия намояд. Ин мушкилот, ки аз технологияҳои компютерӣ бармеоянд, таҳқиқи амиқтари ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ба миён гузошта, аҳамияти онро ҳамчун як соҳаи динамикӣ ва мураккаб тасдиқ менамояд.

Аз нуқтаи назари ахлоқи иттилоотӣ, олами маҷозии маълумот, иттилоот, дониш ва иртибот, ки тавассути ТИИ имконпазир шудааст, ҷанбаи экологии онро ҳамчун муҳити нав, инфосфера ба вуҷуд меорад. Инфосфера фазои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ё забонӣ набуда, балки фазои семантикии таълим, илм, фарҳанг ва муошират ва муҳити глобалие аст, ки аз ҷиҳати моҳияташ ғайримоддӣ аст. Дар байни мушкилоти ахлоқӣ, ки инфосфера ба миён меорад, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ, назорати сифат ва паҳнкунии озодонаи иттилоот, ахлоқи ТИИ (масалан, эҳтиром ба махфият ва моликият), густариши дастрасии умумӣ; дастгирии техникӣ барои таъсиси фазои нави рақамӣ, мубодилаи иттилоот, баланд бардоштани маърифати ҷомеа; эҳтиром ба гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ, барҳам додани нобаробарӣ дар дастрасӣ ба иттилооти рақамӣ мавқеи хосса доранд. Таҳқиқи онҳо, бешубҳа мубрамияти корро муайян менамояд ва арзишҳои моддию маънавии онҳоро ба таври ҷиддӣ бояд баррасӣ намояд.

Аз ҷониби дигар, шумораи сомонаҳои ғайриахлоқӣ рӯз аз рӯз афзоиш меёбад ва шароити дастрасӣ ба ин сомонаҳо нисбат ба пештара осонтар шуда, синну соли миёнаи афроде, ки ба ин сомонаҳо ворид мешаванд, ҷавонтар мегардад. Воридшавӣ ва бархӯрдор гардидан аз муҳтавои саҳифаҳои ғайриахлоқӣ хатарҳои гуногун, дилеммаҳои иҷтимоӣ ва мушкилоти равониро ба бор меоварад. Ин маънои онро дорад, ки ҷомеаи муосири иттилоотӣ ва шахсони алоҳида дар дохили он бо таҳаввулоти радикалии технологӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки олимону муҳаққиқонро водор месозад, ки намунаҳои нави рафтору кирдори одамон барои мувофиқ кардани ин таҳаввулот ба талаботи замони нав тавлид созанд.

Рушди технологияи иттилоотӣ дар Тоҷикистон дар марҳилае қарор дорад, ки намудҳои гуногуни василаҳои технологӣ ва дастгоҳҳои компютерӣ ба аксари ҷанбаҳои ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ ворид мешаванд. Аммо таъсир ва оқибатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии истифода аз ин технологияҳо ҳанӯз ба таври фаъол ва амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Мутаасифона, то имрӯз муҳаққиқони соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, хусусан файласуфон дар таҳқиқи масъалаи ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ таваҷҷуҳи зарурӣ надода, корҳои мушаххасро ба анҷом нарасонидаанд. Аз ин ҷо, аҳамияти таҳқиқи масъалаи ахлоқи иттилоттӣ-компютерӣ, таъсир, зарарҳо ва роҳҳои рафъи онҳо дар доираи ин ахлоқ ҷойи шакку шубҳа надорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзу.** Таърихи омӯзиши ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ ба нимаи дуюми асри XX рост меояд. Дар соли 1948 математики амрикоӣ Н.Винер таҳқиқоташро таҳти унвони "Кибернетика ё идоракунӣ ва иртибот бо ҳайвонот ва мошин” навишт, ки дар он як соҳаи нави илми амалиро шарҳ дода, баъзе оқибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии истифодаи мошинҳои ҳисоббарории электрониро муайян намуд. Баъдтар ӯ китоби дигар “Инсони идоракунанда. Истифодаҳои инсонии вуҷудияти инсонӣ. Кибернетика ва ҷомеа”-ро[1] нашр мекунад, ки дар он як қатор масъалаҳои ахлоқие, ки эҳтимолан тавассути технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ тавлид мешаванд, меомӯзад. Мавзуъҳои баррасишуда дар ин ду китоб мавзуъҳоеро дар бар мегиранд, ки имрӯз муҳимманд: компютер ва таъмини амният, компютер ва бекорӣ, масъулияти мутахассисони компютер, компютер ва дин, шабакаҳои иттилоотӣ ва ҷаҳонишавӣ, кор бо телекоммуникатсия, омезиши инсон бо мошинҳо, ахлоқи роботҳо ва зеҳни сунъӣ.

Адабиёти илмӣ ва таҳқиқотеро, ки дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ минбаъд арзи вуҷуд карда, барои мо

[1] Винер Н. Кибернетика, или Управление и связь в животном и машине. М.: Советское радио, 1958; Он же: Человек управляющий. Человеческое использование человеческих существ. Кибернетика и общество. – Спб.: Питер, 2001.

дастрасанд, ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст: аввалан, таҳқиқот дар соҳаи фалсафаи технология ва иттилоот. Олимону муҳаққиқони ин гурӯҳ дар бораи моҳияти иттилоот, нақши он дар ҷомеа ва ҳаёти инсон, инчунин асосҳои аксиологии ин ҷомеаро бо рушди технология ва иттилооти муосир дар иртибот бо анъанаи классикии фалсафаи технология таҳқиқот гузаронидаанд, ки дар он ҷанбаҳои ҳастишиносӣ ва ахлоқии масъалаи мазкур нақши барҷаста доранд. Ба қатори онҳо О.Шпенглер, М.Ҳайдеггер, К.Ясперс, И.Хейзинга, Ф.Фукуяма, Э.Тоффлер, П.Козловский, Ю.Хабермас, А.Д.Урсул, Т.Стоунйер, Ф.Махлуп[1] ва дигарон дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюмро таҳқиқоте ташаккул медиҳанд, ки бевосита ба ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити тамаддуни баъдииндустриалии инсоният дахл доранд ва асарҳои классикии ин равия ба қалами М.Кастеллс, Ф.Уэбстер, П.Дракер, Д.Белл, И.Масуда, У.Эшби, Т.Стоуньер, Т.П.Воронина, Р.Ф.Абдеев, И.С.Мелюхин, Д.В.Иванов, А.А.Чернов, Н.М.Найбороденко ва дигарон[2] тааллуқ доранд. Дар таҳқиқоти онҳо зарурати барпошавии ҷомеаи иттилоотӣ ва аҳамияти он, эътирофи нақши пешрафтаи донишҳои назариявӣ, иттилоот

---

[1] Шпенглер О. Закат Европы. Пер. с нем. – Новосибирск: Наука, 1993; Хайдеггер М. Время и бытие (статьи выступления). М.: Республика, 1993; Ясперс К. Смысл и назначение истории. Пер. с нем. М. И. Левина. – М.: Политиздат, 1991; Хейзинга Й. Homo ludens. Человек играющий. Статьи по истории культуры. Пер., сост. Д.В. Сильвестрова – М.: Айрис-пресс, 2003; Фукуяма Ф. Наше постчеловеческое будущее: последствия биотехнологической революции. Пер. с англ. М.Б. Левина. – М.: ООО «Изд-во АСТ»; ОАО «ЛЮКС», 2004; Тоффлер Э. Третья волна. Пер. с англ. – М.: АСТ, 1999; Козловский П. Культура постмодерна: общественно-технические последствия технического развития; пер. с нем. – М.: Республика, 1997; Эллюль Ж. Другая революция // Новая технократическая волна на Западе. – Москва: Прогресс, 1986. – С. 147-153; Habermas J. The theory of communication // Reason and rationalization of society. Vol 1. – Cambridge, 2004; Урсул А.Д. Природа информации: Философский очерк. М.: Политиздат, 1968; Стоуньер Т. Информационное богатство: профиль постиндустриальной экономики//Новая технократическая волна на Западе. М., 1986; Machlup F. The economics of information and human capital. Series: Knowledge, its creation, distribution and economic significance. V. 3. Ptinceton, N.J.: Ptinceton University Press, 1984.

[2] Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура. Пер. с англ. под ред. О.И. Шкартана. – М.: ГУ-ВШЭ, 2000; Уэбстер Ф. Теории информационного общества. Пер. с англ. М.В. Арапова, Н.В. Малыхиной. – М.: Аспект Пресс, 2004; Drucker P. F. The Age of Discontinuity. Guidelines to Our Changing Society. – London: New Brunswick (US). – 1994; Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Пер. с англ. В.Л. Иноземцева. – М.: Academia, 2004; Masuda Y. The Information Society as Postindustrial Society. – Washington: World Future Soc., 1983; Эшби У. Введение в кибернетику. – Москва: Иностр. лит-ра, 1959; Стоуньер Т. Информационное богатство: профиль постиндустриальной экономики//Новая технократическая волна на Западе. М., 1986; Воронина Т.П. Информационное общество: сущность, черты, проблемы. - М.: ЦАГИ, 1995; Абдеев Р.Ф. Философия информационной цивилизации. – М.: ВЛАДОС, 1994; Мелюхин И. С. Информационное общество: истоки, проблемы, тенденции развития. М.: Изд-во Моск. Ун-та, 1999; Иванов Д. В. Виртуализация общества. СПб.: Петербургское востоковедение, 2000; Чернов А.А. Становление глобального информационного общества: проблемы и перспективы. - М.: «Дашков и К°», 2003; Найбороденко Н.М. Прогнозирование и стратегия социального развития России. - М.: Маркетинг, 2003.

ва хидмати он барои рушди ҷомеаи муосир таҳлил ёфта, ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ низ ҳамчун яке аз ҷузъиёти ин ҷомеа баррасӣ мегардад.

Гурӯҳи сеюми таҳқиқот бевосита ба масъалаи ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ бахшида шуда, омӯзиш ва дарки ҷанбаҳои гуногуни ҷомеаи муосирро аз нигоҳи дурнамои ахлоқи иттилоотӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар байни муҳимтарин асарҳои таҳқиқотии ҳам хусусияти ахлоқӣ ва ҳам умумифалсафӣ дошта корҳои Л.Флориди, Дж.Эрикссон, А.Д.Иоселиани, А.О. Поляков, Г.Г. Почепцов, А.И. Ракитов, В.З.Коган, Л.А.Шелепин ва дигаронро[1] номбар кардан мумкин аст. Нигаронии ахлоқие, ки аз ҷониби баъзе аз ин муҳаққиқон ба миён гузошта шуда буд, дар тӯли зиёда аз даҳсолаҳо, то даме ки ТИИ дар охирҳои асри XX ҳамчун як соҳаи нави таҳқиқот идома ёфта, асосан ба таъсиси принсипҳои ахлоқӣ барои роҳнамоии ахлоқӣ дар истифода аз компютер нигаронида шуда буд.

Дар байни ин муаллифон, назарияҳои файласуфи итолиявӣ Л.Флориди дар бораи ахлоқи иттилоотӣ бештар қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ соли 1995 ғояҳои Н.Винерро муттаҳид намуда, истилоҳи «ахлоқи иттилоотӣ»-ро ба вуҷуд овард. Л.Флориди назарияи ахлоқи иттилоотиро мураттаб сохта, изҳор дошт, ки соҳаи ахлоқи компютерӣ ва умуман ахлоқ бояд васеъ карда шуда, на танҳо одамон, амалҳо, ниятҳо ва хосиятҳои онҳоро дар бар гирад. Ӯ мафҳуми макроэтикаро пешниҳод кард, ки ба утилитаризм, деонтологизм, контрактуализм ва ахлоқи некӣ шабоҳат дорад, зеро он барои татбиқи ҳама ҳолатҳои ахлоқӣ пешбинӣ шудааст. Аз тарафи дигар, ахлоқи иттилоотӣ аз назарияҳои суннатии ғарбӣ фарқ дошт, зеро ҳадафи он иваз кардани онҳо

---

[1] Floridi L. Information Ethics: Its Nature and Scope // Computers and Society, 2006, № 36(3), p. 37-56; Floridi L. Information Ethics: On the Theoretical Foundations of Computer Ethics // Ethics and Information Technology, 1999, №1(1), p. 37-56; Floridi L. Internet Ethics: The Constructionist Values of Homo Poieticus, in R. Cavalier (ed.), The Impact of the Internet on our Moral Lives. – Albany: SUNY Press, 2005, p. 195-214; Eriksson J. Cyberplagues, IT, and Security: Threat Politics in the Information Age // Journal of Contingencies and Crisis Management, 2001. Vol. 9(4), p. 211-222; Иоселиани А.Д. Информационное общество. Глобалистика. Энциклопедия. М., Радуга. 2003; Поляков А.О. Информодинамика или путь к Открытому миру. - СПб, Изд-во СПбГТУ, 1999; Почепцов Г.Г. Информационные войны. М.: «Рефл-бук», 2001; Ракитов А.И. Информация, наука, технология в глобальныхисторических изменениях. М., 1998; Коган В.З. Человек в потоке информации. Новосибирск, 1981; Шелепин Л.А. Третья мировая информационно-психологическая война. - М.: Ин-т социально-политических исследований АСН, 2000.

набуда, балки бештар пурра кардани онҳоро аз тариқи афкори ахлоқии изофӣ, ки фаротар аз назарияҳои анъанавӣ аст, дар назар мегирад.

Дар Тоҷикистон доир ба ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ дар доираи фаҳмиши фалсафии он таҳқиқоти мушаххас вуҷуд надорад. Бештари корҳое, ки ба иҷро расидаанд, асосан хусусияти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ё ҳуқуқӣ ва рӯзноманигорӣ доранд ва ба мавзуҳои нақши амнияти иттилоотӣ дар ҷомеа, ҷангҳои иттилоотӣ, дастрасӣ ба иттиллот, фарҳанги иттилоот, ҷиноятҳои иттилоотӣ ва амсоли онҳо бахшида шудаанд. Ба қатори онҳо таҳқиқоти З.Ш. Саидзода ва Н. Каршибоев, К.И. Сафиев, Ф.Ф. Шарипов, Р.Ш. Нуриддинов ва П.Р. Нуриддинов, П.А. Маҳмадов, Д.С.Таваров ва дигарон дохил мешаванд.[1] Аз нигоҳи фалсафӣ бошад, то ба ҳол се рисолаи номзадии Р.Л.Давлатов, С.Р.Ишонова ва Ш.Т. Беҳбудов[2] дифоъ шудаанд, ки дуи аввали онҳо ба нақши технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи умумиҷаҳонӣ дар раванди навсозии фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дуюми онҳо ба таҳлили воқеияти иттилоотӣ дар парадигмаи арзишҳои антропологии инсон дар ҷомеаи муосир бахшида шудаанд ва ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ танҳо як ҷузъи мухтасар ва пароканда дар бахшҳои ин рисолаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба ин ва гурӯҳҳои дар боло зикршуда мақолаҳои бешуморро дар бораи иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва ғайра ҳам илова

---

[1] Сайидзода З. Ш., Каршибоев Н. Доступ к информации: сотрудничество и прозрачность. – Душанбе, 2008; Сафиев К.И. Информационная безопасность Республики Таджикистан в контексте современного политического процесса: сущность и приоритеты её обеспечения: Дис. канд. полит. наук. – Душанбе, 2012; Шарипов Ф.Ф. Информационная культура общества. – Душанбе: Изд-во РТСУ, 2014; Нуриддинов Р. Ш., Нуриддинов П. Р. Информационная война – способ контроля за пространством в условиях глобализации: в свете послания Президента Таджикистана Э. Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан // ВестникТаджикского нац. университета. – Сер. гуманитарных наук. – 2015. – № 3/5 (173); Махмадов П.А. Роль информационной безопасности политической коммуникации в обеспечении безопасности (опыт Таджикистана) // Евразийский юридический журнал. – 2016. – № 1 (92); Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи муосир). Дисс. барои дарёфти дараҷ. илм. н.и.икт., Бохтар, 2020.

[2] Давлатов Р.Л. Роль современных информационных технологий в глобализации и взаимодействие культур: дис. к. ф. н. - Душанбе, 2014; Ишонова С.Р. Информационные технологии и глобальная сеть в модернизационных процессах социокультурного пространства (на примере системы образования и политики Таджикистана). Дисс. на соиск. уч. степ. к.ф.н., Худжанд, 2020; Бехбудов Ш.Т. Информационная реальность в парадигме антропологических ценностей человека в современном обществе. Дисс. на соиск. уч. степ. к.ф.н., Душанбе, 2021.

кардан мумкин аст, ки номбар ва таҳлил кардани ҳамаи онҳо дар ҳаҷми чунин кори таҳқиқотӣ ғайриимкон аст.

Аз муҳтавои таҳқиқоти фавқуззикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар омӯзиши масъалаи ахлоқи иттилоотӣ ва компютерӣ ба ҷуз аз якчанд таҳқиқоте, ки хусусияти аксиологӣ-тавсифӣ доранд, ба таври куллӣ ва мушаххас фалсафаи ахлоқи иттилоотӣ то имрӯз дар адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ инъикос наёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқотӣ ба таҳлил ва таҳқиқи фарҳанги технологӣ ва таъсири он дар таҳаввули арзишҳои ахлоқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, инъикоскунандаи ҷанбаҳои меҳварии масъалаи таҳқиқии кафедраи умумидонишгоҳии МТД ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров таҳти номи "Арзишфаҳмӣ ва таҳаввули фарҳанги техникию ахлоқи иттилоотӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ" барои солҳои 2020-2025 мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** таҳлили мукаммали ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ ба ҳисоб меравад.

Барои расидан ба ин мақсад дар диссертатсия иҷрои **вазифаҳои зерин** ба назар гирифта шуд:

- муайян кардани заминаҳои муҳимтарини назариявӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ-иҷтимоии ташаккулёбии арзишҳои ахлоқи иттилоотӣ;

- таҳлили фалсафии мушкилоти ахлоқӣ дар фаъолияти иттилоотӣ-компютерии шахс ва муайян намудани натиҷаҳо ва оқибатҳои онҳо дар доираи тамоилоти аксиологӣ;

- муайян кардани ахлоқи иттилоотӣ ҳамчун шарти зарурии таъмин намудани амнияти иттилоотӣ;

- таҳлили фалсафӣ-методологии консепсияи инсон дар муҳити иттилоотии ҷомеаи Тоҷикистон ва муайян намудани аҳамияти он барои пешрафти ин ҷомеа;

- таҳқиқи масъалаи таҳаввулоти робитаҳои иттиллотӣ дар доираи муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва муайян намудани таъсири он ба ахлоқи ҷомеаи тоҷикон;

- муқоиса ва муайян намудани арзишҳои инсонӣ дар муҳити суннатӣ ва муҳити иттилотии Тоҷикистон.

**Асоси методологии таҳқиқотро** усулҳои низомнокӣ, диалектикӣ тавсифӣ, иҷтимоӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ ва ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Усули диалектикӣ барои муайян кардани номутобиқатии дилеммаҳои ахлоқӣ, таҳлили шаклҳои танзими ахлоқ дар шароити технологияи иттилоотӣ, усули низомнокӣ дар таҳлили ахлоқи иттилоотӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, усули муқоисавӣ ҳангоми таҳлили арзишҳои ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон бо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ истифода шудаанд. Усули муқоисавӣ ҳамчунин барои муайян намудани заминаҳо ва нақши аксиологии ҷомеаи иттилоотӣ дар таносуб бо ахлоқи иҷтимоӣ ба кор меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нукоти зерин ифода меёбад:

- дар доираи фазои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон масъалаи ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки дар раванди он заминаҳои назариявӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ахлоқи иттилоотӣ муқаррар гардиданд;

- асосҳои фалсафии мушкилоти ахлоқӣ ва амнияти иттилоотӣ ба низом даровардa мешавад;

- аҳамияти ахлоқи иттилоотӣ барои боздошти таъсири манфии истифода аз технологияи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои дар низоми иттилоотӣ тавлидшуда, асоснок карда мешавад;

- дар мисоли муҳити иттилоотии Тоҷикистон таъкид карда мешавад, ки амнияти иттилоотии шахс аз нуқтаи назари башардӯстона баррасӣ шуда, барои фаҳмиш, таҳқиқ ва таъмини башардӯстӣ зарур аст, ки мувозинати манфиатҳои иттилоотии шахс, аз як тараф ва манфиатҳои иттилоотии давлат ва ҷомеа, аз тарафи дигар, ба мувофиқат ва мувозинат оварда шаванд;

- нахустин маротиба консепсияи фалсафӣ-иҷтимоии таҳаввулоти робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеаи Тоҷикситон ва таъсири он ба ахлоқи шаҳрвандони он, ки бар пояи он таҳаввулоти арзишҳои инсонӣ дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон сурат мегиранд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки омӯзиши масъалаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ шудаанд, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи бехатар аз технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи амнияти технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ истифода шавад. Натиҷаҳои тадқиқот ҳамчун саҳми назариявӣ дар корбаст ва таҳлили мушкилоти амнияти иттилоотӣ маҳсуб ёфта метавонад. Натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тасаввуротро дар бораи муҳтавои падидаи амнияти иттилоотӣ тавсиа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас мекунанд ва барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир ва дурнамоҳои рушди он мусоидат мекунанд.

Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар кори таҳқиқотӣ вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала дар фалсафаи иҷтимоӣ замина гузоранд. Маводи диссертатсияро дар курсҳои лексионии фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ, фалсафаи илм ва техника, информатикаи иҷтимоӣ, консепсияҳои табиатшиносии муосир, инчунин дар курсҳо оид ба фалсафаи бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа истифода бурдан мумкин аст.

**Объекти таҳқиқот:** Тамоюлот ва қонуниятҳои инкишофи ахлоқи иттилоотӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаи иттилоотӣ.

**Предмети таҳқиқот:** Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқии ҷомеа муосир.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус - 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мутобиқат мекунад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1) Технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти ҷомеаҳо, оилаҳо, муносибатҳои одамон, маориф, озодӣ, низоми демократии ҳокимиятдорӣ ва ғайра таъсир (ҳам ба маънои хуб ва ҳам бад) мерасонад, ки дар натиҷаи рушди муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ тадриҷан ахлоқи технологӣ-иттилоотӣ ташаккул ёфт. Ахлоқи иттилоотӣ ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмӣ ба фаъолияти Н.Винер дар ибтидои солҳои 40-уми асри XX рост меояд: мафҳуми "кибернетика" дар якҷоягӣ бо компютерҳои рақамие, ки он замон ихтироъ шуда буданд, ба ин муҳаққиқ имкон дод, то дар бораи технология имрӯза, ки онро технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) меномем, баъзе хулосаҳои муҳимми ахлоқӣ пешкаш намояд. То солҳои 80-уми асри гузашта як қатор оқибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии технологияҳои иттилоотӣ дар Амрико ва Аврупо ба мушкилоти умумииҷтимоии он табдил ёфтанд: масалан, ҷиноятҳо бо истифода аз компютер, офатҳои садамавие, ки дар натиҷаи тахриб шудани низомҳои компютерӣ ба миён меомаданд, ё дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ тавассути хазинаи маълумоти компютерӣ ва бар асоси он ҷараён гирифтани мурофиаҳои муҳимми додгоҳӣ доир ба масъалаи ҳуқуқи шахсӣ ба таъминоти иттилоотӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

2) Мушкилоти ахлоқӣ ба масъалаҳои махфияти иттилоотӣ, назорати фаъолияти корбарон, моликият, амният, дастрасӣ, масъулияти ахлоқию касбии шахс ва ғайра дахл дорад. Мушкилоти ахлоқӣ на танҳо дар он ифода меёбад, ки василаҳои нави асоснок кардани ҳуқуқро ба шакли нави моликият дарёбад, балки дар таҳлили масъалаҳое низ ифода меёбад, ки ба одилона будани қонунҳои моликияти зеҳнӣ ва ё усулҳои нави маърифати қонунҳо дар бораи моликияти зеҳнӣ ишора мекунад ва дар асоси онҳо бояд ҷомеаи ҷаҳонии корбарони шабакаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барпо гарданд. Ин мушкилот, инчунин ба қарорҳое иртибот доранд, ки онҳоро худи

компютерҳо қабул мекунанд. Масъалаи дахолатнопазирӣ ба иттилооти шахсӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, сирқати моликияти таҳқиқотӣ ё зеҳнӣ (плагиат), бознашри корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳти номҳои гуногун ва ё бо баъзе тағйироти ночиз, роҳзанӣ аз тариқи нусхабардории ғайриқонунии нармафзорҳо, мубодилаи файлҳо, фаъолияти ҳакерӣ, рамз ё коди тахрибкунандаи компютер ва оқибатҳои он, қаллобии кибернетикӣ ва амсоли онҳо хатарҳои на фақат компютерӣ, балки иттилоотӣ-ахлоқиро низ ба вуҷуд овардаанд.

3) Пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ ва тамоюлгириҳои он дар Тоҷикистон дар маводи зиёд ва арзишманд инъикос ёфта, таҳлилу муқоисаи андешаҳои муҳаққиқони онҳо нишон медиҳанд, ки инсон ва ҷомеа ҳамеша дар ҳоли тағйирёбӣ  ва рушд қарор дошта, вобаста ба таҳаввулот ва дигаргуниҳои рухдода ба муҳити нави иҷтимоӣ, ки муҷаҳҳаз бо воситаҳои техникӣ ва фазои иттилоотӣ аст, мутобиқ менамоянд.

4) Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма ниҳоди асосии ба роҳ мондани иртиботи иттилоотӣ ва таъмини иттилоъ ба аҳолӣ аст: телевизион ва радио ҳамчун воситаи самараноки иртибот, қабул ва пахши иттилоъ ҷойгоҳи хосса доранд.

5) Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши фарҳангӣ падидаи наве буда, барои рушди тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ такони ҷиддӣ дод: одамон ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро пайдо карда, инчунин муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии одамон ва ғайраро тағйир дод ва ба рӯҳия ва шуури инсонҳо таъсири хосса расонид. Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон иттилоот, иртибот ва дониш асоси рушди босуръати ҳамаи сохторҳои ҳаёти ҷамъиятиро ташкил дода, ба ҳайси пешгирикунандаи ҳар гуна хатарҳо ва таҳдидҳо буда метавонад: баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ натиҷаи тақвият ёфтани фазои технологӣ-иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд. Аммо саъю талошҳои доимӣ

имконият фароҳам оварда наметавонанд, ки дар сатҳи зарурӣ тамоми аъзои қишрҳои аҳолиро новобаста аз минтақаи ҷойгирбуда бо воситаҳои технологӣ таъмин намуда, нобаробариҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, кору фаъолият, қабул ва интиқоли иттилоотро аз байн бурд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳқиқи масъалаи ахлоқи иттилоотӣ қабл аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он кори мустақили тадқиқотӣ мебошад ва аз салоҳияти касбии муаллифи он шаҳодат медиҳад. Довталаб ҳадаф ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро мустақилона муайян намуда, маҷмуи усулҳои таҳлили маводи ибтидоиро, ки ба вазифаи дар пеш гузошташуда мувофиқ аст, дуруст интихоб ва моҳирона истифода мебарад; шахсан маҷмуи пурраи меъёрҳои заруририро дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия, коркарди маълумотҳои ба даст овардашуда, таҳлил ва хулоса баровардан аз натиҷаҳои таҳқиқотро анҷом дода, пешниҳодҳои мушаххас баён намудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷаи муҳимтарин ва хулосаҳои кори таҳқиқотӣ дар шакли маърузаҳо ва гузоришҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва мизҳои мудавваре, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2020-2022) баргузор гардидаанд, ироа шуда, қисме аз онҳо дар маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф чаҳор мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии

эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Рисолаи диссертатсионӣ аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, ду боб (ҳар кадоми онҳо иборат аз се фасл ва ҳамагӣ шаш фасл), хулоса ва рӯихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 162 саҳифа иборат аст.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА АКСИОЛОГИИ ҶОМЕАИ ТЕХНОЛОГИИ ИТТИЛООТӢ

## 1.1. ЗАМИНАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ – НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

Дар кишварҳои аз нигоҳи индустриалӣ тараққикардаи ҷаҳон, “инқилоби иттилоотӣ” аллакай ҷабҳаҳои зиёди ҳаётро дар соҳаҳои фаъолиятҳои бонкӣ, тиҷорат, тандурустӣ, мудофиаи миллӣ, нақлиёт, фароғат ва ғайра ба таври назаррас тағйир додааст. Аз ин ҷо, технологияҳои иттилоотӣ ба ҳаёти ҷомеаҳо, оилаҳо, муносибатҳои одамон, маориф, озодӣ, низоми демократии ҳокимиятдорӣ ва ғайра таъсир (ҳам ба маънои хуб ва ҳам бад) мерасонад. Дар натиҷаи ин таъсирот ва муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ тадриҷан ахлоқи технологӣ-иттилоотӣ (минбаъд ахлоқи иттилоотӣ) ба вуҷуд омад, ки онро дар доираи васеъ ва танги маънои он шарҳ додан мумкин аст. Ба маънои танги он, этикаи иттилоотӣ - ҳамчун кӯшишҳои файласуфони касбӣ барои татбиқи назарияҳои анъанавии ахлоқӣ ба монанди утилитаризм, кантианизм ё этикаи фазилат нисбат ба масъалаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои компютерӣ ва ба маънои васеи он – ахлоқи иттилоотиро бо қолабҳо (стандартҳо)-и таҷрибаи касбӣ, кодекси рафтор, ҷанбаҳои ҳуқуқии иттилооти технологӣ, ахлоқи корпоративӣ - ҳатто ҳамчун баъзе мавзуъҳои фанҳои ҷомеашиносӣ ва психологияи технологияҳои компютерӣ қабул кардан мумкин аст.

Ахлоқи иттилоотӣ ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмӣ ба фаъолияти профессори Донишгоҳи технологии Массачусетс Норберт Винер дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (ибтидои солҳои 40-ум) рост меояд, ки ҳангоми сохтани тӯпи зиддиҳавоии ба суқут сохтани ҳавопаймоҳо кӯмак расонида буд. Мураккабии муҳандисии ин лоиҳа Н.Винер ва баъзе ҳамкасбони ӯро водор сохт, ки соҳаи нави таҳқиқотро ба вуҷуд оранд, ки онро Н.Винер “кибернетика” – илм дар бораи қонуниятҳои умумии равандҳои идоракунӣ ва

интиқоли иттилоот дар низомҳои гуногуни технологӣ ном гузошт.[1] Мафҳуми “кибернетика” дар якҷоягӣ бо компютерҳои рақамӣ, ки он замон ихтироъ шуда буданд, ба Н. Винер имкон дод, дар бораи технологияе, ки имрӯз онро технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) меномем, баъзе хулосаҳои муҳимми ахлоқӣ барорад. Вай хеле оқилона оқибатҳои инқилоби иҷтимоӣ ва ахлоқии ин технологияро пешбинӣ карда буд. Масалан, соли 1948 дар китоби худ "Кибернетика: ё идоракунӣ ва иртибот бо ҳайвонот ва мошин” ӯ чунин навиштааст: “Онҳое, ки аз байнамон барои рушди илми нав – кибернетика мусоидат намуданд, ба сухани оддӣ, дар ҳолати на он қадар тасаллибахш қарор доранд. Ин илми нав, ки барои пайдоиши он кӯмак расондем, ба дастовардҳои техникие оварда мерасонад, ки метавонам бигӯям, имкониятҳои бузургро барои ҳам корҳои хайр ва ҳам шарр бунёд месозад. Мо донишҳоямонро фақат ба ба олами муҳитамон интиқол дода метавонем ва он бошад, - олами Белзен ва Хиросима аст. Мо ҳатто имкони боздошт намудани намудани дастовардҳои нави техникиро надорем”.[2]

Дар соли 1950 Н.Винер асари дигари худ - “Истифодаи инсон аз ҷониби инсон” («The Human Use of Human Beings»)-ро ба табъ расонд. Гарчанде ки ӯ истилоҳи “ахлоқӣ иттилоотӣ” ё “ахлоқи компютерӣ”-ро (ки зиёда аз бист сол баъдтар ба доираи истеъмол ворид гардид) истифода набурда бошад ҳам, аммо ӯ заминаи фарогиреро гузошт, ки барои таҳқиқот ва таҳлили ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ имрӯз муҳим боқӣ мемонад. Китоби Н.Винер аз ин нигоҳ муҳтавои зерин дорад: 1) тавсифи ҳадафи зиндагии инсон; 2) чор принсипи адолат; 3) усули тавонои таҳқиқи этикаи амалӣ; 4) муҳокимаи масъалаҳои асосии этикаи иттилоотӣ-компютерӣ; 5) мисолҳо ва намунаҳо барои мавзуъҳои асосии этикаи иттилоотӣ-компютерӣ.[3]

---

[1] Соболев С.Л., Китов А.И., Ляпунов А.А. Основные черты кибернетики // Вопросы философии, 1955. - № 4. С. 147.
[2] Винер Н. Кибернетика или управление и связӣ в животном и машине. Второе изд. М.: “Советское радио”, 1968. С. 78.
[3] Wiener N. (1950/1954) The Human Use of Human Beings: Cybernetics and Society, Houghton Mifflin, 1950. (Second Edition Revised, Doubleday Anchor, 1954.)

Ба ин маънӣ, тасдиқ кардан мумкин аст, ки асосҳои ахлоқи технологӣ-иттилоотиеро, ки Н. Винер гузошта буд, аз талаботи замонаш хеле пеш гузашта буданд, аммо дар тӯли даҳсолаҳои баъдӣ, асосан нодида гирифта мешуданд. Дар ҳоле, ки ӯ мутмаин буд, ки ҳамгироии технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ ба ҷомеа дар ниҳояти кор бо навсозии ҷомеа – "инқилоби дуюми саноатӣ" натиҷа хоҳад гирифт. Барои ин раванди бисёрҷанбае зарур буд, ки саъю кӯшишҳои даҳсолаҳоро тақозо менамуд, ки мебоист ҳама чизро куллан тағйир диҳад. Чунин лоиҳаи азим бешубҳа доираи васеи вазифаҳо ва мушкилотро дар бар мегирифт: коргарон бояд ба тағйироти куллӣ дар ҷойи кор мутобиқ шаванд; ҳукуматҳо бояд қонунҳо ва қоидаҳои навро ба тасвиб расонанд; саноат ва тиҷорат бояд сиёсат ва барои амалияҳои нав шароити заруриро таъмин намоянд; созмонҳои касбӣ бояд барои аъзоёни худ кодексҳои нави рафторро таҳия кунанд; ҷомеашиносон ва равоншиносон бояд зуҳуроти нави иҷтимоӣ ва равониро таҳқиқ намуда, моҳият ва зарурати онҳоро дарк кунанд; файласуфон бояд мафҳумҳои кӯҳнаи иҷтимоӣ ва ахлоқиро аз нав баррасӣ созанд ва ғайра.

Дар миёнаҳои солҳои 60-уми асри XX муҳаққиқи дигар Д.Паркер аз SRI International дар Менло-Парки Калифорния ба таҳқиқи истифодаи ғайриахлоқӣ ва ғайриқонунии компютерҳо бо ҷалби мутахассисони компютер шурӯъ кард. Чунин ба назар мерасид, - мегӯяд Д.Паркер, "вақте ки одамон ба маркази компютер ворид шуданд, ахлоқашонро дар назди дари хонаашон мондаанд".[1] Вай намунаҳои ҷиноятҳои компютерӣ ва дигар фаъолиятҳои ахлоқии вобаста ба машғулиятҳои компютериро ҷамъ оварда, соли 1968 "Қоидаҳои ахлоқ дар коркарди иттилоот"-ро дар маҷаллаи "Communication of the ACM" ба табъ расонд ва таҳияи аввалин Қоидаи рафтори касбиро барои Иттиҳодияи техникаи компютерӣ роҳбарӣ кард, ки он дар ниҳояти кор аз ҷониби ACM дар соли 1973 қабул гардид. Дар тӯли ду даҳсолаи оянда, Д. Паркер китобҳо, мақолаҳо, гуфтугӯҳо ва семинарҳоеро

[1] Bynum, T.W. (1993) Computer Ethics in the Computer Science Curriculum. In Bynum, Terrell Ward, Walter Maner and John L. Fodor, eds. (1993) Teaching Computer Ethics, Research Center on Computing & Society, p. 46.

эҷод намуд, ки соҳаи ахлоқи иттилоотиро рушд дода, ба он қувва ва маъное бахшид, ки то ба имрӯзҳо афзоиш меёбад. Ҳарчанд фаъолияти Д.Паркер ба пояи ягонаю муназзами назариявӣ асос наёфта буд, аммо он марҳилаи навбатии муҳиммеро дар таърихи рушди ахлоқи иттилоотӣ пас аз Н.Винер нишон медиҳад.[1]

Дар охири солҳои 60-уми асри гузашта Ҷ.Вайзенбаум, муҳаққиқи компютер дар Донишкадаи технологии Массачусетс дар Бостон, барномаи компютериро бо номи ELIZA сознон дод. Дар озмоиши аввалини худ бо ELIZA, ӯ намунаеро мураттаб сохт, ки мебоист тақлиди дағали "психотерапевти роҷериеро, ки таҷрибаи аввалинашро бо бемор мегузаронд", таъмин мекард. Ҷ.Вайзенбаум аз вокуниши одамон ба барномаи оддии компютерии ӯ ба ҳайрат афтода буд: баъзе равоншиносоне, ки таҷрибаи амалӣ мегузарониданд, онро ҳамчун далеле мешуморанд, ки гӯё компютерҳо ба зудӣ психотерапияи автоматикунониро таъмин хоҳанд кард. Ҳатто олимони компютершинос дар Донишкадаи технологии Массачусетс бо эҳсоси баланд ба компютер мароқ зоҳир намуда, андешаҳои махфиашонро бо он мубодила менамуданд. Ҷ.Вайзенбаум аз он сахт нигаронӣ мекашид, ки "модели коркарди иттилоот"-и инсон тамоюли афзояндаи олимон ва ҳатто ҷомеаро барои тақвияти ғоя дар бораи он ки одамон ҳамчун мошинҳо баррасӣ хоҳанд шуд, пуштибонӣ менамояд.[2]

Дар миёнаҳои солҳои 70-уми асри XX муҳаққиқи дигари амрикоӣ У.Мэнер истилоҳи "этикаи компютерӣ"-ро барои ифода намудани соҳаи тадқиқоте ба кор мебарад, ки масъалаҳои ахлоқиро меомӯзад ва он тавассути технологияи компютерӣ хусусиятҳои мураккаб, таҳвилшаванда ва бунёдшавандаро ноил мегардад. Ӯ дар Донишгоҳи Олд Доминион дар ин мавзуъ гузаронидани як курси махсуси таҷрибавиеро пешкаш мекунад ва дар охири солҳои 70-ум ва миёнаҳои солҳои 80-ум ба курсҳои донишгоҳӣ дар

[1] Parker D.S., Baker B.N. (1990) Ethical Conflicts in Information & Computer Science, Technology & Business, QED Information Sciences.

[2] Вейценбаум Дж. Возможности вычистительных машин и человеческий разум. От суждений к вычислениям. Пер. с англ./ Под ред. А. Л. Горелика. - М: Радио и связь, 1982.

соҳаи этикаи компютерӣ таваҷҷуҳи зиёдро дар миёни олимону муҳаққиқон ба миён овард. Вай дар саросари Амрико семинарҳои гуногун гузаронида, дар конфронсҳои бахшида ба донишҳои компютерӣ ва фалсафаи онҳо маърузаҳо хондааст. Дар соли 1978, ӯ инчунин мустақилона маҷмуаи ибтидоии донишҳои компютериро нашр кард, ки дар он маводи таълимӣ ва маслиҳатҳои педагогӣ барои устодони донишгоҳҳо оид ба курсҳои ахлоқи компютер таҳия шуда буданд. Ҳамин тавр, У.Мэнер аҳамияти таҳқиқи ахлоқи компютериро муҳим дониста, дар яке аз мақолаҳояш дар бораи ин ахлоқ чунин навиштааст: “Ба андешаи ман, эҳтиёҷоти даркшуда ба тарбияи ахлоқӣ ҳамсони омӯзиши ахлоқи компютер нест ва буда ҳам наметавонад. Баръакс, он бояд ҳамчун соҳае бошад, ки зотан сазовори омӯзиш бошад ва на барои он ки дар айни замон метавонад барои ҳадафҳои муайяни иҷтимоии олӣ воситаҳои муфид фароҳам оварда метавонад. Барои он ки ахлоқи компютерӣ ҳамчун як соҳаи алоҳидаи таҳқиқот вуҷуд дошта бошад, он бояд ба як соҳаи беназире табдил ёбад, ки аз ҷанбаи тарбияи ахлоқӣ, ҳатто аз ҷанбаҳои дигари этикаи касбӣ ва амалӣ фарқ кунад”.[1]

То ба солҳои 80-ум як қатор оқибатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии технологияҳои иттилоотӣ дар Амрико ва Аврупо ба мушкилоти умумииҷтимоии он табдил ёфтанд: масалан, ҷиноятҳо бо истифода аз компютер, офатҳои садамавие, ки дар натиҷаи тахриб шудани низомҳои компютерӣ ба миён меомаданд, ё дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ тавассути хазинаи маълумоти компютерӣ ва бар асоси он ҷараён гирифтани мурофиаҳои муҳимми додгоҳӣ доир ба масъалаи ҳуқуқи шахсӣ ба таъминоти иттилоотӣ ва ғайраҳо аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Боиси таъкид аст, ки маҳз ба шарофати эҷодкориҳои Д.Паркер, Ҷ.Вайзенбаум, У.Манер ва дигарон, асоси этикаи компютерӣ-иттилоотиро ҳамчун як фанни хоссаи академӣ гузошта буданд, минбаъд таҳқиқот ва навовариҳои нав дар ин соҳа ба вуҷуд омадан гирифтанд. Масалан, файласуф Ҷ.Мур аввалин шахсе буд, ки масъалаҳои

[1] Maner W. Unique ethical problems in information technology. In: Science and Engineering Ethics, volume 2, number 2 (April, 1996), p. 14.

асосии ахлоқи компютерӣ-иттилоотиро дар шаклҳои зерин ба миён гузошт: “ноаёниҳои компютерӣ”, “фиреби ноаён”, “арзишҳои ноаёни барнома”, “маҷмуи ноаёни ҳисоботи ададӣ” ва ғайра.[1] Илова бар ин, дар соли 1987 Маркази тадқиқотии ҳисоббарорӣ ва ҷомеа (RCCS) дар Донишгоҳи давлатии Коннектикут ва Институти тадқиқоти этикаи муҳандисии нармафзор (SEERI) дар Донишгоҳи давлатии Теннесси дар охири солҳои 90-ум таъсис дода мешавад. Ба ғайр аз он, дар ин муддат якчанд конфронсҳо оид ба ахлоқи компютерӣ ташкил карда мешаванд, масалан, дар соли 1991 аввалин конференсияи байналмилалии байнисоҳавӣ оид ба ахлоқи компютерӣ баргузор гашт, ки онро бисёриҳо марҳилаи муҳим дар рушди ин соҳа ҳисоб менамоянд. Дар ин конференсия бори аввал файласуфон, мутахассисони компютер, ҷомеашиносон, равоншиносон, ҳуқуқшиносон, роҳбарони корхонаҳо, хабарнигорон ва мансабдорони давлатӣ ширкат варзиданд. Умуман, дар солҳои 90-ум курсҳои нави иттилоотӣ-компютерӣ дар донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ ташкил шуда, дар конфронсҳо, маҷаллаҳо, мақолаҳо ва китобҳои дарсӣ ҳамчун мавзуи таҳқиқ рӯйи кор омаданд. Масалан, мутафаккироне ба монанди Д.Готтерберн, К. Миллер, С. Роҷерсон ва Д. Мартин, инчунин созмонҳое ба монанди  Computer Professionals for Social Responsibility, Electronic Frontier Foundation, ACM-SIGCAS ва дигарон лоиҳаҳои марбут ба масъулияти ҳисоббарорӣ ва касбиро ба уҳда гирифтанд. Рушди этикаи иттилоотиро минбаъд дар Аврупо ва Австралия, аз ҷумла дар марказҳои нави тадқиқотӣ дар Англия, Лаҳистон, Ҳолланд ва Италия қайд кардан мумкин аст.

Ба ин пешрафтҳои муҳимми давраи нав, асосан кори навоваронаи С.Роҷерсон аз Донишгоҳи Де Монфорт (Британияи Кабир), ки дар он Маркази компютер ва масъулияти иҷтимоиро таъсис дода буд, кӯмак расонд. Ба ақидаи С.Роҷерсон, дар миёнаҳои солҳои 90-ум зарурати коркарди ахлоқи компютерӣ дар “насли дуюм” ба вуҷуд омад, ба маънии дигар, миёнаи

[1] Мур Дж. Э. Принципы этики / Пер. с англ. Коноваловой Л. В.- Москва: Прогресс, 1984. С. 266-275.

солҳои 90-ум ҳамчун ибтидои насли дуввуми ахлоқи компютерӣ маънидод мешуд. Ӯ таъкид мекард, ки вақти рушд ва такмил додани чаҳорчӯбаи консептуалие ба миён омадааст, ки онҳоро дар доираи таҷрибаҳои амалӣ иҷро кардан мумкин аст ва онҳо эҳтимолияти оқибатҳои ғайричашмдошти истифодаи технологияҳои иттилоотиро коҳиш медиҳанд.[1]

Бояд қайд кард, ки аз солҳои 1940 то 1960 ягон фанни таълимӣ бо номи "этикаи компютерӣ" (ба истиснои асарҳои У.Винер ва Д.Паркер) вуҷуд надошт. Аммо, ибтидо аз соли 70-ум мутафаккирони фаъоли соҳаи компютерӣ дар мисоли У.Мэнер кӯшиш ба харҷ доданд, ки ҳадди ақал ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмӣ ба нақша гирифта, аҳамияти онро муайян намоянд. Ба таври мушаххас ин кӯшишҳои эшон дар он ифода меёбад, ки аввалан, дар мисоли У.Мэнер, ахлоқи компютерӣ ҳамчун соҳае муайян гардид, ки он "мушкилоти ахлоқиеро, ки тавассути технологияи компютерӣ мураккаб, таҳвилшаванда ва пайдошаванда мегарданд", мавриди омӯзиш қарор гирад. Ба андешаи ин мутафаккир, баъзе мушкилоти ахлоқии куҳна ба фазли компютер мураккабу печидатар ва баъзеи дигарашон ба туфайли технологияҳои иттилоотӣ комилан нав шуда истодаанд.[2] Дар муқоиса бо соҳаи нисбатан пешрафтаи этикаи тиббӣ У.Мэнер ба татбиқи назарияҳои анъанавии ахлоқӣ, ки онро файласуфон дар таълимоташон, махсусан дар таҳлили этикаи утилитарии файласуфони англис Ҷ.Бентам ва Ҷон Стюарт Милл ё ахлоқи ратсионалии файласуфи олмонӣ И. Кант, "этикаи амалӣ" номида шудааст, таваҷҷуҳашро муттамарказ менамояд.

Д.Ҷонсон бошад, дар китобаш "Этикаи компютерӣ" ин соҳаро ҳамчун соҳае меомӯзад, ки чӣ тавр компютерҳо "намунаҳои нави мушкилоти қолабӣ ва дилеммаҳои ахлоқиро ба вуҷуд меоранд, мушкилоти куҳнаро авҷ дода, моро маҷбур мекунанд, ки меъёрҳои оддии ахлоқиро дар минтақаҳои номаълум татбиқ кунанд".

---

[1] Johnson D. Computer Ethics, Prentice-Hall, 2nd Edition, 1994, p. 69.

Таърифи ахлоқ ё этикаи компютерии Ҷ. Мур дар мақолааш бо номи “Ахлоқи компютерӣ чист?” нисбат ба таърифҳои муҳаққиқони фавқуззикр хеле васеътар ва миқёсан калонтар буд. Он аз ягон назарияи фалсафии мушаххас вобаста набуда, бо равишҳои васеи методологӣ барои ҳалли мушкилоти ахлоқӣ мувофиқат дорад. Таърифи Ҷ. Мур дар даҳсолаи охир муассиртарин ба ҳисоб меравад. Вай ахлоқи компютериро ҳамчун соҳаи марбут ба “холигии сиёсӣ” ва “нофаҳмиҳои консептуалӣ” дар мавриди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ  муайян кардааст. Аз ҷумла, ӯ қайд намудааст: “Мушкилоти маъмулӣ дар ахлоқи компютерӣ барои он ба миён меоянд, ки дар он ҷо холигии сиёсат дар бораи чӣ гуна истифода бурдани технологияи компютерӣ вуҷуд дорад. Компютерҳо ба мо имкониятҳои нав дода, дар навбати худ интихоби навро барои фаъолиятамон мебахшанд. Аксаран, дар ин ҳолатҳо на ягон сиёсати идоракунии рафтор вуҷуд надорад ва ё сиёсатҳои мавҷуда нокифоя ба назар мерасанд. Вазифаи марказии ахлоқи компютерӣ муайян кардани он аст, ки мо дар чунин ҳолатҳо бояд чӣ кор кунем, яъне мо бояд сиёсатеро барои роҳнамоии амалҳои худ ташаккул диҳем”.[1]

Дар худи ҳамин китоб Ҷ.Мур овардааст, ки технологияи компютерӣ воқеан инқилобӣ аст, зеро он “аз назари мантиқӣ тағйирпазир аст”, ба он маъно, ки онҳоро барои иҷрои ҳама гуна фаъолияте, ки дар истилоҳоти воридоту содирот ва амалиёти мантиқӣ тавсиф додан мумкин аст, ташаккул ва ба кор бурдан имкон дорад. Ӯ таъкид мекунад, ки азбаски мантиқ дар ҳама ҷо татбиқ карда мешавад, истифодаи қудратии технологияи компютерӣ беохир ба назар мерасанд ва компютер наздиктарини абзори куллӣ (универсалӣ) мебошад ва ҳудуди компютерҳо, асосан маҳдудиятҳои эҷодиёти худи инсон аст. Мувофиқи ақидаи Ҷ.Мур инқилоби компютерӣ дар ду марҳила сурат мегирад: марҳилаи аввал – ин давраи “воридшавии технологӣ” мебошад ва он давраи рушд ва такмилёбии технологияи компютерӣ мебошад.

[1] Moor J.H. (1985), “What Is Computer Ethics?” in Terrell Ward Bynum, ed. (1985), Computers and Ethics, Basil Blackwell, p. 266.

Ин давра аллакай дар Амрико дар давоми чил соли аввали пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рӯй дода буд. Марҳилаи дуввум - давраест, ки олами саноатӣ (индустриалӣ) ба он дар замонҳои наздик ворид гардидааст ва он марҳилаи "дахолати технологӣ" мебошад, яъне ҳангоме, ки технология ба фаъолияти ҳаррӯзаи инсон ва ниҳодҳои иҷтимоӣ дахолат намуда, маъно ва моҳияти мафҳумҳои бунёдиеро ба монанди "пул", "маориф", "кор" ва "интихоботи одилона" тағйир медиҳад. Усули муайян кардани соҳаи ахлоқи компютерии Ҷ.Мур хеле тавоно ва ҳидояткунанда бар пояи андешаронӣ аст. Он ба ҳадде васеъ аст, ки бо доираи васеи назарияҳо ва методологияҳои фалсафӣ мувофиқ буда метавонад ва ба идроки амиқи он, ки чӣ гуна инқилобҳои технологӣ ба амал меоянд, асос ёфтааст.

Ин таъриф дар айни замон беҳтарин намунаи он дар соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, роҳи дигари идроки ахлоқи компютерӣ ҷой дорад, ки он низ хеле муфид аст ва бо доираи васеи назарияҳо ва равишҳо мувофиқ аст. Ин равиши дигар ба муҳаққиқи солҳои 90-ум қарни XX Д.Готтербарн мутааллиқ мебошад, ки ба андешаи ӯ ахлоқи компютериро бояд ҳамчун як шохаи этикаи касбӣ баррасӣ кард, ки он пеш аз ҳама, ба қолабҳои фаъолият ва қоидаҳои рафтору кирдори мутахассисони соҳаи техникаи ҳисоббарор дахл дорад: "Ба соҳаи этикаи касбӣ - арзишҳое, ки фаъолияти ҳамарӯзаи мутахассисони ҳисоббарорро дар нақши касбии онҳо муайян мекунанд, таваҷҷуҳи кам зоҳир карда мешавад. Таҳти мафҳуми мутахассисони соҳаи техникаи ҳисоббарор ман ҳамаи онҳоеро дар назар дорам, ки дар тарҳрезӣ ва таҳияи аҷзои компютерӣ ширкат меварзанд... Тасмимҳои ахлоқӣ, ки ҳангоми коркарди ин аҷзо қабул карда мешаванд, ба масъалаҳои зиёде дахл доранд, ки дар чаҳорчӯбаи консепсияи нисбатан васеътари ахлоқи компютерӣ ворид ҳастанд".[1]

Новобаста аз он, ки кадом таърифи нави этикаи компютерӣ мавриди интихоб қарор мегирад, роҳи беҳтарини дарки моҳияти ин соҳа мушоҳида

[1] Gotterbarn D. (1991) "Computer Ethics: Responsibility Regained," National Forum: The Phi Beta Kappa Journal, Vol. 71, 26-31.

намудани баъзе намунаҳои масъалаҳо ва мушкилотест, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва олимонро ба худ ҷалб мекунанд. Масалан, мавзуъҳои зерин: компютерҳо дар ҷойи кор, ҷинояткории компютерӣ-иттилоотӣ, махфият ва асрори иттилооти компютерӣ, моликияти зеҳнӣ, масъулияти касбӣ, ҷаҳонишавӣ ва иттилоот, метаэтикаи компютерӣ-иттилоотӣ ва ғайра дар таҳқиқоти муҳаққиқони муосир нақши барҷаста доранд.

Воқеан, дар дар ин ҷо мо ба ду мафҳум бархӯрд мекунем: ахлоқ ё этикаи компютерӣ ва ахлоқ ё этикаи итиллоотӣ-технологӣ (дар замони имрӯза ҳатто мафҳуми нав ғ ахлоқи кибернетикиро низ ба кор мебаранд). Агар дар бораи ахлоқ (этика)-и компютерӣ маълумоти кофӣ ҳосил карда бошем, зарур аст, ки дар хусуси ахлоқ (этика)-и иттилоотӣ ва кибернетикӣ ва омилҳои пайдоиши онҳо низ баҳсҳои муҳаққиқонро ҷамъбаст намоем. Мафҳуми "ахлоқи иттилоотӣ"-ро новобаста аз он ки дар адабиёти пешина ҳам дар шакли пароканда вохӯрдан мумкин аст, дар доираи низоми муайян бори аввал файласуфи итолиявӣ Л. Флориди – муҳаққиқи соҳаи фалсафаи иттилоот ва ахлоқи иттилоотӣ ба адабиёти илмӣ ворид намудааст. Ӯ дар асараш "Ахлоқи иттилоотӣ: дар бораи асосҳои фалсафии ахлоқи компютерӣ", чуноне ки олимони рус Г.П. Отютский ва О.К. Шипунов қайд кардаанд, вазифаи ахлоқи иттилоотиро ҳамчун кӯшише барои "аз нуқтаи назари ахлоқӣ баҳогузорӣ намудани ҳар гуна иттилоот" муайян намуда, ҷанбаи арзишҳои ахлоқи иттилоотиро ҷудо мекунад. Дар номгӯи китоби ӯ ахлоқи компютерӣ ва иттилоотӣ ба ҳам наздик дода шудааст. Ва ин мисол хосс аст, зеро аксарияти муҳаққиқони ғарбӣ падидаи ахлоқи иттилоотиро фақат ба марҳилаи муосири рушди ҷомеа пайванд медонанд".[1]

Ахлоқи иттилоотиро дар баъзе ҳолатҳо Л. Флориди "макроэтика" низ номидааст ва ин мафҳумро бештар ҳамчун шакли ахлоқи экологӣ низ маънидод мекунад ва онро дар нисбати мавҷудоти зинда то ба объектҳои

---

[1] Отюцкий Г.П., Щипунов О.К. Информационная этика как понятие и как социальное явление: методологический анализ // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики Тамбов: Грамота, 2016. № 3(65): в 2-х ч. Ч. 1. С. 132-133.

иттилоотӣ, яъне ҳама чиз мавриди истифода қарор медиҳад. Ба андешаи ӯ, ҳамаи объектҳои иттилоотӣ ҳадди ақал арзиши ахлоқӣ доранд ва аз ин рӯ метавонанд мавзуи ахлоқӣ бошанд. Мавҷудоти ғайриинсонӣ, аз ҷумла низомҳои ҳайвонот ва системаҳои компютерӣ, низ метавонанд мавзуъҳои ахлоқӣ бошанд, ба шарте ки агар мафҳуми масъулияти ахлоқӣ аз мафҳуми озодии иродаи ахлоқӣ ҷудо шуда бошад. Дар маҷмуъ, чор принсипи асосии ахлоқи иттилоотии Л.Флориди маълум аст: 1) энтропия (дараҷаи бебозгаштӣ, ғайриидеалии раванди воқеӣ) набояд дар соҳаи иттилоотӣ пайдо шавад; 2) энтропия дар соҳаи иттилоотӣ пешгирӣ карда шавад; 3) энтропия аз соҳаи иттилоотӣ хориҷ карда шавад; ва 4) ба шукуфоии объектҳои иттилоотӣ, инчунин тамоми соҳаи иттилоотӣ тавассути ҳифз, рушд ва ғанисозии хосиятҳои онҳо мусоидат намоянд. Ҳамин тариқ, муоширот ва назорат ба моҳияти ҳаёти ботинии инсон ва инчунин ба зиндагии ӯ дар ҷомеа тааллуқ дорад.

Аз нигоҳи фалсафӣ бошад, Л. Флориди ахлоқи иттилоотиро ҳамчун бахши ахлоқи экологӣ мешуморад ва ӯ ба муҳити атроф, инчунин технологияи иттилооттӣ ва низоми иттилоотиро бо дар назардошти низоми арзишҳои онҳо низ ворид мекунад. Дар муқоиса бо муҳаққиқони дигар, ӯ мутмаин аст, ки дар давраи теънологияҳои рақамӣ мақулаи “ахлоқи компютерӣ” ва “ахлоқи иттилоотӣ” ҳамон як маъниро доро мебошанд. Чуноне ки М.А.Дедюлина қайд намудааст, Л.Флориди се навъи ахлоқи вобаста ба иттилот ва технологияро ҷудо кардааст: “Ахлоқи иттилоотӣ – ҳангоме, ки иттилоот мавриди истифода қарор мегирад (иттилоот ҳамчун манбаъ); ахлоқи иттилоотӣ – ҳангоме, ки иттилоот тавлид меёбад (иттилоот ҳамчун маҳсулот); ахлоқи иттилоотӣ – ҳангоме, ки муҳити иттилоот зери таъсир қарор мегирад (иттилоот ба ҳайси ҳадаф). Консепсияи онтологии ӯ арзиши иттилоотро барои ҳар як объект дар муҳити иттилоотӣ муқаррар

месозад. Ӯ, инчунин қайд мекунад, ки технология ба сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии ҳаёти одамон таъсир мерасонад”.[1]

Навовариҳои асосии илмӣ ва технологӣ аксар вақт оқибатҳои амиқи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд. Масалан, дар Аврупо дар асрҳои XVI-XVII Коперник, Нютон ва дигар олимон манзараи нави Оламро таҳия карданд. Ин дастоварди бузурги илмӣ боиси афзоиши эҳтиром ба илм ва қудрати тафаккури инсон гардид. Дар ҳамон давра, технологияи навтаъсиси ҷиҳози чопӣ имкон дод, ки дониш дар саросари Аврупо паҳн шавад, ба ҷойи он ки онро мисли пештара дар дасти ақаллиятҳои имтиёзноки олимон маҳфуз гузорад. Аз ин дастовардҳои илму техника илҳом гирифта, файласуфҳое ба монанди Гоббс, Локк ва Руссо табиати инсонӣ ва идеяи ҷомеаи хубро таҷдиди назар намуда, одамонро ҳамчун қувваҳои ақлоние ҳисоб мекарданд, ки онҳо қодиранд мустақилона андеша ронанд ва тавассути илму китоб дониш гиранд, ҷомеаро, бошад, ҳамчун эҷоди шаҳрвандони дорои иттилоот ва оқиле шарҳ медоданд, ки бо ҳам тавассути шартномаҳои иҷтимоӣ ҳамкорӣ менамоянд. Ин таҳаввулоти фалсафӣ ба назарияҳои ахлоқӣ, ба мисли назарияҳои Бентам ва Кант, инчунин тағйироти сиёсӣ, ба мисли инқилоби Амрико ва инқилоби Фаронса асос гузоштанд. Имрӯзҳо бошад, дар пояи дастовардҳои назарраси илмӣ дар илмҳои физика, биология ва кибернетика ва пас аз дастовардҳои технологии охир дар ҳисоббарории рақамӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ, файласуфон бори дигар табиати инсон ва ҷомеаро аз нав баррасӣ мекунанд. Тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) фаъолиятҳои бисёреро, ки мо дар асри XXI дар олами тиҷорат, молия, нақлиёт, тандурустӣ, илм, маориф, идоракунӣ, алоқа, таъминоти энергия, истеҳсоли саноатӣ, мудофиа ва ғайра анҷом медиҳем, қаблан имконнопазир буданд. Компютерҳо воситаи зарурии коркарди ҳамаи лоиҳаҳои азим ва кӯшишҳои мураккаби мо барои ҳадафҳои дигар гардидаанд. Баъзе мушкилоти асосии ахлоқии ҷомеаҳои иттилоотӣ дар ибтидои асри XXI ба

[1] Дедюлина М. А. Компьютерная этика: философский анализ // Киберантропология. Философские проблемы информационных технологий и киберпространства. № 1 (11), июнь 2016. С. 82.

сифат ва эътимоднокии иттилоот, назорат ва идоракунии Интернет, масъулият барои коркарди маълумот, моликияти нармафзор, махфият ва ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ғайра дахл доранд. Ҳамчунин мушкилоти марбут ба қудрат ва бартарияти ҳизбҳои тиҷоратӣ, дастрасии баробар ва тақсимоти одилонаи иттилоот вуҷуд дорад. Маҷмуи нисбатан нави масъалаҳо ба тарзи воридшавии технология ба ҳаёти ҳаррӯзаи мо дахл дорад ва ба рушди ахлоқии кӯдакон ва ҷавононе, ки бо технология ва мундариҷаи пешниҳоднамудаи тӯлонӣ ва шадид дучор шудаанд, таъсир мерасонад. Ин рӯйхат пурра нест ва дар баробари рушди технология масъалаҳо ва мушкилоти нав доимо ба миён меоянд. Чунин масъалаҳо ва мушкилот дар мубоҳисаҳои ошкоро ҷойи намоёнро ишғол намуда, дар арсаи сиёсат таваҷҷуҳи хосс ва одатан танзими онро талаб мекунанд, зеро эҳтимолан ба ҳаёт ва манфиати бисёриҳо таъсир расонида тавонад. Масалан, чуноне ки А.Н.Балашов қайд мекунад, технологияи иттилоотӣ дар сиёсат мисли технологияҳои сиёсӣ дар маҷмуъ на фақат бо технологияҳои интихоботӣ маҳдуд мешавад ва технологияҳои иттилоотӣ на фақат дар муборизаҳои сиёсӣ, балки барои таҳия ва қабули қарорҳо дар соҳаи сиёсат, баланд бардоштани самаранокии идоракунии субъектҳои сиёсат (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра) ба кор бурда мешаванд. Дар идомаи ин андешаҳояш муҳаққиқи мазкур илова мекунад: “Бузургтарин муваффақият дар амалияи кишварҳои пешрафта татбиқи ҳукумати электронӣ мебошад, ки роҳи нави ҳамкориро дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хадамоти давлатӣ муайян мекунад. Ҳадафҳои асосии ҳукумати электронӣ инҳоянд: беҳтар намудани хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ ва тиҷорат; баланд бардоштани дараҷаи иштироки ҳамаи интихобкунандагон дар равандҳои идоракунии кишвар; дастгирӣ ва тавсеаи имкониятҳои худхизматрасонӣ ба шаҳрвандон; боло бардоштани огоҳии технологӣ ва тахассуси шаҳрвандон ва ғайра”.[1]

[1] Балашов А.Н. Информационные технологии в политике: сущность, содержание и классификация //Среднерусский Вестник общественных наук. Политология: актуальные аспекты. № 2, 2014. С. 88.

ТИИ дорои хосиятҳоест, ки тасмими инсонро дар нисбати ҷавобҳо ба саволҳои ахлоқие, ки онҳо ба миён меоранд, душвор месозад ва албатта он як технологияе нест, ки агар аз мушкилот ва натиҷаҳои кори он ноҳоҳат бошем, метавонем онро хомӯш созем ё ба сӯйе партоем. Таҷҳизоти маъмулии маишӣ ва ашёҳои оддӣ имрӯзҳо компютерҳо мебошанд ва аксар вақт тавассути технологияҳои шабакавии бесим бо ҳам пайваст мешаванд. Ҳар чӣ бештар ашёи маишии ҳаррӯза ва артефактҳои дигар дар шабакаи интернети ашё ҳамроҳ шаванд, ҳамон қадар дар ниҳояти кор бо интернети аз ҷониби одамон истифодашаванда пайваст хоҳанд гашт. Дар муошират аз тариқи компютерҳо ё асбобҳои иттилоотӣ ва дастгоҳҳои иртиботӣ вазифаҳои бештар ва амиқтар ба миён меоянд. Технология ва инфрасохтори ҳамаҷониба тамоюли омезиш бо хусусиятҳои шабеҳи парда пайдо намуда, нимшаффоф мегарданд ва аз оинаи назоратии радарҳоямон нопадид мезананд, ки баҳогузории нақши онҳоро душвор месозанд. Масъалаҳое, ки дар сатҳи дастгоҳҳои технологӣ-компютерӣ ҳаллу фасл мешаванд, ҳама чизро барои бо рамз ифода шудани онҳо маҷбур карда метавонанд. Инсон метавонад ҳамон як ҷиҳози иттилоотиро барои пешгӯии обу ҳаво, тақсим кардани нерӯи барқ дар як қисми кишвар, ба корхонаҳои истеҳсолӣ, бойгонии маълумоти ҳукумат ва ғайра истифода барад. Аз ин рӯ, мушоҳида намудани унсурҳои умумӣ дар зуҳуроти бисёр ва татбиқи ТИИ дар амалия аксаран кори душвор аст.

ТИИ як навъи мета-технология, яъне технологияест, ки дар таҳия ва истифодаи технологияҳои дигар ҳамчун як ҷузъи муҳимми инфиродӣ ба кор меравад. Он ба инсон кӯмак мерасонад,  ки мошин ронад, тасвирҳои тиббӣ созад, бензин истеҳсол кунад ва молҳои тиҷоратиро ба ақсои олам интиқол бидиҳад. Ин метавонад воқеиятеро пӯшонад, ки аз мушкилоте бармеояд, ки бо технологияи сатҳи аввал айният дода шуда, дар асл, мушкилоти вобаста ба мета-технология мебошад. Технологияи компютерӣ фаъолиятҳоеро, ки тавассути он татбиқ мешаванд, муттаҳид мекунад. ТИИ аксаран ҳамчун як технологияи таъминкунанда тавсиф меёбад ва албатта гуфтан дуруст аст, ки ин ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти нав ва корҳои кӯҳнаро бо тарзҳои нав

анҷом диҳем, аммо дар ин ҷо бояд воқеияте пинҳон намонад, ки дар ҳар ҷойе, ки ТИИ ҷорӣ карда мешавад, онҳо таҷрибаи пешинаи моро тағйир медиҳанд, мубоҳисаҳо, муносибатҳо ва таҷрибаҳои моро ба таври оддӣ дигаргун месозанд ва қисман бахши таркибии амалияҳои нав мегарданд. Онҳо, масалан, дар соҳаи тандурустӣ истифода мешаванд ва нигоҳубини тиббӣ ба таври куллӣ тағйир ёфтааст истифодаи онҳо дар соҳаи илму маориф ба ҳолате оварда мерасонад, ки илм ва таълим ҳеҷ гоҳ ба шакли пештарааш боқӣ нахоҳад монд; интернет ва шабакаи иттилоотии умумиҷаҳонӣ дар ҳаёти кӯдакон ҷорӣ шудааст, ки ҳаёти онҳо аз кӯдакии одамоне, ки бе ягон бозиҳои компютерӣ ва сайтҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ба воя расидаанд, фарқияти куллӣ дорад. Дар иртибот бо ин масъалаҳо муҳаққиқони рус А.И.Комаров ва В.М.Панченко менависанд, ки "таҳлили воситаҳои компютерии таълим, инчунин низоми вазифаҳои педагогие, ки дар ин замина ҳаллу фасл мешаванд, таъсири технологияҳои иттилоотиро ба тақсими нақшҳо дар байни иштирокчиён ва ташкилкунандагони раванди таълим, такмили механизмҳои ҷамъоварӣ, коркард ва муаррифии иттилоот, афзалияти вазифаҳои назорат ва баҳогузории сатҳи дониш ва маҳорати истифодабарӣ аз васоити компютерии таълим нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки ба асоси методҳои таҳқиқ ва коркарди  васоити компютерии таълим бунёд гузоштани методологияи тамоюлоти сохтории рушди низомшиносӣ, усулҳои таҳқиқи даврият дар тафсири методологияи муҳандисии системавӣ, натиҷаҳои тадқиқот дар соҳаи педагогикаи эҷодӣ ва психологияи маърифатӣ зарур аст".[1]

Коркарди низомҳои иттилоотӣ ва идоракунии лоиҳаҳо аз ҷониби С.Роҷерсон ва Т.Байнум низ дар бораи ҷорӣ намудани ахлоқ дар таҳияи низомҳои иттилоотӣ ва идоракунии лоиҳаҳо ёдовар мешаванд. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки аз нуқтаи назари "техно-иқтисодӣ" ба равиши "техно-иҷтимоию иқтисодӣ" дар идоракунии лоиҳа гузаранд ва ин нуқтаи

[1] Комаров А.И., Панченко В.М. Ообенности реализации интерактивного обучения // Современные информационные технологии и ИТ-образование. Т. 1 (№ 11), 2015. С. 195.

назарро чанд муаллифи дигар, монанди Д. Ависон ва Д. Уилсон[1], Р.Л.Васкервилл и А.Т.Вуд-Харпер[2] ва дигарон пуштибонӣ намуда, методологияҳои мавҷудаи коркардро таҳлил ва пешниҳодҳояшонро дар бораи равишҳои нисбатан масъулияти ахлоқӣ ҳангоми қабули қарорҳо, ки дар навбати худ аз назарияи арастуӣ илҳом гирифтаанд, пешкаш намудаанд. Барҷастатарини онҳо методологияи ахлоқ аст, ки онро Е.Мамфорд таҳия кардааст. Е.Мамфорд аҳамияти ин методологияро таъкид намуда, онро аз панҷ самти асосии ниёзҳои кормандон иборат медонад: касби дониш (омӯхтани чизҳои нав), ҷанбаи психологӣ (талабот ба эътироф), самаранокӣ (талабот ба дастгирӣ ва назорат), ахлоқӣ (адолат) ва сохтори вазифа. Талаботи корманд ва эҳтиёҷоти корфармо дар ниҳояти кор бояд баробар қонеъ карда шаванд.[3]

Ахлоқи муосири иттилотӣ ва компютерӣ мавзуъҳои анъанавӣ, аз қабили ҷиноятҳои иттилоотӣ-компютерӣ, махфӣ ва пинҳон будани иттилоот, озодӣ, ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, масъулияти касбӣ ва амсоли онҳоро вобаста ба масъалаҳои нави ахлоқӣ баррасӣ менамояд. Рушди технология боиси пайдоиши мушкилоти нав дар соҳаҳои номбаршуда ва намудҳои комилан нави мушкилот мегардад. Навовариҳои технологӣ маъмулан масъалаҳои ахлоқиро на дар як, балки якчанд соҳаҳо матраҳ месозад. Инчунин, имкон дорад, ки масъалаҳои ахлоқи иттилоотӣ-компютериро ба маънои анъанавии ин истилоҳ ба майдони баҳс кашид, зеро онҳо ба ҳамкории инсон ва компютер, ба дастгоҳҳои иттилоотӣ-компютерӣ, робототехника ва ғайра иртибот доранд. Дар тӯли таърихи рушди Интернет мафҳумҳо ва истилоҳоти нави вобаста ба он арзи вуҷуд кардан гирифтанд, ки яке аз онҳо Интернети ашё (ба англ. – “Internet of Things” ва ба русӣ – “Интернет вещей”) мебошад (дар илми муосир шакли мухтасари онро бо ҳарфҳои IoT ишора мекунанд ва минбаъд мо низ ҳамин ихтисораро ба кор мебарем). Асосгузори Шӯрои

[1] Avison, D. and Wilson, D. N. (2002): “IT Failure and the Collapse of One.Tel” in Traunmuller, R. (ed.): Information Systems: The e-Business Challenge, Kluwer, pp 31-46.
[2] Baskerwille R.L. and Wood-Harper A.T. (1998) Diversity in information systems action research methods. European Journal of Information Systems 7(2), 90-107.
[3] Mumford, E. (1983) Designing participat0ively. Manchester, England: Manchester Business School.

аврупоии “Интернети ашё” Р. ван Краненбург дар ҳамроҳӣ бо А.Басси тасдиқ мекунанд, ки мушкилоти вобаста ба Интернети ашёро наметавон бо механизмҳои мавҷудаи сиёсат ва барномаҳои тадқиқотӣ ҳаллу фасл кард, зеро суръати кории онҳо хеле суст ва хусусияти абзорӣ доранд.[1] Ба ҳамин монанд, Д. Попескул ва М. Георгеску масъалаҳои ахлоқии IoT - ро, ки ба ҳассосияти маълумот, иттилоот ва донишҳои интиқолшаванда иртибот доранд, таъкид мекунанд. Бо фаъолияти IoT истифодаи васеъ аз дастгоҳҳои сенсорӣ (ҳассосӣ) зич алоқаманд аст. Низомҳои электронии сенсорӣ (камераҳо, детекторҳои инфрасурхи ғайрифаъол ва ғайра) дар низомҳои амниятӣ ба таври васеътар маъмуланд, аммо онҳо муддати тӯлонӣ ба интернет ё шабакаҳои дигар пайваст нашуда буданд. Дар иртибот бо ин чунин ду навъи техникаи сенсориро ҷудо кардан мумкин аст: дастгоҳҳои сенсории устувор (статикӣ), ки дар ҷойи муайян насб карда шудаанд ва дастгоҳҳои сенсории мобилӣ, ки дастгоҳҳои шахсӣ буда, бо соҳиби он фаъолият мекунанд. Дар баробари сенсорҳои анъанавӣ, намудҳои нави дастгоҳҳои сенсории шабакавӣ мавҷуданд, ки ҳатто дар утоқҳои истиқоматӣ низ насб карда шудаанд - масалан, Microsoft Kinect. Истифодаи васеи ин дастгоҳҳо саволҳои навро дар бораи даxолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ ба миён овардааст.

Ҳамчунин дар тӯли рушди Интернет шумораи афзояндаи дастгоҳҳои нави сенсории мобилӣ / интиқолшаванда ба вуҷуд омаданд, ки аксари онҳо ба интернет бо ин ё он тарз мустақиман ё тавассути телефони мобилии шабакавӣ ё компютери фардӣ пайваст мешаванд. Ин дастгоҳҳои сенсории интиқолшаванда маълумоти марбут ба саломатии инсон ва маълумоти биометрӣ (масалан, шумораи афзояндаи “дастпонаҳо-фитнес”) ё пайваста маълумоти аудиовизуалӣ ба монанди Google glass ё “экшн-камераҳо”-ро сабт мекунанд.

Бо сенсорҳои нав таҷҳизоти навтарин ва мушкилоти робототехника низ иртибот доранд. Яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза технологияи пайдоиш ва

---
[1] van Kranenburg, R., & Bassi, A. (2012). IoT challenges. Communications in Mobile Computing, 1(1), 1-5.

рушди ҳавопаймоҳои бесарнишин мебошад. Таҳқиқоти зиёди ахлоқӣ ба масъалаи истифодаи дронҳо барои ҳадафҳои низомӣ бахшида шудаанд. Масалан, М. Коэкелберг таҳлил мекунад, ки ҷанги дронҳои бесарнишин на танҳо масофаи ҷисмонӣ, балки ахлоқиро ба вуҷуд меорад, ки он "нобуд кардани рақибро осон мекунад". Истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин барои ҳадафҳои ғайриҳарбӣ таҳти санҷиши мураккаби ахлоқӣ дучор намегардад. Дар ин раванд, ба андешаи муаллиф, дар истинод бар «Ахлоқи Никомах"-и Арасту, байни ду шарти масъулият фарқ гузоштан мумкин аст: ба ақидаи Арасту шахс набояд ба иҷрои коре маҷбур карда шавад (шарти озодӣ / назорат) ва набояд дар бораи коре, ки иҷро мекунад, бехабар намонад, ба ибораи дигар, ӯ бояд донад, ки чӣ кореро анҷом медиҳад.[1] М.Коэкелберг дар идомаи ин матлаб қайд мекунад, ки муҳокимаи шарти аввал дар нисбати бесарнишин (дрон) бо дар назардошти рушди бесарнишинҳои нисбатан мустақилпарвоз хеле ҷолиб аст, Шарти дуюм шарти мантиқии эпистемӣ буда, ҳолати аз ҷониби инсон идора шудани ҳавопайморо дар назар дорад. Муҳаққиқ илова мекунад: "Чунин ба назар мерасад, онҳое, ки кушторро аз масофаи дур ба иҷро мерасонанд, масалан бомбаборон кардани Хиросима ё дар мисоли ҳавопаймоҳои бесарнишин, шарти дуюмро қонеъ намекунанд: аз сабаби масофаи дур онҳо оқибатҳои амали худро дар нисбати одамони рӯйи замин - қурбониёни эҳтимолӣ ва ғайримақсаднок намедонанд. Аз ҷумла, агар мо фарз кунем, ки бо тасаввур кардани хештан ба ҷойи каси дигар масъулияти ахлоқиро бар дӯш гирифтан мумкин аст, пас, оқибати ин норасоии мушаххаси дониш, чунин ба назар мерасад, дар он ифода меёбад, ки халабонон наметавонанд ба одамони дар ҳолати ҳамдардӣ қарордошта посух диҳанд ва аз ин рӯ, наметавонад масъулияти маънавии худро барои амалҳояшон бар дӯш гиранд".[2]

Интернет, инчунин асъори пулии рамзпоя (криптовалюта)-и маҷозиро ба вуҷуд овард. Пайдоиши асъори маҷозие ба монанди биткоин низ масъалаҳои

[1] Аристотель. Сочинения: В 4-х т. Т. 4 / Пер. с древнегреч. Общ. ред. А.И. Доватура. - М., 1983. - С. 93.
[2] Coeckelbergh M. Drones, information technology, and distance: mapping the moral epistemology of remote fighting // Ethics Inf Technol (2013) 15: 88-89.

ахлоқии таҳқиқнашударо ба миён меорад ва ин масъала махсусан дар байни иқтисоддонҳои муосир таҳти баҳсҳои амиқ қарор гирифтааст. Иқтисоддони амрикоӣ П.Р. Кругман тамоми низоми пардохти арзии рамзпояро ба он муттаҳам мекунад, ки биткоин “шарр” аст.[1] Иқтисоддонҳои дигари амрикоӣ Ҷ.Ҷ. Энгел ва Д. Маккаби  шаклҳои пардохт – асъори коғазӣ, пластикӣ ва маҷозиро муқоиса карда, ба хулосае омадаанд, ки байни пардохткунанда ва қабулкунандаи ин асъор аксаран муносибатҳои ғайримутавозӣ вуҷуд доранд ва аз ин рӯ, адолатро дар ин шаклҳои пардохт зери шубҳа мегузоранд. Ба ақидаи онҳо, механизмҳои пардохт аз ҷиҳати ахлоқӣ бетараф боқӣ мемонанд ва метавонанд ба таври ахлоқӣ ё ғайриахлоқӣ мавриди истифода қарор гиранд.[2] Дар муқоиса бо ақоиди иқтисоддонҳо мутахассисони соҳаи коппютер ин масъалаҳоро аз диди худашон баррасӣ мекунанд. Масалан, олимони даниягии соҳаи компютер Ҷ.А. Бергстра ва К. де Леу дар таҳлили худ бо дарки моҳияти худи биткоин маҳдуд нашудаанд. Онҳо биткоинро ҳамчун пулҳои иттилоотии техникӣ (ПИТ) тасниф намуда, мафҳуми пулҳои иттилоотиро, ки коркард кардани онҳо имкон дорад, таҳқиқ мекунанд ва он пулҳои сирф иттилоотӣ (ПСИ) мебошанд. Онҳо як таҷрибаи фикриро пешниҳод мекунанд, ки ба битгюлдер (bitguilder), нусхаи маҷозии биткоин, ки ба ПИТ мувофиқат мекунад, баррасӣ менамоянд. Дар мақолаи онҳо, инчунин таҳлили ахлоқи тиҷоратии биткоин, ки як қатор мушкилотро эҷод мекунад, оварда шудааст.[3]

Дар замони муосир технология иттилоотӣ, инчунин мушкилоти дигари ахлоқиро ба вуҷуд овардааст, ки дар миёни онҳо Linked Data – дар иттилоот маҷмуи маълумоти ба ҳам пайваста дар дохили шабакаи умумиҷаҳонии иттилоот, ки ҳадафи он интишори маълумоти сохторӣ дар шакли қолабӣ мебошад, ки метавонанд бо ёрии веб-технологияҳои мунташирёфта бо ҳам пайваст ва мавриди истифода қарор гирифта, дар ниҳояти кор ба қолабҳои

---

[1] Krugman, P. R. (2013). Bitcoin is evil. New York Times, December 28, 2013.

[2] Angel, J. J., & McCabe, D. (2014). The Ethics of Payments: Paper, Plastic, or Bitcoin?. Journal of Business Ethics, 1-9.

[3] Bergstra, J. A., & de Leeuw, K. (2013). Bitcoin and Beyond: Exclusively Informational Monies. arxiv preprint arxiv:1304.4758. URL: http://arxiv.org/pdf/1304.4758v3.pdf. Рӯзи руҷуъ 23.03.2020.

интернетӣ ба мисли HTTP, URI ё PDF табдил ёбанд. Ин равиш бо консепсияи Big Data (технологияҳое, ки барои кор бо миқдори зиёди маълумот пешбинӣ шудаанд) ва дастовардҳо дар алгоритмҳои омӯзиши техникӣ робита дорад. Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаи ахлоқӣ дар ин самт ҳоло ҳам вуҷуд надоранд, дар ҳоле ки бо афзоиши миқдори маълумоти дар интернет мавҷудбуда ва бо ҳам алоқаманд, таваҷҷуҳи бештар ба зеҳни сунъӣ ва огоҳии афзоянда аз нигарониҳои эҳтимолии ахлоқии он дода мешавад. Олими машҳури астрофизика С.Ҳокинг изҳор доштааст, ки “рушди зеҳни сунъии мукаммал метавонад боиси поён ёфтани вуҷудияти насли инсонӣ гардад”[1]. Монанди ӯ роҳбарони ширкатҳо, ба монанди Е. Маск - сардари Tesla Corp. ё Б.Гейтс - муассиси Microsoft зеҳни сунъиро бароиояндаи инсоният хатар мешуморанд. Ҷ.Таллин аз Маркази омӯзиши хатари мавҷудбуда ва Пажӯҳишгоҳи ояндаи ҳаёт бар ин назар аст, ки зеҳни сунъии муосир ба гумон аст, ки таҳдиде эҷод кунад, аммо системаҳои оянда, ки фарозеҳн (superintelligence)-и сунъӣ ном доранд, метавонанд хатари ҷиддиро ба бор оранд. Низомҳои зеҳни сунъӣ ба монанди Alexa Amazon, IBM's Watson ва Google Brain заррае аз ин низомҳои зуҳурёбанда мебошанд, ки онҳо барномаҳои гуногуни иттилоотӣ, миқдори зиёди маълумот ва алгоритмҳои пешрафтаи омӯзиши техникиро муттаҳид мекунанд. Ҷорӣ намудани “ёрдамчиёни шахсии” маҷозӣ дар шакли нармафзори дар телефонҳои мобилӣ ҷойгиршуда (масалан Apple Siri, Microsoft Cortana, Google Now) навовариҳои назарраси технологиро ифода мекунад, аммо мушкилоти ҷиддии ахлоқиро низ ба миён меоранд. Баъзе мушкилоти эҳтимолӣ, ба монанди нақзи ҳуқуқи инсон, ки ба ҳайси намуна барои шахсиятҳои маҷозӣ истифода бурда шудаанд, дар таҳқиқоти Б.Д. Вэссом мавриди муҳокима қарор гирифтааст.[2] Инчунин масъалаҳои ахлоқӣ бо табиати ба барномаҳои хоссаи компютерӣ ва интернетӣ асосёфта арзи вуҷуд менамоянд: ҳар як ҳамкории корбарон ба

[1] Ниг: Cellan-Jones R., Hawking S. Will AI Kill or Save Humankind, BBC (Oct. 20, 2016). https://docplayer.net/52388251-Ex-machina-copyright-protection-for-computer.html
[2] Wassom, B. (2014). Augmented reality law, privacy, and ethics: Law, society, and emerging ARtechnologies. Waltham, MA: Syngress.

маркази ҳисоббарории провайдер фиристода мешавад, таҳлил карда мешавад ва натиҷаҳо ё ҷавобҳо ба дастгоҳ баргардонида мешаванд. Ин тарзи фаъолият ногузир хатари ҷиддии дахолатнопазирӣ ва амнияти шахсии афродро ба бор меорад ва он масъалаест, ки дар бораи он бозрасӣ ва арзёбии мукаммал ва мушаххаси ахлоқӣ то ҳол гузаронида нашудааст.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае мерасем, ки ахлоқи иттилоотӣ-компютерӣ барои муҳокимаи мушкилоти ахлоқии ҷомеаи муосири инсоният мусоидат мекунад, ки онҳоро дар доираи назарияи этикаи муқаррарӣ ҳаллу фасл кардан осон нест, аммо онҳо то ба ҳол дар ҳаёти ҳаррӯзаи корбарони компютер муҳим арзёбӣ мегарданд. Чунин мубоҳисаҳо метавонад боиси таҳияи қоидаҳои умумиахлоқӣ гардад, ки принсипҳои ихтиёрӣ ва дар доираи манфиатҳои умумӣ қабулшудаи танзими рафтори инсон мебошанд ё ҳатто боиси қабули қонунҳои наве мешаванд, ки онҳо аз ҷиҳати ахлоқӣ ниҳоят муҳимманд. Ба ҳайси нуқтаи ибтидоии чунин баҳсҳо дар ин бахши таҳқиқотиамон шарҳи таърихи пайдоиш ва рушди ахлоқи компютериро ҳамчун як объекти таҳқиқотӣ, ки дар тӯли қариб як аср идома меёбад ва ҳоло болоравии экспоненсиали (зиёдшавии қимати ададӣ ҳангоме ки агар суръати афзоиш ба арзиши худи ҳамин қимат баробар аст)-ро аз сар гузаронда, пешгӯиҳои навро дар бораи масъалаҳои ахлоқии технологияҳои компютерро пешниҳод мекунад.

## 1.2. ТАШАККУЛИ ФАЗОИ ТЕХНОЛОГӢ-ИТТИЛООТӢ ВА МУШКИЛОТИ АХЛОҚИИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ба тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсон ворид шуда, дар муқобили арзишҳои иҷтимоӣ, ки устувор ва тағйинаёбанда ба назар мерасанд, чолиши бузург эҷод мекунанд. Дуруст аст, ки технологияи компютерӣ, Интернет ва шабакаи ҷаҳонии иртиботӣ имкониятҳои глобалиеро фароҳам овардаанд, ки қаблан барои ашхос ва созмонҳои алоҳида дастрас набуданд. Аммо ин ҳам дуруст аст, ки мушкилоти нави ахлоқӣ ба миён омаданд, зеро тағйироте, ки бар асари ТИИ рӯйи кор омаданд, ба муносибатҳои инсонӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва

принсипҳои асосии ахлоқие, ки дар ҷомеаҳо ва фарҳангҳои гуногун амал мекунанд, дахолати бевосита доранд.

Ҷомеаи наве, ки бар технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ асос ёфтааст, бояд ба як навъ абзори ҳамгироии иҷтимоӣ, ташаккули ҷомеаи муттаҳидкунанда ва фарогир табдил ёбад. Он бояд ба ҷониби паст фуровардани нобаробарии мавҷуда ва таъмини дастрасии умум ба иттилоот ва хидматҳои технологӣ равона шуда бошад. Бешубҳа, ин ҷомеа дорои захираҳои бузурги қудратӣ буда, имкониятҳои зиёдеро фароҳам меорад, ки бояд онҳоро муайян кард ва барои корбурди онҳо омода будан зарур аст. Дар ҷаҳон тағйироти доимӣ бо сабаби рушди технологияҳои нав ба амал меоянд. Бисёре аз ин тағйиротро мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст ва бешубҳа, баъзе аз онҳо дар оянда зарур ва матлуб хоҳанд буд, аммо баъзеи дигарашон дар ин раванд аҳамияташонро аз даст медиҳанд. Ин боиси пайдоиши як навъ духӯрагӣ гардидааст: дар ҷомеаҳо ашхоси доро ва нодор, аз нигоҳи иттилоот ғанӣ ва камбағал, пешрафта ва рушдёбанда, онлайн ва офлайн, корбарон ва таҳиягарон, дорои саводи компютерӣ ва бесаводӣ, дорои хосияти маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ ба миён омаданд. “Тақсимоти нобаробари манфиатҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳама ҷо ва маҳдудияти дастрасии кишварҳои алоҳида ба ТИИ имрӯзҳо мушкилоти тафриқаи рақами (нобаробарии иттилоот, камбағалии иттилоотӣ)-ро муайян кардааст, ки ба холигии иқтисодӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, нобаробарии рақамиро ҳамчун тақсимшавии ҷомеа аз рӯйи имконияти қабул ва истифодаи иттилооти интиқолшаванда бо истифода аз технологияҳои рақамӣ муайян кардан мумкин аст”.[1]

Ба назар чунин мерасад, ки ҷаҳони ТИИ ба қисматҳои зиёд тақсим шудааст. Аммо, ин воқеият ҳам дуруст аст, ки масъалаҳои нави ахлоқӣ, ки аллакай бо суръати баланд ба арсаи фаъолияти одамон ворид шуда, идома доранд, таҳлили махсусро талаб мекунанд. Яке аз муаллифони машҳури ахлоқи иттилоотӣ Л.Флориди мегӯяд, ки “технологияҳои иттилоотӣ ва

[1] Коротков А.В., Карякина К.А. Интернет в системе мировых информационных процессов. - М.: Изд-во. МГУ, 2006. С. 11.

иртиботӣ заминаи иттилоотиро, ки дар он мушкилоти ахлоқӣ ба вуҷуд меоянд, на танҳо бо кушоиши ҷанбаҳои нав ва қолиби мушкилоти кӯҳна ба куллӣ тағйир доданд, балки моро водор кардаанд, ки аз нигоҳи методологӣ худи асосҳоеро бозбинӣ намоем, ки бар пояи онҳо мавқеъҳои ахлоқии мо барҷо ҳастанд”.[1] Ин мушкилот, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои махфияти иттилоотӣ, назорати фаъолияти коргарон, моликият, амният, дастрасӣ, сатҳи ҷаҳонишавӣ, масъулияти ахлоқию касбӣ ва ғайра дахл дорад. Мушкилоти ахлоқӣ на танҳо дар он ифода меёбад, ки василаҳои нави асоснок кардани ҳуқуқро ба шакли нави моликият дарёбад, балки дар таҳлили масъалае низ ифода меёбад, ки оё қонунҳои моликияти зеҳнӣ одилонаанд ё усулҳои нави маърифати қонунҳоро дар бораи моликияти зеҳнӣ бояд ба манфиати ҷомеаи ҷаҳонии истеъмолгарони шабакаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барпо кард.

Ин мушкилот, инчунин ба қарорҳое иртибот доранд, ки онҳоро худи компютерҳо қабул мекунанд. Якчанд сол сипарӣ шудааст, ки низомҳои иттилоотӣ на танҳо тасмим мегиранд, балки онҳоро иҷро мекунанд; дар баъзе мавридҳо онҳо қобилияти худро барои қабули қарорҳои беҳтар нисбат ба одамон нишон додаанд. Дар ин ҳолат мушкилоте ба миён меояд, ки моҳияти онҳоро дар саволҳои зерин ҷамъбаст кардан мумкин аст: оё мо бояд ҳамеша мошинҳоро гӯш кунем? Ин матлабро метавон ба тарзи дигар низ ифода кард: агар низомҳои коршиносон ин қадар мукаммал бошанд, пас гӯш кардани мошинҳо магар аз рӯйи ахлоқ аст? Ҳангоме ки масъулият барои қарорҳои хатарзо бар дӯши низомҳои рақамӣ таҳвил мегардад, масъалаи нави ахлоқӣ ба миён меояд: дар ҳолатҳое, ки қабул кардани қарори нодуруст боиси оқибатҳои ҷиддӣ мегардад ва ин ҳолатест, ки ҳеҷ кас масъулияти онро бар дӯш намегирад ва аз ин рӯ ҷазо намегирад ё таҳрим намешавад, чӣ бояд кард? Ин масъалаҳо ба сатҳи нав ва аксар вақт ба таври ҳайратангез бардошта шудаанд, ки ба ҷомеа бо роҳҳои гуногун таъсири калон расонида истодаанд. Дар байни масъалаҳои мубраме, ки аз ҷониби ТИИ ба миён

[1] Floridi L. Information Ethics, its Nature and Scope. https://citeseerx.ist.psu.edu/viewdoc/download?doi=10.1.1.499.6848&rep=rep1&type=pdf Рӯзи руҷуъ 27.02.2020

омадаанд, дахолат ба махфияти итттилооти инфиродӣ ва корпоративӣ, ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқҳои инфиродӣ ва ҷамъиятӣ, ҳифзи арзишҳо ва масъулият барои оқибатҳои истифодаи ТИИ ва ғайра мебошанд. Бо ин ҳама, дар ҳаллу фасли масъалаҳои мазкур ва мушкилоти марбут ба ТИК пешрафти зиёди таҳқиқоти илмӣ ба даст наомадааст.

Ба гуфтаи профессори новозеландӣ К.Филден, технологияҳои иттилоотӣ дар тиҷорат, саноат, ҳукуматдорӣ, тиб, маориф, фароғат ва ҷомеа нақши марказӣ доранд. Манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он ба шарҳ ниёз надоранд. Аммо, ба монанди ҳама гуна технологияҳои дигар, ТИ инчунин оқибатҳою мушкилоти вазнин ва таъсироти манфӣ ба ҷомеаи мо дорад. Ин мушкилот бештар марбут ба ахлоқанд ва ӯ дар маҷмуъ се намуди асосии ин ахлоқро номбар кардааст: дахолатнопазирии шахсӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолиятҳои зараровари шахс.[1] Дар робита ба дахолатнопазирии шахсӣ, ТИ имкон медиҳад, ки мубодилаи маълумот дар миқёси калон аз ҷониби ҳар кас, дар ҳамаи маконҳо ё қисматҳои ҷаҳон ва дар ҳама вақт сурат гирад. Дар ин ҳолат, эҳтимолияти ифшои иттилоот ва вайрон шудани дахолатнопазирии ҳайти шахсии фардҳои алоҳида ва гурӯҳи одамон ба фазли васеъ интишор ёфтани он дар саросари ҷаҳон зиёд мешавад. Нигоҳ доштани махфият ва томмияти маълумот дар бораи ашхоси алоҳида вазифа ва масъулияти мост. Ин кор, инчунин андешидани чораҳои эҳтиётӣ барои таъмини дақиқи маълумот, инчунин ҳифзи онҳо аз дастрасии беиҷозат ё ифшои тасодуфии онҳо аз ҷониби ашхоси бегонаро дар бар мегирад. Боиси тазаккур аст, ки ҳанӯз дар соли 1948 Ассамблеяи Генералии СММ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва амнияти шахс (моддаи 3)-ро кафолат додааст. Моддаи 12-уми ин Эъломия муқаррар намудааст, ки “ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии инсон ҳеҷ як фард дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона сӯйиқасд кардан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад,

[1] Fielden, K., (2004) Exploring the research ethics domain for postgraduate students in Computing. Journal of Issues in Informing Science and Information Technology, 1 (2) 331-340.

ки дар мавриди чунин мудохила ё сӯйиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд”.[1]

Масъалаи дахолатнопазирӣ ба иттилооти шахсӣ шояд аввалин масъалае бошад, ки дар робита бо технологияҳои нав бардошта шудааст ва он таваҷҷуҳи ҷомеаро дар замони муосир ҳарчи бештар ҷалб менамояд. Технологияҳои нав имконият фароҳам овարданд, ки дар миқёси қаблан тасаввурнашаванда ва бо суръати тасаввурнопазир дастрасӣ ва кор бо миқдори ниҳоят зиёди маълумот имконпазир гардад. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вокуниш ва норозигии одамон ҳангоме ба миён омад, ки кӯшиши муттаҳид кардани тамоми маълумоти инфиродӣ (маълумоти барӯйхатгирӣ, андозҳо, хидмати ҳарбӣ, амнияти иҷтимоӣ ва ғайра) таҳти рақами ягонаи муайянкунандаи ҳувияти одамон мушаххаси вокуниши манфии ҷомеа ба харҷ дода шуд. Дар ниҳояти кор, чунин кӯшишҳо дар ибтидои онҳо барҳам дода шуданд. Дарвоқеъ, он водор кард, ки як идда қонунҳо барои ҳифзи дахолатнопазирӣ ба иттилооти шахсӣ ба тасвиб расанд, ки аз афзоиши истифодаи компютерҳо сарчашма мегирифтанд. Бо вуҷуди ин, рушди хеле босуръати технологияҳо, коҳиши нархи ин технологияҳо, пайдоиши нармафзори истифодаашон муносиб ва қулай барои корбарони он, паҳншавии интернет, дар тамоми олам истифода бурдани почтаи электронӣ, таҳияи абзорҳои нави назоратии компютерӣ дар ҷойи кор, пешрафт дар равандҳои назорат аз ҷониби хадамоти мақомоти махсус боиси нигаронии ҷиддӣ дар байни аҳолӣ гашта, дахолати афзоянда ба ҳаёти шахсиашон тавассути шабакаҳои гуногуни иттилоотӣ муайян гаштааст.

Ҷанбаи дуввуми масъалаҳои ахлоқӣ дар низомҳои компютерӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот аст. Дар иртибот бо маъруфияти тиҷорати байналмилалӣ дар Интернет, мавзуи амнияти компютерҳо ва ҳуқуқи дастрасӣ ба зудӣ аз авлавияти пасти он барои корпоратсияҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба авлавияти баландмақом интиқол ёфт. Чунин таваҷҷуҳ ба масъалаи

[1] Всеобщая декларация прав человека, принята Генеральной Ассамблеей ООН 10 декабря 1948 г. // Сборник документов. М., 1998; Эъломияи ҳуқуқи башар. https://mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf (санаи муроҷиат ба сайт 23.09.2020)

дастрасӣ ба иттилоот дар натиҷаи шикастани низоми компютерӣ дар корхонаҳое, ба монанди Лабораторияи миллии Лос-Аламос ва НАСА дар ИМА, афзоиш ёфтааст. Кӯшишҳои зиёди дахолати ҳакерҳои компютерӣ барои ғайриқонунӣ ворид шудан ба низоми компютерии ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва ташкилотҳои низомии он ба таври васеъ дар гузоришҳо эълом гардиданд. Ин маънои онро дорад, ки бе татбиқи сиёсатҳо ва стратегияҳои дурусти амнияти компютерӣ, пайвастаҳои шабакавӣ дар Интернет аз дастрасии ғайриқонунӣ ба он эмин буда наметавонанд. Дар робита бо ин, муҳаққиқони амрикоӣ қайд кардаанд, ки "таҷрибаҳо дар ҷомеаҳои онлайн на танҳо ба махфият ё обрӯю эътибори онлайни аъзои алоҳидаи онҳо таҳдид мекунанд, балки метавонанд шабакаҳои иҷтимоӣ ва маҷроҳои иттилоотиро, ки қобили эътимод буда, ба онҳо боварӣ доранд, вайрон кунанд".[1] Дар худи ҳамин мақола муаллифони мазкур ҳамчунин қайд мекунанд, ки дар ахлоқи компютерӣ фаъолиятҳои зараровар маънои хисорат ё оқибатҳои манфӣ, аз қабили талафи номатлуби иттилоот, аз даст додани моликият, тахриби моликият ё таъсири номатлуб ба муҳити экологиро дорад. Ин принсип истифодаи технологияи ҳисоббарориро тавре манъ мекунад, ки ба ягон корбарони он, ба ҷомеа, кормандон ва корфармоён зараре нарасад. Ба қатори фаъолиятҳои зараровар қасдан нест кардан ё тағйир додани файлҳо ва барномаҳое, ки боиси талафоти ҷиддии захираҳо ё сарфиёти нолозими захираҳои инсонӣ ба монанди зоеъ рафтани вақт ва саъйю кӯшишҳои онҳо барои тоза кардани низомҳои иттилоотӣ аз вирусҳои компютерӣ дохил мешаванд.

Масъалаи дигаре, ки ба ахлоқи технологӣ-иттилоотӣ дахл дорад, моликияти таҳқиқотӣ ё зеҳнӣ (плагиат) аст. Сирқати зеҳнӣ ба он маъно аст, ки ягон кори эҷодӣ ё таҳқиқотӣ аз ҷониби касе дуздида ва ё нусхабардорӣ шуда, онро ҳамчун кори шахсии худ муаррифӣ мекунад. Муҳаққиқи рус Э.Г. Баландина таърихи пайдоиши мафҳуми "плагиат" (лот. «plagium» -

[1] Grimes M. J., Fleischman K.R. & Jaeger P.T. Virtual Guinea Pigs: Ethical implications of Human Subjects Research in Virtual Worlds // International Journal of Internet Research Ethics. Vol. 2 (1), February 2009, p. 44.

“duzdidan va baroi ғuломӣ fурӯхтани фарди озод”) шарҳ дода, менависад, ки ин мафҳум бори аввал дар асри XVII ба маънои “дуздии адабӣ” ҳамчун “қасдан аз худ намудани муаллифии кори бегона ва ё порчаи он”[1] ба кор рафтааст. Ин як амали бағоят ғайриахлоқӣ аст, аммо зуд-зуд рух медиҳад ва бо дар назардошти ҳамаи иттилооте, ки ҳоло дар Интернет мавҷуданд, иҷро кардани он осонтар аст. Интернет сирқати зеҳниро дар давраи компютерӣ ба ду маънӣ ҷудо кардааст: аввалан, матнҳои электронӣ барои корбарони он вазифаи “буридан ва часпонидан”-и манбаи нашршуда (масалан, мақолаҳои энсиклопедӣ ё муҳаққиқону олимон)-ро дар таҳқиқот ё ҳуҷҷатҳои кории онҳо осон карданд. Дуюм, гарчанде ки, масалан, донишҷӯён ҳамеша метавонистанд аз касе хоҳиш намоянд, ки ба ҷойи онҳо корҳои илмиашонро нависад, ҳоло дарёфтан ва ё харидани таҳқиқоти соҳибонашон махфӣ дар вебсайтҳо ва ҳатто супоридани корҳои курсӣ бо пардохти маблағи онҳо хеле осонтар шудааст. Тааҷҷубовар он аст, ки интернет ҳарчӣ медиҳад, онро бозгашт ҳам мегирад. Дар баробари ин, бо рушди барномаҳои нави компютерӣ-иттилоотӣ ҳоло омӯзгорони донишгоҳҳо ба пойгоҳҳо (база)-ҳои маълумоти корҳои илмӣ-таҳқиқотии пешниҳодшуда дастрасӣ доранд ва метавонанд корҳои илмии донишҷӯёни худро ба осонӣ бо бойгонии васеи манбаъҳо муқоиса кунанд. Ҳатто як ҷустуҷӯи оддӣ дар Интернет баъзан метавонад дар куҷо пайдо шудани ягон ибораи махсусан муваффақро дар ибтидои он пайдо намояд.

Ба қатори вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ-касбии таҳқиқоти илмӣ ҳамчунин бознашри корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҳти номҳои гуногун ва ё бо баъзе тағйироти ночиз дохил мешавад, ки дар доираи илмии байналхалқӣ бо истилоҳи “автоплагиат” номгӯй шудааст. Ба ақидаи М.Г.Лазар, ин навъи ихтилоф ба меъёрҳо “аз сирқати зеҳнӣ бо он фарқ мекунад, ки дар ин ҷо муаллиф дар “таҳқиқоти нав”-и худ матнҳои асарҳои қаблии худро такрор мекунад. Чунин муаллифон аксаран корҳояшонро дар маҷаллаҳои

[1] Баландина Э.Г. Проблема запрета на повтор-плагиат в современной науке // Социология науки и технологий. 2015. Т. 6, № 1. С. 67.

“партовгоҳ”" чоп мекунанд, ки онҳо ба ивази пул бе ягон баррасӣ ва тафтиши сирқати зеҳнӣ ҳамаи корҳоеро, ки ба унвони онҳо фиристода мешавад, чоп мекунанд. Ҷои тазаккури он ҳам нест, ки ин “таҳқиқот” барои ҳеҷ кас арзиши илмӣ надоранд, ба ҷуз муаллифони онҳо, ки дар шароити маблағгузории ночиз барои илм ва таҳсилоти олӣ кӯшиш мекунанд, ки ба ин васила ҳаёт ба сар баранд ва рисолаҳояшонро ҳимоя карда, барои гирифтани мансаби муносиб дар ягон пажӯҳишгоҳи илмӣ ё донишгоҳ муваффақ шаванд”.[1]

Хатари ҷиддие, ки сирқати зеҳнӣ барои ҷомеа ва давлат меофарад, ногузир тасмимҳои зарурии онҳоро барои мубориза қатъӣ бар зидди ин падидаи номатлуб ба миён меоварад. Барои паст фуровардани ҳаҷми сирқатҳои зеҳнӣ маҷмуи тасмимҳое заруранд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ин падида таъсир расонда тавонанд. Ба андешаи профессор В.И. Левин, ин тасмимҳо чунинанд: “1) мунтазам гузаронидани суҳбатҳои маърифатӣ барои донишҷӯён, аспирантон, омӯзгорони ҷавон ва тадқиқотчиён дар мавзуи “Таърих, моҳият ва меъёрҳои корҳои таҳқиқотӣ”; 2) дар донишгоҳҳо ва ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил намудани хадамоти доимии назорати фаъолияти таҳқиқотии кормандони илмӣ ва педагогӣ бо мақсади саривақт ошкор кардани сирқатҳои зеҳнии мавҷуда (ва агар имконпазир бошад, барвақт ошкор кардани сирқати зеҳнӣ); 3) ҷазои сахти ашхосе, ки дар асардуздӣ гунаҳкор шудаанд. Фаъолиятҳо дар самти аввал бояд аз ҷониби ҷомеаи илмӣ-педагогӣ дар шахси намояндагони алоҳидаи он, инчунин ташкилотҳо, ҷамъиятҳои гуногун ва ғайра амалӣ карда шаванд”.[2]

Монанди сирқати зеҳнӣ яке аз мушкилоти дигари ахлоқи технологӣ-иттилоотӣ, ба истилоҳ, роҳзанӣ (ба англисӣ – “piracy” ва ба русӣ – “пиратство”) низ ба шумор меравад. Таҳти ин мафҳум нусхабардории ғайриқонунии нармафзорҳо фаҳмида мешавад, ки он як масъалаи хеле ҷиддӣ аст ва аз рӯйи маълумотҳо, тақрибан 50% ҳамаи барномаҳои компютерҳои

[1] Лазар М.Г. Плагиат в научных коммуникациях современной эпохи // Ученые записки РГГМУ. Социально-гуманитарные науки, 2019, № 56. - С. 170.
[2] Левин В.И. Плагиат, его сущность и борьба с ним // Высшее образование в России. 2018. № 1 (219). - С. 147.

фардӣ нусхаҳои қаллобии онҳо мебошанд. Барномасозон соатҳои зиёдеро барои тарҳрезии барномаҳо бо истифода аз рамз (код)-и мураккаб сарф мекунанд, ки бешубҳа, ба муҳофизат намудан ниёз доранд. Гарчанде ки баъзеҳо мухолифат дошта бошанд, ки роҳзанӣ, ҳадди ақалл, бояд иҷозат дода шавад, зеро ин метавонад боиси афзоиши босаводии компютери аҳолӣ гардад. Аммо, алалхусус, барои корпоратсияҳо ин як масъалаи хеле ҷиддӣ аст ва метавонад барои ба даст овардани фоидаи молиявӣ зарари калон расонад. Профессори амрикоӣ П.К.Юй дар ин бора чунин навиштааст: “Роҳзанӣ то замоне вуҷуд дорад, ки асарҳои бо ҳуқуқи муаллиф ҳифзшуда ва технологияҳои эҷоди онҳо вуҷуд дошта бошанд. Аз замони ихтирои дастгоҳи чопӣ, моликони ҳуқуқи муаллиф аз нусхабардории васеи ғайриҳуқуқии асарҳояшон нигарон буданд. Гарчанде ки хароҷот, сифат ва суръати бозсозии онҳо метавонад ба таври назаррас аз ҳам фарқ кунад, нусхабардорон ҳамеша метавонистанд, ки натиҷаҳои эҷодии дигаронро ройгон истифода баранд... Имрӯзҳо Интернет ва технологияҳои нави коммуникатсионӣ роҳзании рақамии асарҳои ҳуқуқи муаллифро ба як мушкилоти ҷиддии ҷаҳонӣ табдил додаанд”.[1] Тибқи маълумоти ин муҳаққиқ, дар ИМА чунин шакли роҳзанӣ миллиардҳо доллар даромад ва садҳо ҳазор ҷойҳои кориро дар саросари ҷаҳон аз даст медиҳад: танҳо дар соли 2002 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз дуздии ҳуқуқи муаллифӣ дар хориҷа беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиён дидааст.

Ҳолатҳои нусхабардории беиҷозати нармафзор васеъ паҳн шудаанд, зеро мундариҷаи иттилооти рақамиро нисбат ба дороиҳои моддӣ идора ва назорат кардан душвортар аст. Интернет тавассути нигоҳ доштани ному насаб, пешгирии ихтилофоти фаромиллӣ ва пешкаш намудани тасаввурот дар бораи моликият ба ғояҳо/IP, на ба моликият, ба дуздии рақамӣ мусоидат мекунад. Интернет имкон медиҳад, ки ҷиноятҳо дар алоҳидагӣ нисбат ба ҳуқуқи муаллиф содир карда шаванд ва ба ин васила ҷинояткорӣ бидуни хатар ба ҷони ӯ ва ё куштор ба вуҷуд ояд. Тахриб шудани CD, шабакаҳои ҳамсолон,

[1] Yu P.K. Digital Piracy and the Copiright Response. http://www.peteryu.com/piracy.pdf Рӯзи руҷуъ 14.09.2020.

мубодилаи файлҳои маҳаллӣ ё нусхабардории рақамӣ ба дуздии нармафзор мусоидат мекунанд ва нишон дода шудааст, ки набардҳои ҳуқуқӣ ва маъракаҳои огоҳии мардум барои расидан ба риояи ҳамаҷонибаи қонун нокифоя мебошанд. Синну сол, ҷинс, худтанзимкунӣ ва ахлоқи иттилоотӣ бо ассотсиатсияҳои роҳзании рақамӣ алоқа доранд. Муҳаққиқон ва мутахассисони ин соҳа барои коҳиш додани роҳзании иттилоотӣ-теъногологӣ чораҳо андешидаанд: бунёди иттиҳодияҳо байни ширкатҳои нармафзори хориҷӣ ва ватанӣ, таҳияи кодекси ахлоқии мутахассисони компютер, паст кардани нархи нармафзор, тарғибот барои корбарон дар бораи он ки дар сурати идома додани нусхабардории нармафзор нархи онро боло мебардоранд, ҷорӣ намудани қонунгузорӣ ҳамчун омили боздоранда ва психологии бовар кунондан, механизмҳои гуногуни мудофиаи техникӣ, курсҳои махсус барои баланд бардоштани огоҳии донишҷӯён аз оқибатҳои манфии роҳзанӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Бо вуҷуди ин, чуноне ки муҳаққиқони финнӣ М.Т.Сипонен ва Т.Вартиайнен қайд мекунанд, пеш аз соли 2007 танҳо ду таҳқиқот вуҷуд дошт, ки ангезаҳои корбаронро барои нусхабардории беиҷозати нармафзор тафтиш мекарданд ва ягонтои онҳо дар Аврупо гузаронида нашудааст. Пас, худашон таҳқиқот гузаронида, аз ҷумла сабабҳои нусхабардории ғайриқонунии барномаҳои компютериро аз тариқи пурсишномаҳо чунин муқаррар намуданд: гаронии нарх – 52%; хатари камтарин – 23,3%; дастрасии осон – 16,5%; ҳама ҳамин корро мекунанд – 14,5%; сабабҳои дигар – 12,0%; он ба ҳеҷ кас зарар намерасонад - 9.6%; сифати паст - 6.8%; нармафзор наметавонад бо моликият ё ҳуқуқи муаллифӣ манъ карда шавад – 2,4%.[1] Бар асоси ин рӯйхати сабабҳо, муаллифони мазкур пурсиши 240 донишҷӯи информатики Финляндияро анҷом дода, муайян кардаанд, ки чӣ гуна онҳо истифодаи нармафзори ғайриқонуниро дуруст ё нодуруст меҳисобанд. Муҳаққиқони мазкур посуххои хаттии донишҷӯёнро ба се

[1] Siponen M.T.& Vartiainen T. Unauthorized Copying of Software - An Empirical Study of Reasons For and Against. In: SIGCAS Computers and Society, Volume 37, No. 1, June 2007, p. 34.

қисматҳои зерин ҷудо кардаанд: 1) мақсади истифодабарӣ; 2) сабабҳои иқтисодӣ ва 3) сабабҳои ҳуқуқӣ. Сабабҳои мақсади истифодабарӣ - истифодаи ғайритиҷоратӣ, ҳадафҳои иҷрои кор дар хона, таҳсил, озмоиш ё тарзи истифодаи нармафзор - истифодаи муваққатӣ, сабабҳои мутобиқат мебошанд. Сабабҳои иқтисодии камбизоатӣ (набудани пул) ва хоҳиши сарфаи пул (даромад / фоида) мебошанд. Сабабҳои ҳуқуқӣ, ба андешаи донишҷӯён, дар он ифода меёбад, ки қонун кӯҳна шуда ва ё нусхабардорӣ кори ғайриқонунӣ ҳисоб карда намешавад.[1]

Дар иртибот бо мубодилаи файлҳо дар ахлоқи иттилоотӣ-технологӣ масъалаи дигар – фаъолияти ҳакерӣ ба миён меояд. Ҳакер шахсест, ки ба қадри кофӣ донишманд аст, то бе иҷозати расмӣ ба низомҳои компютерӣ барои муайян кардани ноқисиҳои амният дастрасӣ пайдо кунад. Ҳакерҳо ба низоми компютерӣ ворид мешаванд ва ё онро ба истилоҳе “мешикананд”. Фаъолияти ҳакерӣ бо сабабҳои гуногун сурат гирифта метавонад, масалан майли ҳакер барои тахриб кардани низоми компютер ё хоҳиши ӯ барои фаҳмидани он ки ин низом чӣ гуна кор мекунад, то аз тариқи он имконияти пул кор карданро пайдо кунад. Инчунин, ба ҳайси сабаби дигар шояд хоҳиши ӯ барои огоҳ кардани одамон дар бораи он бошад, ки низоми компютерие, ки онҳо истифода мебаранд, хатарнок аст ва ба такмил ниёз дорад. Дар пояи ин кор, баъзеҳо баҳс мекунанд, ки “ахлоқи ҳакерӣ” вуҷуд дорад. Фаъолияти ҳакерӣ метавонад мушкилоти дилхоҳро пешкаш кунад. Сабаб дар он аст, ки “ҳакерҳои ислоҳшуда” баъзан таҷрибаи худро барои кӯмак ба созмонҳо дар ҳифзи онҳо аз дигар ҳакерҳо пешниҳод мекунанд. Бояд қайд кард, ки ҳакерҳо ба таври оддӣ наметавонанд ба ягон низоми компютерӣ ворид шаванд, монанди он ки онҳо метавонанд танҳо ба дари қулфнашуда ворид гарданд. Ин кор аз онҳо маҳорати баландро тақозо мекунад ва бо ин маҳорат ҳакерҳо нишон дода метавонанд, ки низоми компютер амон ва ё ноамн аст ва ба такмил ниёз дорад ва ё на. Ба ин маънӣ, баҳс кардан имкон дорад, ки ҳакерҳо ҳақиқатан нақши арзишманд мебозанд ва аз ин ҷо, бисёриҳо эътироф

[1] Ҳамон ҷо. С. 35-36.

мекунанд, ки ҳакерӣ метавонад ба баъзе беҳбудиҳо оварда расонад, аммо дар замони дарозмуддат, албатта, фаъолияти ҳакерӣ ба чунин баҳогузорӣ арзанда нест.

Ҷомеашиноси финнӣ ва муҳаққиқи давраи иттилоотӣ П.Химанен дар истинод ба гуфтаҳои барномасози маъруфи компютерӣ-иттилотӣ ва дифоъкунандаи фарҳанги ҳакерӣ Э.Рэймонд навиштааст, ки ин барномасоз моҳияти рӯҳияи ҳакериро дар тавсифи фалсафаи ҳакерҳои UNIX ҷамъбаст карда баён намудааст: “Барои дуруст фаҳмидани фалсафаи UNIX, шумо бояд аз камолот пуштибонӣ намоед. Шумо бояд бовар кунед, ки ҳунари барномасозӣ сазовори пурра ба кор бурдани зеҳн ва тамоми ҳавасҳоест, ки ба онҳо қодир ҳастед. Тарҳрезӣ ва татбиқи нармафзор бояд ҳунари ҷолиб ва бозии олӣ бошад. Ва агар ин равиш шуморо ҳайрон созад ё ба назаратон аз ҳад зиёд мутантан бошад, вақти он расидааст, ки бодиққат андеша кунед: аз худ бипурсед, ки оё ягон чизи муҳимро фаромӯш накардаед? Чаро шумо аз ҳама роҳҳои пул кор кардан ё вақт сарф кардан барномасозиро интихоб кардед?... Ба шумо ҳақиқатан мутамарказ будан зарур аст. Барои бозӣ ба шумо завқ лозим аст. Ба шумо ҳаяҷони кошифи аввал лозим аст”.[1]

Бо фаъолияти ҳакерӣ ҷиноятҳои компютерӣ ҳамчун яке аз мушкилоти иттилоотӣ-технологӣ низ иртибот доранд. Ҳакерҳо эҳтимолан иҷрокунандагони нисбатан машҳуртари ҷиноятҳои берунаи компютерӣ ҳастанд, гарчанде ки танҳо 3% ҷиноятҳои компютерӣ “берунӣ” ба ҳисоб меравад. Вайронкунии барномаҳои компютерӣ, асосан аз солҳои 1970-ум ҳангоме оғоз гардид, ки омили ҳавасмандкунанда барои аксари ҳакерҳои ибтидоӣ мушкили шикасти барномаҳо ва воридшавӣ ба низоми компютерӣ буд. Онҳо метавонистанд ба осонӣ маблағи пулӣ, иттилоот ва ғайраро duздида гиранд, аммо ҳакери “ҳақиқӣ” ба ин корҳо шуғл намеварзид. Вақте ки компютерҳо дар солҳои 80-ум бештар паҳн шудан гирифтанд, ҳакерҳои “нав” аз фурсат истифода бурда, низомҳои компютериро ба манфиати шахсиашон истифода мебурданд. Наслҳои нави ҳакерҳо омилҳои гуногуне

[1] Химанен П. Хакерская этика и дух информационализма. - М.: «Издательство АСТ», 2001. - С. 14.

доранд, ки барангезандаи ҷиноятҳо, пеш аз ҳама фасод ва тамаъкорӣ мебошанд. Таҳқиқоте, ки дар соли 1992 аз ҷониби USA Research, Inc., як ширкати консалтингии технологӣ, гузаронида шуд, нишон дод, ки шумораи ҳуҷумҳои ҳакерӣ бо ҳамроҳии ширкатҳои амрикоӣ зиёда аз ду маротиба афзуда, аз 339,000 дар соли 1989 то ба 684,000 дар соли 1991 афзоиш ёфтааст.[1] Зарари эҳтимолии ҳакерҳо метавонад аз сабаби паҳншавии компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ дар бисёр кишварҳо боз ҳам бештар афзоиш ёбад. Ҷиноятҳои компютерӣ бо иштироки ҳакерҳо аз "браузери безарар" то гурӯҳҳои байналмилалии ҷинояткороне, ки маълумотро дӯздида, системаҳои компютериро бо гузоштани вирусҳо вайрон мекунанд ва маблағҳои электрониро интиқол медиҳанд, маълум мебошанд.

Ҷосусии саноатӣ як ангезаи дигари маъмул дар ҷиноятҳои компютерӣ мебошад. Он дуздии рӯйхати муштариён, ноу-хауи фурӯш ва нақшаҳои тадқиқотӣ ва рушд (R&D)-ро дар бар мегирад. Бисёре аз ҳакерҳо, ки ба ҷосусии саноатӣ ихтисос доранд, худро ҳамчун "брокерҳои иттилоот" муаррифӣ карда, ба фурӯшандагони дорои низоми мураккаб табдил меёбанд. Онҳо барои маълумот дар бораи ширкатҳои байналмилалӣ, муассисаҳо ва шахсони алоҳида маблағи пулӣ мегиранд. Масалан, як ширкати интиқолдиҳии Британиё ба як хакер барои ворид шудан ба пойгоҳи маълумоти як ширкати рақиб ва дуздидани маълумоти рақобатпазир, аз ҷумла стратегияи тиҷорат, рӯйхати муштариён ва аҳдҳои тарофавӣ маблағи калон ҷудо кардааст. Ҳакерҳо, инчунин бо ҷиноятҳои интиқоли маблағҳои пулӣ машҳуранд. Масалан, як гурӯҳи ҳакерҳо дар Швейтсария ба суратҳисоби бонкии як шахси сарватманд роҳ ёфта, фаҳмиданд, ки ӯ чӣ тавр пулашро интиқол медиҳад ва сипас 1 миллион фунт стерлинги ӯро ба суратҳисоби дигар интиқол доданд.[2]

Ҳоло Интернет барои ҳакерҳо имконияти нав муҳайё месозад, то ки онҳо ба системаҳои компютерӣ ба таври осонтар ворид шаванд, зеро он аз

[1] Roush, W. (1995). Hackers taking a byte out of computer crime. Technology Review, 98.
[2] Bird, J. (1994). Hunting down the hackers out of computer crime. Management Today, 34.

ҷониби ташкилотҳо ва шахсони алоҳида барои мубодилаи иттилоот, фармоиш додан ва пардохт истифода мешавад. Ба ғайр аз ин, ҳакерҳо имконияти роҳҳои воридшавӣ ба ҷиноятҳои навро коркард намудаанд, ки дар байни онҳо вирусҳои компютерӣ як мушкили ҷиддии созмонҳо ва афроди алоҳида ба шумор мераванд. Таҳиягари маъмулии вирус фарди ҷавон ва оқилест, ки истеъдоди худро барои тарҳрезии барномаҳои хатарноки компютер истифода мебарад. Масалан, дар ҳодисаи нохуши вобаста ба истифодаи вирус, як донишҷӯи Донишгоҳи Корнелл ширкат варзидааст, ки вай дар шабакаи ARPAnet (ҳоло Интернет) вирусро ворид намуда, фаъолияти 6000 компютерро дар саросари ҷаҳон қатъ кард. Гарчанде ки баъзе вирусҳо аз ҷониби ҳакерҳо офарида мешаванд, аммо аксарияти онҳо дар низомҳои компютерӣ аз ҷониби худи кормандони ваколатдор ҷойгир карда мешаванд.

Бисёре аз коршиносони амнияти компютерӣ қайд мекунанд, ки ҳадафи ибтидоии Интернет на тиҷорат, балки мубодилаи осони иттилоот дар байни олимону муҳаққиқон буд. Аз ин рӯ, тиҷорат дар Интернет ҳадафи хеле осебпазир аст, ба шарте ки агар чораҳои дахлдори амниятӣ андешида нашаванд. Ба ҳабс кашидан ва пурсиши як ҳакери маъруф нишон дод, ки ӯ тақрибан 20000 рақами корти кредитии мутааллиқ ба муштариёни Netcome, провайдери дастрасӣ ба интернетро муайян кардааст. Намунаи аҷиби истифода аз Интернет дар рӯзи Иди мавлуди Исои Масеҳ дар соли 1994 рух дод: “Ҷабрдида” Сутому Шимомура, коршиноси машҳури амнияти компютерӣ буд, ки бо ФБР, Қувввaҳои дифои ҳавоии ИМА, Агентии Амнияти Миллӣ ва инчунин ширкатҳои хусусӣ, аз ҷумла Sun Microsystems машварат ба ҷо овардааст. Ҳакер барои дуздидани файлҳои шахсӣ ва ҳазорҳо паёмҳои почтаи электронӣ як навъ техникаи мураккаби воридшавӣ, ки бештар бо номи “табдили протокол” маъруф аст, ба кор бурд.[1] Моҳияти “табдили протокол” дар он ифода меёбад, ки шабакаро фиреб дода, маҷбур мекунанд, ки ба сарчашмаи он бовар кунад, ки паём аз ҷониби шахси ваколатдор омадааст ва аз ин рӯ, вурудро ба компютер иҷозат медиҳад.

[1] Markoff, J. (1995, January 23). Data network is found open to new threat. New York Times.

Ҳамлаи рӯзи Иди мавлуди Исо ҳушдорӣ ба корбарони дигари компютер (донишгоҳҳо, ҳукумат, тиҷорат) дод, ки интернет он қадар эмин нест - агар ин ҳодиса бо коршиноси амниятӣ рух дода бошад, чӣ тавр бо ҳар кас рӯй дода натавонад?

Гарчанде ки дар бораи ин шакли техникаи қаллобӣ дар солҳои 80-ум дар матбуоти даврӣ мақолаҳо нашр шуда буданд, аммо танҳо баъди тақрибан даҳ сол "протоколҳо"-и интернетӣ барои пешгирии пайдоиши он тағйир дода шуданд.[1] Усули дигари ҳамлаи ҳакерҳо ба интернет ин "ковиши рамзҳои шахсӣ" ё "пайгирии рамзҳои шахсӣ" (""password sniffing") аст. Ин усул пинҳон кардани барномаҳои кӯчакро дар шабака дар назар дорад, ки тавассути онҳо супориши сабти воруд ба низоми компютерӣ ва вайрон кардани рамзҳои шахсӣ дода шуда, сипас дар файли махфӣ нигоҳ дошта мешаванд. Гурӯҳи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулоддаи компютерӣ (CERT) хабар медиҳад, ки дар соли 1994 тақрибан 10,000 сайти интернетӣ "шикастани рамзҳои шахсӣ"-ро ҳадафи хеш қарор додаанд.[2] Ҳамин тариқ, вирусҳои компютерӣ боз як мушкили ҷиддии созмонҳо ва афродро ба вуҷуд оварданд ҳастанд ва бо истифода аз онҳо ҷҷиноятҳои мухталифи компютерӣ содир карда мешаванд, ки ба таври мушаххас барои ҷомеа мушкилоти ахлоқиро ба миён меоваранд. Дар компютерҳо амалҳои гуногуни ғайриқонунӣ, аз қабили қаллобӣ ва азхудкунии иттилооти ашхоси дигар анҷом дода мешаванд, масалан, истифодаи тасвирҳо ва нашри мизи корӣ барои эҷод, нусхабардорӣ ё тағйир додани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва тасвирҳои графикӣ ва амсоли онҳо. Дар баробари ин, чунин рафторҳои ҳакерҳо ва таҳиягарони барномаҳои гуногун дилеммаҳои гуногуни ахлоқиро ба миён мегузоранд, монанди савол дар бораи он ки оё нусхабардории чунин файлҳо ба мисли дуздии ягон чизи дигар ё моли моддии шахси дигар бад буда метавонад?

---

[1] Wallich, P. (1995, May). A rogue routing. Scientific American, 272(5).
[2] Russell, D. & Zwickey, E. (1995, Summer). How to get a handle on Internet security. O'Reilly & Associates, Inc.

Дар иртибот бо ин, мушкили дигари ахлоқӣ – рамз ё коди тахрибкунандаи компютер ва оқибатҳои онро низ бояд мавриди баррасӣ қарор дод. Ҳамлаҳои рамз ё коди тахрибкунандаи шубҳанок як қатор навъҳои барномаҳои компютериро дар бар мегиранд, ки бо мақсади тахриб ё вайрон кардани маълумот сохта шудаанд.

Унсури калидие, ки аз рӯйи он "кирм"-и компютерро аз вируси компютерӣ фарқ мекунанд, он аст, ки барои мусоидат ба паҳншавии вирус ҳамкории инсон зарур дониста шудаст. "Кирм"-ҳо барномаҳои мустақил мебошанд, ки ба низоми компютер ҳамла намуда, кӯшиш мекунанд осебпазирии мушаххасро дар он ба фоидаи худашон истифода баранд. Пас аз истифодаи бомуваффақият аз осебпазирӣ, "кирм" барномаи худро аз ҷузъи таҳти ҳамла қароргирифта ба низоми нави истифодашаванда нусхабардорӣ табдил медиҳад, то ки гардиши даврии онро аз сари нав оғоз намояд.

Вирусҳои афзоишёбанда маъмулан то даме зиёд шудан мегиранд, ки онҳо маълумотро нест кунанд ё рамзҳои барномаҳои дигарро бекор намоянд. Вирус ягон шӯхии безарар ё хабари махфиеро, ки дар монитори видеоии компютери корбар ҳангоми ба кор даровардани компютер пайдо мешавад, ба вуҷуд оварад. Вируси нисбатан зиёновар дар як чанд дақиқа ё соат низоми ниҳоят бузурги компютериро хароб карда, боиси аз кор баровардан ва ба ин васила нобуд кардани маълумоти арзишманд мегардад. Равшан аст, ки таҳия ва паҳн кардани барномаҳои вирусӣ хусусияти ахлоқӣ надоранд; онҳо оқибатҳои хеле ҷиддӣ дошта, бо шикасти низомҳо ва қатъи фаъолияти созмонҳо барои муддати муайян натиҷа мегиранд. Яке аз оқибатҳои ташвишовари чунин амалҳо дар он ифода меёбад, ки вирусҳо на танҳо фаъолияти муътадили созмонҳоро халалдор мекунанд, балки дар ҳолатҳои фавқулодда ҳатто ба марги одамон низ сабабгор мешаванд. Бояд зикр кард, ки дар замони муосир нармафзори зиёди зидди вирус вуҷуд доранд, ки онҳо барои ҳаллу фасли чунин мушкилоти афзоянда кӯмак мерасонанд.[1]

[1] Ниг. : Журин С.И., Комарков Д.Е. Защита внешнего информационного периметра организации от целевого фишинга // Безопасность информационных технологий = IT Security, Т. 25, №. 4, р. 96-108 (2018).

Дар робита бо ҳамаи ин, дар замони муосир дар фазои технологияи иттилоотӣ мушкили дигари ахлоқӣ – қаллобии кибернетикӣ хатари ахлоқиро ба вуҷуд овардааст. Истилоҳи “қаллобӣ” метавонад ҳамчун қасдан нодуруст пешниҳод кардани маълумоти молиявӣ аз ҷониби як ё якчанд шахс дар байни роҳбарият, кормандон ё шахсони сеюм муайян карда мешавад. Истифодаи компютер ба ҳайси як абзор барои ба даст овардани ҳадафҳои минбаъдаи ғайриқонунӣ, аз қабили қаллобӣ, қочоқи порнографияи кӯдакон ва моликияти зеҳнӣ, дуздии маълумоти шахсӣ ё вайрон кардани дахолатнопазирии шахс рӯз ба рӯз хусусияти маъмулӣ пайдо мекунад. Ҷиноятҳои интернетӣ, хусусан тавассути Интернет аҳамияти бештар пайдо кардаст, зеро компютер ба маркази тиҷорат, фароғат ва ҳокимият табдил ёфтааст.

Аз сабаби истифода ва густариши барвақттари компютерҳо ва Интернет дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аксари қурбониёни аввалӣ ва бадкирдорон-содиркунандагони ҷиноятҳои кибернетикӣ амрикоиҳо буданд. Аммо дар асри XXI қариб ягон деҳае дар саросари ҷаҳон боқӣ намондааст, ки ба он ҷиноятҳои кибернетикӣ таъсир нарасонида бошанд. Ҷиноятҳои кибернетикӣ аз фаъолияти муқаррарии ҷиноятӣ чӣ фарқ мекунад? Аён аст, ки як фарқияти он истифода аз компютери рақамӣ аст, аммо танҳо номбар кардани технология барои муайян намудани фарқияте, ки метавонад дар байни соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷиноятӣ вуҷуд дошта бошад, кофӣ нест. Ҷинояткорон барои содир кардани қаллобӣ, трафик дар порнографияи кӯдакон ва моликияти зеҳнӣ, дуздии шахсият ё вайрон кардани дахолатнопазирӣ ба итттилооти шахсӣ ба компютер ниёз надоранд. Ҳамаи ин анвоъи фаъолиятҳо пеш аз он ки ифодаи “кибер” дар ҳама ҷо паҳн шавад, вуҷуд дошт. Ҷиноятҳои кибернетикӣ аз намудҳои дигари ҷинояткорӣ бо унсурҳо ва хусусиятҳои возеҳи байналмилалии худ фарқ мекунанд, ки ин онҳо ба чунин тарзи содир кардани чунин амалҳои ҷиноӣ вобастаанд, менависад муҳаққиқи рус А.Э.Побегайло ва илова мекунад: “Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ ҳамчун як намуди ҷиноятҳои кибернетикӣ –

дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ; ихтироъ, истифода ва паҳн намудани барномаҳои зарарноки компютерӣ; вайрон кардани қоидаҳои истифода аз воситаҳои ҳифзи иттилоот, коркард ё интиқоли иттилооти компютерӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ; таъсири ғайриқонунӣ ба инфрасохтори иттилооти интиқоди ба ҳисоб мерав617анд".[1]

Мушкилоти дигаре ҳастанд, ки ба саломатии инсон дар пайвастагӣ бо муҳандисии компютерӣ (IT) ба миён меоянд.

Компютерҳо симои саҳнаи корро тағйир медиҳанд. Барои баъзе одамон, ҷойҳои кории онҳо қобили қабул намешаванд ва ё онҳо маҷбур мешаванд, ки бояд нақшҳои тамоман дигарро иҷро кунанд, баъзеи дигарашон бошад, таҳти сатҳи афзояндаи фишорҳои ҳаҷми зиёди корӣ қарор мегиранд. Дигарон, бешакк, бо ҷойи кории барояшон мувофиқ манфиати бештарро ба даст меоранд ва ба дониш, иттилоот ва маҳорат дар соҳаи технологияи иттилоотӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Аммо, ҳамаи ин дар маҷмуъ возеҳан масъалаҳои гуногуни ахлоқиро ба миён меорад, ки бояд мавриди ҳаллу фасл қарор гиранд.

Аз таҳлилҳои фавқуззикр ба хулоса расидан мумкин аст, ки ҷаҳони нави ҷомеаи иттилоотӣ бо шабакаҳои глобалӣ ва фазои маҷозӣ ногузир мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқиро ба вуҷуд меорад. Бисёре аз мушкилоти вобаста ба муносибатҳои инсонӣ дар ҷомеа равшан нишон медиҳанд, ки аксари фаъолиятҳои инсонӣ дар фазои маҷозӣ сурат мегиранд. Аксарияти масъалаҳои асосии ахлоқӣ истифодаи технологияи иттилоотиро дар шабакаҳои умумиҷаҳонӣ ба дахолатнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот, фаъолияти чиноӣ дар Интернет ва ғайраро дар бар мегиранд. Нигарониҳо вуҷуд доранд, ки шабакаи иҷтимоии оянда метавонад ба як уқёнуси азими афроди ҷудогона табдил ёбад, ки ба мисли занбӯри асали инсонӣ бо маълумот муошират мекунанд, на бо одамон. Итминон ҳосил кардан зарур аст, ки "ҷомеаи маҷозӣ" на барои иваз кардани ҷомеаҳои

[1] Побегайло А.Э. Борьба с киберпреступностью: учеб. пособие. Ун-т прокуратуры Рос. Федерации. – М., 2018. - С. 14.

воқеии инсонӣ, балки барои ба онҳо хизмат расонидан зарур аст. Мушкилоти бузурге дар боби он вуҷуд доранд, ки чӣ тавр ба корбарон дар фарқияти байни манбаъҳои иттилоот ва баҳогузорӣ намудани ҳаққоният воқеияти ин манбаъҳо кӯмак расонидан мумкин аст.

Хавфе ҷой дорад, ки ҷаҳоне сохта мешавад, ки дар он фаҳмиши ахлоқӣ ва зеҳнӣ таҳти таъсир, фишор ва пахш шудани баҳри иттилоот қарор мегирад. Ҳарчанд баъзе аз ин мушкилот тавассути ҷорӣ ва ворид намудани барномаҳои навтарини технологӣ қисман ҳаллу фасл шуда бошанд ҳам, аммо зарур аст, ки қонунҳои ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти умумии садҳо кишварҳое, ки ба як шабакаи ҷаҳонӣ шомиланд, ба тасвиб расанд. Роҳнамо ва стратегияҳои нав бояд ҷорӣ карда шаванд, то ки иттилооти глобалӣ бо дар назардошти ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ барои манфиат ва дурнамоҳоиояндаи инсоният мавриди истифода қарор гиранд.

## 1.3. АХЛОҚИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ РУШДИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

Амнияти иттилоотӣ ва ахлоқ яке аз муҳимтарин ҷанбаҳое баррасӣ мешаванд, ки нигаронӣ ва таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва олимони ин соҳаро ҷалб намудааст. Амнияти иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ ҳамчун истилоҳоти ҳамгирое муайян карда мешаванд, ки барои тамоми фаъолиятҳои вобаста ба таъмини амнияти иттилоот ва бо мақсади беҳтар кардани истифодабарии он аз нигоҳи ахлоқӣ зарур мебошанд. Вобаста ба ин, саволҳое ба миён меоянд, ки ба сабабҳои таваҷҷуҳи афзоянда ба ахлоқи технологӣ ва чигунагии ташаккул ёфтани он посух талаб мекунанд.

Далели аслӣ дар асл хеле оддӣ аст. Технология торафт бештар муайян мекунад, ки одамон чӣ гуна барои зиндагии хуб саъй мекунанд ва ба кадом дараҷа муваффақ мегарданд. Технологияи хуб тарҳрезишуда ва истифодашаванда метавонад зиндагии одамонро осонтар гардонад (масалан, имкон медиҳад, ки захираҳои барои ҳаёти хуб зарурбуда, ба монанди ғизо,

об, энергия ё нигоҳубини тиббӣ самараноктар истифода ва тақсим карда шаванд).

Технологияҳои нодуруст тарҳрезишуда ё нодуруст истифодашаванда метавонанд зиндагии хубро душвор гардонанд (масалан, тавассути заҳролуд кардани муҳити зист ё тақвият ёфтани одатҳои хатарнок, носолим ё зиддиҷамъиятӣ). Ба як маънӣ, тағйироте, ки дар натиҷаи пешрафти технологӣ ба амал меоянд, ба рафтору кирдори инсон таъсири мустақим расонда, қоидаҳо ё дастурҳои навро барои ҳаллу фасли масъалаҳо ва посуххо ба проблемаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тақозо менамоянд.

Барои дуруст фаҳмидани ахлоқи иттилоотӣ зарур аст, ки истилоҳҳои «ахлоқ» ва «иттилоот»-ро алоҳида таъбир диҳем ва на ба муқаррарии он, чуноне ки масалан, дар фалсафаи классикӣ маъруф аст, балки дар чаҳорчӯбаи фаҳмиши муосири аврупоии он маънидод намоем, ба он хотир, ки иттилооти технологӣ офаридаи аврупоиён буда, ахлоқ ва амнияти иттилоотиро бояд дар иртибот бо он тафсир дод. Муҳаққиқи рус О.М.Манжуева бо таҳлили ақоиди яке аз асосгузорони “ахлоқи иттилоотӣ” ва “ахлоқи компютерӣ” – Л. Флориди дақиқ қайд менамояд, ки агар этикаи биомарказӣ (яъне омӯзиши ахлоқ аз нигоҳи ҳаёт ва рафтору кирдори инсони иҷтимоӣ) ба эътиқод дар бораи он ки қонуни умумии ахлоқӣ дар бораи арзишҳои ботинии ҳаёт асос ёфта бошад ва дар натиҷа ҳар гуна машаққат ва ранҷу азобро манфӣ арзёбӣ кунад, дар доираи ахлоқи иттилоотӣ чунин ҳукм тасдиқ карда мешавад, ки нисбат ба азобу машаққат чизи дигари муҳимтар ва бештар хусусияти бунёдӣ дошта вуҷуд дорад. Дар ин ҷо сухан умуман дар бораи ҳастие меравад, ки он ҳамчун иттилоот фаҳмида шуда, он иттилоот дорои моҳияти ботинӣ мебошад ва на танҳо мақоми худро нигоҳ дошта метавонад, балки таҳти тағйир ва табдилёбӣ қарор мегирад. О.М.Манжуева илова мекунад: “Ҳамин тариқ, ҳаракате, ки қаблан дар ахлоқ аз таҳаввули инсонмарказӣ ба ҷониби тамоюли биомарказии он қайд карда мешуд, ҳоло бо ҳаракат аз парадигмаи биомарказӣ ба ҳастимарказӣ, яъне ба самти таълимот

дар бораи ҳастӣ ба маънои томмаш иваз карда мешавад. Ин ҳаракат аз он замина мегирад, ки иттилоот дар бораи мо бахше аз ҳастии мост ва касе, ки соҳиби чунин иттилоот аст, бахше аз ҳастии моро доро буда, мухторияти моро вайрон мекунад”.[1] Чунин муносибат ва дастрасӣ ба иттилооти одамон ҷанбаҳои зиёди ҳуқуқҳои дахолатнопазирӣ - ҷисмонӣ, равонӣ, иттилоотӣ ва амсоли онҳоро ба миён мегузорад.

Ахлоқ ва ё аниқтараш, - этика ҳамчун илми ахлоқ ба ҳайси илми фалсафие фаҳмида мешавад, ки бо принсипҳои хусусияти тавсиявӣ ва роҳнамоидошта муайян гардида, дар доираи он одамон бояд дар дарки дурусти ҳаёт, рафтору кирдор, ҳукмҳо ва далелҳои зеҳниашон барои иҷрои ягон кору амалашон ҳидоят шаванд. Этика ба таври муназзам ва пай дар пай дар бораи мазмун, асоснокӣ ва қонунияти амалиёти фардию ҷамъиятии инсон дар маҷрои таърих баҳс намуда, инчунин бо асосҳои ақлонии рафтори ахлоқии инсон сару кор дорад ва қаробати аксиологиеро ҷустуҷӯ мекунад, ки аз нигоҳи ақл барои хар як шахс муҳим мебошад.

Ба гуфтаи муҳаққиқи англис М.Т.Браун, ҳадафи ахлоқ на дар он ифода меёбад, ки одамон “ахлоқӣ” бошанд, балки аз он иборат аст, ки онҳо тавонанд барои некӯаҳволии инфиродӣ ва иҷтимоии хеш тасмимҳои беҳтаринро интихоб ва қабул кунанд, яъне ахлоқ ба раванди тасмимгирӣ дар самти он сурат гирад, ки дар созмонҳо ва иттиҳодия чӣ бояд кард, зеро созмонҳо ҷомеаҳо ва қувваҳои ахлоқӣ мебошанд. Ҷомеаи муосир субъектҳоеро тақозо мекунад, ки барои фаъолиятҳо, лоиҳаҳо ва дастовардҳои худ масъул бошанд. Танҳо дар чунин замина ахлоқ маънои ҳақиқиашро пайдо карда метавонад ва аз ин рӯ, он асосҳои ақлонӣ, меъёрҳои рафтори ахлоқиро муқаррар мекунад.[2] Ин маънои онро дорад, ки одамон, ҷомеаҳо ва созмонҳою муассисаҳо бояд бо фурӯпошии ахлоқӣ, бӯҳрони арзишҳо мубориза баранд, то ба фазилатҳои бештар ва ҷаҳони беҳтаре, ки ба мушкилоти ахлоқӣ тоб оварда метавонанд, муяссар гарданд.

---
[1] Манжуева О.М. К вопросу об информакионной этике // Известия Томского политехнического университета. 2010. Т. 316. № 6. - С. 176.
[2] Brown, M.T. (1992). La ética en la empresa.Paidós, Barcelona: 34-37.

Аз тарафи дигар, мафҳуми “иттилоот” дар таҳқиқотамон ба таърифе мувофиқ меояд, ки онро ҳамчун маҳсули маҷмуи воситаҳои технологӣ ва ҳамчун воситаи иртибот барои касби донишҳо ва муоширати одамон баҳогузорӣ мекунанд. Аз ҷониби дигар, масалан, ба андешаи Н.Винер, «иттилоот - ифодаи мундариҷаест, ки аз олами беруна дар ҷараёни мутобиқшавии мо ба он ва мутобиқшавии эҳсосоти мо ба он гирифта мешаванд. Раванди гирифтан ва истифодаи иттилоот раванди мутобиқшавии мо ба тасодуфҳои муҳити беруна ва фаъолияти ҳаётии мо дар ин муҳит мебошад... Фаъолона ҳаёт ба сар бурдан – маънои ҳаётгузаронӣ бо касб намудани иттилооти дурустро дорад. Ҳамин тавр, ахбор ва идоракунӣ дақиқан бо худи моҳияти вуҷудияти инсонӣ ва ҳам бо ҳаёти инсон дар ҷомеа иртибот дорад”.[1] Дар сафи пеши рушди иттилооти технологӣ кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон, бартарии рақобат ва вижагиҳои муқоисавии ин унсурҳои технологиро дарк мекунанд ва аз ин рӯ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки заминаи технологиро барои баланд бардоштани самаранокӣ ва аз ин рӯ, некӯаҳволии иҷтимоии аҳолии худ ташкил кунанд. Аз ин рӯ, онҳо зарурати ҳамгироӣ кардани ТИИ-ро ба стратегияҳо ва барномаҳои асосии рушди кишварҳояшон ҳамчун василаи дастгирии ноил шудан ба ҳадафҳои васеи миллӣ, ҳам иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ дарк кардаанд. Масалан, соли 2002 дар кишварамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” ба тасвиб расид, ки дар моддаи 7-он, аз ҷумла, чунин омадааст: ғамхории давлат ва дигар субъектҳои муносибатҳои иттилоотӣ дар бораи таъсиси саривақтӣ, фаъолияти зарурӣ ва рушди системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳо, махзан ва манбаи маълумот дар тамоми самтҳои фаъолияти иттилоотӣ; таъмини ворид шудани саривақтии шаҳрвандон ба иттилоот; дар асоси ғайриинҳисорӣ таъсис додани система ва шабакаҳои миллии иттилоот; ташкили системаи ҳифзи иттилоот[2] ва ғайра.

[1] Винер Н. Кибернетика и общество. - М.: «Иностранная литература», 1958.- С. 31.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”. https://medt.tj/documents/main/normativno-pravovie-akti/zakonodatelnie-akti/tj/02517-tj.pdf (санаи муроҷиат ба сайт 23.03.2019)

Технологияи иттилоотӣ ба ҷомеаҳои мо ҳарчи бештар ворид шуда, симои иттилотӣ ва технологии ҷаҳонро тағйир медиҳад ва дар айни замон, аҳамияти ахлоқи навро бо масъулияти иҷтимоӣ ва таҷдиди арзишҳо дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ роҳнамоӣ мекунад, ки дар он манфиатҳои эҳтимолии ахлоқ ва технологияҳои иттилоотӣ бояд бо ҳам мувофиқат кунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки шакли нави идоракунӣ, аз ҷумла технологияҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣ (коммуникатсионӣ), ки ба тиҷорат асос ёфтааст, пешниҳод карда шавад. Ба як маъно, технологияҳои иттилоотӣ, аз қабили шабакаҳои компютерӣ ва фазои кибернетикӣ як инқилоберо ба вуҷуд овардаанд, ки дар он ҷузъи ахлоқӣ барои тамоми амалҳо ва муносибатҳои инсонӣ дар давраи ояндаи баъдииттилоотӣ асос ёфтааст.

Робитаи мавҷудаи ахлоқ ва иттилоот ба таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ба ҷомеаи муосир вобаста аст, ки дар он ҷанбаҳое ҷой доранд, ки робитаи онро бо ахлоқ таъмин менамоянд. Қобили зикр аст, ки масалан, таҷовуз ба дахолатнопазирии шахсияти корбар дар Интернет, ки бо ворид кардани спам тавассути почтаи электронӣ шаҳодат медиҳад ва ё амалҳои дигар, аз қабили нусхабардории ғайриқонунии барномаҳои компютерӣ, интиқоли маълумот аз сервер ва ғайра гувоҳи ин ҳукм мебошанд. Аз ин рӯ, корбарон ва мутахассисони компютер бояд масъулияти худро муайян кунанд ва барои ноил шудан ба ҳадафи некӯаҳволии иҷтимоӣ дар аснои истифодаи ин технологияҳо қарорҳои одилона қабул кунанд.

Ба гуфтаи Ҷ.Мур, ахлоқи компютерӣ ҳамчун фанне таъбир карда мешавад, ки хосиятҳо ва таъсири иҷтимоии технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба арзишҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ муайян мекунад; он, аз ҷумла, саломатӣ, сарват, кор, озодӣ, дахолатнопазирӣ, ҳаёти шахсӣ, амният ё худшиносии шахсӣ, демократия ва донишро дар бар мегирад. Он ҳамчунин таҳия ва асосноккунии сиёсатҳоеро дар бар мегирад, ки амалҳои одамонро роҳнамоӣ ва ахлоқи онҳоро дар истифодаи ин технологияҳо таъмин

мекунанд.[1] Тибқи чунин равишҳо ва натиҷагириҳо аз таҳлили аҳамияти ахлоқи иттилоотӣ метавон гуфт, ки ҳар як мушкилии ахлоқӣ барои мутахассисон ва корбарони таҷҳизоти технологияи компютерӣ аз нигоҳи амниятӣ масъалаи мураккаб ба шумор меравад. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ҷомеаи муосир бо истифодаи нодурусти компютерҳо аз ҷониби одамон ҳарчи бештар осебпазир мегардад: масалан, зуд-зуд ба корношоямии сахтафзорҳо (жесткий диск) дучор мешавем, ки дар натиҷаи нокомии барномаҳои компютерӣ ва системаҳои компютерӣ ба вуҷуд меоянд. Илова бар ин, шаклҳои нави воридшавии вирусҳо ба системаҳои компютерӣ пайдо мешаванд, ки барои ҳалли мушкилоте, ки онҳо ба вуҷуд меоянд, фавран чораҳои зарурииро талаб мекунанд.

Ахлоқи иттилоотӣ бо инқилоби технологияи иттилоотӣ дар ҳамбастагӣ пешрафт мекунад, ки бар замми мураккабӣ ва сӯиистифода аз технологияи иттилоотӣ, як паҳлуи нави масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқиро ба вуҷуд меорад. Дар рафти инқилоби рақамӣ технологияҳои иттилоотӣ дигаргуниҳои амиқ ва куллӣ ва мушкилоти нави иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, на танҳо контексти мушкилоти гузаштаро тағйир доданд, балки ба онҳо ҷанбаҳои нав ва ҷолибро илова карданд. Ин мушкилот тақрибан тамоми паҳлуҳои ҳаёт, ҷомеа ва созмони инсонро бо рафторҳои номатлуб, аз қабили истифодаи шабака барои таблиғоти ғайриахлоқӣ, зарар бар амнияти инсон, нусхабардории ғайриқонунии нармафзор, халалдор шудани озодии сухан, табъиз нисбати одамоне, ки дастрасӣ ба интернет доранд, табъизи зеҳнӣ ва иҷтимоӣ, вандализм (крекерҳо), порнографияи рақамӣ, маълумоти бардурӯғ, дахолат ба моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи моликияти шахсӣ ва ғайра масъалаҳоеанд, ки амнияти корбаронро тахти хатар гузошта, ниёз ба ахлоқи иттилоотӣ ва масъалаҳои гуноугни вобастаи ба амнияти онро ба миён меоваранд.

Амнияти иттилоотӣ ва компютерӣ масъалаи муҳими илми ҷомеашиносӣ мебошад, ки бо татбиқи хусусиятҳои амниятӣ дар системаҳои компютерӣ барои муҳофизат аз ифшои беиҷозат, таҳрир ё нест кардани

[1] Moor J. What is Computer Ethics// Metaphilosophy. 1985. Vol. 16. No. 4. P. 266-275.

иттилоот ва рад намудани хоҳиши хидматрасонӣ иртибот дорад. Ҳолате, ки натиҷаи ин кӯшишҳомебошад, амнияти иттилоотӣ ва компютерӣ низ меноманд. Ҳадафи мутахассисон соҳаи амнияти иттилоотӣ ва компютерӣ – таъмин намудани ҳимоя ва ҳифзи иттилоот ва захираҳои системавии арзишманд мебошад. Байни амнияти захираҳои системавӣ ва амнияти иттилоот ё маълумоти иттилоотӣ фарқ гузоштан мумкин аст. Аввалиро амнияти системавӣ ва дуюмии онҳоро амнияти иттилоотӣ ё ҳифз намудани маълумот номидан мумкин аст. Амнияти системавӣ - ин муҳофизати системаи компютерию технологӣ аз барномаҳои зараровар ест, ки захираҳои системаро вайрон мекунанд. Амнияти иттилоотӣ бошад, ҳифзи маълумотест, ки дар сахтафзорҳо (дискҳо)-и системаҳои компютерӣ ҷойгир шуда, дар байни системаҳо интиқол дода мешавад.[1] Аз ҷониби дигар, чуноне ки муҳаққиқи рус Т.В.Закупен қайд мекунад, амнияти иттилоотӣ на падидаи сирф техникӣ, балки як падидаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад ва илова мекунад: “Таъмини амнияти иттилоотӣ на танҳо ҳифзи иттилоот, балки тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва дигар тадбирҳоест, ки ба таъмини рушди устувор, устувори ҷомеа ва давлат нигаронида шудаанд ва дар онҳо ҳадафҳои зерин амалӣ мегарданд: махфӣ будани иттилооти муҳим; якпорчагии иттилоот ва равандҳои марбут ба он (офаридан, ворид намудан, коркард ва натиҷагирӣ); дастрасии иттилоот ҳангоми зарурат ба он; баҳисобгирии тамоми равандҳои марбут ба иттилоот”.[2]

Амнияти иттилоотӣ бо мушкилоти ахлоқӣ чӣ гуна робита дорад? Тавре ки дар боло шарҳ дода шуд, ахлоқ бештар ба ҳуқуқ, зарар ва манфиатҳои шахсӣ ё гуруҳӣ дахл дорад. Аз ин рӯ, мо наметавонем ба ин савол бе омӯхтани робитаи байни амнияти компютерӣ ва ҳуқуқ, моликият ва зарару манфиатҳои шахсӣ ё гуруҳӣ ҷавоб диҳем. Дар айни ҳол, саволҳои дигар, монанди амнияти компютерӣ чӣ гуна афзалиятҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ муҳимро

---

[1] Spinello, R. and Tavani, H.Security and Cyberspace. In: Readings in Cyberethics, 1st ed. by Spinello R., and Tavani, H. (Jones and Bartlett, Sudbury MA, 2001), pp. 443-450

[2] Закупень Т.В. Понятие и сущность информационной безопасности и ее место в системе обеспечения национальной безопасности Российской Федерации. С. 9. http://www.aselibrary.ru/datadocs/doc_965hu.pdf Дата обращения 12.12.2019.

таъмин карда метавонад; кадом зарарҳои аз ҷиҳати ахлоқӣ муҳим ё поймолкунии ҳуқуқҳои ахлоқӣ натиҷаи нобудии амнияти компютерӣ ба ҳисоб меравад; оё амнияти компютерӣ метавонад ба ҷои пешгирӣ ва ҳимояи ахлоқи иттилоотӣ ба он зарар расонад ё ҳуқуқҳои корбаронро поймол кунад? Зарари аввалин ва шояд асоситарине, ки аз вайрон кардани амнияти компютерӣ натиҷа мегирад, зарари иқтисодӣ мебошад. Ҳангоме ки амнияти низоми иттилоотӣ-компютерӣ халалдор шуда, сахтафзор ва нармафзори арзишманд метавонад осеб ё вайрон шавад ва хидмат дастнорас гардад, он боиси талафоти вақт, пул ва захираҳои моддӣ мегардад. Вайрон шудани амнияти иттилоотӣ метавонад боиси боз ҳам хисороти баландтари иқтисодӣ гардад: маълумоти арзишманд метавонад гум шавад ё ба тахриб дучорояд, ки арзиши он аз сахтафзоре, ки дар он нигоҳ дошта мешавад, хеле болотар буда, боиси талафоти ҷиддии иқтисодӣ гашта метавонад. Маълумоти ҳифзшуда инчунин метавонад арзиши шахсӣ, фарҳангӣ ё иҷтимоӣ дошта бошад, бар хилофи арзиши иқтисодӣ, ки ҳангоми вайрон шудан ё гум шудани маълумот нобуд шуда метавонад. Муҳаққиқони рус А.И.Войтик ва В.Г.Прожерин муътақиданд, ки арзиши иттилоот метавонад мақулаи нарх бошад ва микдори муайяни фоидаро ҳангоми истифодаи он ё ҳаҷми зарарро ҳангоми гум шудани он тавсиф диҳад. Иттилоот, ба андешаи онҳо, аксаран ба фазли аҳамияти ҳуқуқии он барои ширкат ё рушди тиҷорат арзишманд буда метавонад, масалан дар шакли ҳуҷҷатҳои мутааллиқ ба таъсиси ширкат, барномаҳо ва нақшаҳои кории он, шартномаҳо бо шарикону миёнаравҳо ва ғайра. Арзиши ин гуна иттилоот дар аҳамияти дурнамои илмӣ, техникӣ ё технологии онҳо зоҳир шавад. Муаллифони мазкур ду намуди иттилоотеро, ки барои инсон аз ҷиҳати интеллектуалӣ арзишманданд, қайд кардаанд: "*Техникӣ, технологӣ*: усулҳои истеҳсоли маҳсулот, нармафзорҳо, нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, формулаҳои кимиёвӣ, ташхисҳо, натиҷаҳои озмоишии намунавӣ, маълумот дар бораи назорати сифат ва ғайра; 2) *тиҷоратӣ*: нишондиҳандаҳои қимати нарх, натиҷаҳои тадқиқоти бозор, рӯйхати муштариён, пешгӯиҳои иқтисодӣ, стратегияҳои фаъолият ва ғайра.

Маълумоти арзишманд бо меъёрҳои ҳуқуқӣ (патентӣ, ҳуқуқи вобастагии муаллифӣ ва ғайра) ва бо тамғаи молӣ ҳифз карда мешаванд ё тавассути дохил кардани онҳо ба қатори маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ҳифз карда мешаванд”.[1]

Ба ғайр аз ин, ҳар гуна талафоти амниятии низоми иттилоотӣ-компютерӣ бо зарари равонӣ (психикӣ) ё ҳиссӣ анҷом гирифта метавонад. Вайроншавии низоми иттилоотӣ-компютерӣ ҳатто метавонад зарари ҷиддитар, ба монанди ҷароҳат ва ё ҳатто марг расонад. Ин ҳолат дар низомҳои иттилоотӣ-компютерии ба истилоҳ, “ниҳоят муҳими бехатарӣ” рух медиҳад ва онҳо низомҳои компютерие мебошанд, ки бо ҷузъ ё назорати воқеии вақт сару кор дошта, ба ҳаёт мустақиман таҳдид мекунанд. Мисолҳои онҳо низомҳои иттилоотӣ-компютерӣ дар идоракунии реакторҳои ҳастаӣ, идоракунии ҳавопаймоҳо, низомҳои компютерии мушакҳои фазоӣ ва низомҳои табобатӣ мебошанд. Тахриб ёфтани баъзе намудҳои дигари низомҳои иттилоотӣ-компютерӣ низ метавонад ба таври ғайримустақим оқибатҳои ба ҳаёт таҳдидкунанда дошта бошад. Онҳо низомҳои иттилоотӣ-компютериеро дар бар гиранд, ки барои тарҳрезӣ, мониторинг, ташхис ё қабули қарор мавриди истифода қарор гиранд, масалан, низомҳое, ки барои тарҳрезии пул ё ташхиси тиббӣ ба кор мераванд.

Вайрон шудани махфияти иттилоот метавонад боиси зарари иловагӣ ва поймол шудани ҳуқуқи шахс гардад. Шахсони сеюм метавонанд бо роҳи дастрасӣ, нусхабардорӣ ва паҳн кардани иттилоти ба дасташон расида махфияти маълумотро зери хатар гузоранд. Чунин амалҳо, пеш аз ҳама, ҳуқуқи моликият, аз ҷумла ҳуқуқи моликияти зеҳниро, ки аз ҳуқуқи соҳибият ва истифодаи офаридаҳои зеҳнӣ, монанди асарҳои бадеӣ ё адабӣ ва намунаҳои эҷодӣ, бармеояд, вайрон карда метавонанд. Иттилоот метавонад танҳо ба шахсе тааллуқ дошта бошад, ки ҳуқуқ дорад муайян кунад, ки кадом шахс метавонад ба иттилоот дастрасӣ дошта ва онро истифода барад ва ин ҳуқуқро худи ӯ лағв карда метавонад. Илова бар ин, халадор шудани махфият

[1] Войтик А.И., Прожерин В.Г. Экономика информационной безопасности. – СПб., 2012. - С. 11-12.

метавонад ҳуқуқҳои дахолатнопазириро ба ҳаёти шахсии инсон вайрон кунад. Ин ҳолат ҳангоме рух медиҳад, ки иттилооте, ки ба он дастрасӣ пайдо мешавад, дорои маълумот дар бораи ашхосест, ки хусусӣ маҳсуб меёбанд. Дар Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ, ки соли 2018 ба тасвиб расидааст, ду навъи дастрасӣ ба маълумоти шахсӣ (моддаи 9) муқаррар шудааст: дастрасии умум ё озод ва дастрасии маҳдуд. Дар бандҳои 2-4 ин модда омадааст: "2. Дастрасии маълумоти шахсии дастрасии умум бо розигии субъект озод мебошад ё тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи низоми махфият нисбат ба он татбиқ намегардад; 3. Бо мақсади таъминоти иттилоотии аҳолӣ манбаъҳои маълумоти шахсии дастрасиашон озод (аз ҷумла маълумотномаҳои тарҷумаиҳолӣ, китобҳои телефонӣ, суроғавӣ, захираҳои иттилоотии электронии дастраси умум, воситаҳои ахбори омма) истифода мешаванд; 4. Дастрасии маълумоти шахсии дастрасии маҳдуд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд мебошад".[1]

Илова бар вайрон кардани ҳуқуқҳои моликият ва дахолатнопазирӣ, вайрон кардани махфият метавонад боиси зарарҳои гуногуни дигар гардад, ки дар натиҷаи интишор ва истифодаи маълумоти махфӣ ба миён меояд. Масалан, паҳн кардани ёддоштҳои дохилии ширкат ба обрӯю нуфузи он латма мезанад ва поймол кардани махфияти муомилоти онлайн бо кортҳои кредитӣ бошад, эътимодро ба амнияти муомилоти молиявии онлайн коҳиш дода, ба фаъолияти бонкии электронӣ ва тиҷорати электронӣ зарар мерасонад. Мусолаҳа дар нисбати дастрасии иттилоот буда метавонад, ба шарте ки агар онҳо тӯлонӣ ё қасдан набуда, ҳуқуқҳои озодӣ, махсусан ҳуқуқ ба озодии иттилоот ва озодии суханро поймол кунанд. Озодии иттилоот – ин ҳуқуқи дастрасӣ ва истифодаи иттилооти оммавӣ мебошад. Ҷ.ван ден Ҳовен изҳор доштааст, ки дастрасӣ ба иттилоот дар давраи муосир ба ҳуқуқи маънавии шаҳрвандон табдил ёфтааст, зеро иттилоот ба неъмати

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2018, № 1115 қабул карда шуд. http://mmk.tj/system/files/Legislation/1537_TJ.doc.pdf Рӯзи руҷуъ 30.05.2019.

аввалиндарачаи иҷтимоӣ ва манбаи асосию зарурӣ барои муваффақ шудан дар ҷомеа табдил ёфтааст.[1] Қатъ ёфтани фаъолияти хадамоти муҳимми иттилоотӣ ҳуқуқи инсонро ба иттилоот вайрон карда метавонад. Илова бар ин, шабакаҳои компютерӣ дар замони мо ҳамчун воситаи сухан аҳамияти калон пайдо кардаанд. Вебсайтҳо, почтаи электронӣ, лавҳаҳои эълонҳо ва дигар хидматҳои электронии иттилоотӣ барои паҳн кардани паёмҳо ва муомилот бо одамон ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Ҳангоме ки дастрасӣ ба чунин хадамот маҳдуд карда мешавад, масалан, тавассути ҳуҷумҳое ба монанди “хидмат рад карда мешавад” ва ё рабуда шудани вебсайтҳо, онҳоро ба таври дуруст ҳамчун нақзи озодии баён тасниф менамоянд. Тадбирҳои амнияти иттилоотӣ-компютерӣ маъмулан аз расонидани чунин зарарҳо пешгирӣ намуда, ҳуқуқҳои корбаронро муҳофизат мекунанд, аммо дар айни замон, онҳо инчунин зарар расонида, ҳуқуқҳои ин корбаронро вайрон карда метавонанд. Қобили зикр аст, ки чораҳои амниятӣ ба дараҷае иттилоот ва захираҳои низомҳои иттилоотӣ-компютериро муҳофизат карда метавонанд, ки ба ҷонибҳои манфиатдор дар дастрасӣ ба иттилоот ё истифодаи хидматҳо халал ворид месозанд. Бо баррасии масъалаи амнияти иттилоотии элитаи сиёсӣ, профессор М.А. Родионов ҳодисаи фошгӯиҳои Э.Сноуденро мисол оварда, мегӯяд, ки онҳо “вокунишҳоро на танҳо дар дохили ИМА, балки дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба бор овард. Мувофики маълумоте, ки вай ифшо карда буд, дар натиҷаи амалиёти хадамоти махсуси Америка махфияти ахбори шахсии шаҳрвандони на танхо Штатҳои Муттаҳида, балки мамлакатҳои дигар ҳам вайрон шуда буд. Гузашта аз ин, тибқи як қатор нашрияҳо, Агентии амнияти миллии ИМА ба маълумоти шахсии раҳбарони ҷаҳон (аз ҷумла, садри аъзами Олмон Ангела Меркел) дастрасӣ дошт. Дастрасӣ ба маълумоти махфӣ, аз ҷумла, тавассути ширкатҳои амрикоӣ, ки дар истеҳсоли технологияҳои иттилоотӣ пешсафанд

[1] Hoven, J. van den (1995). Equal Access and Social Justice: Information as A Primary Good. In: Proceedings of ETHICOMP95, vol. 1 (DeMontfort University, Leicester UK, 1995).

ва чун қоида, дар кишварҳои гуногун намояндагиҳо доранд, сурат мегирифтанд”.[1]

Тадбирҳои амниятӣ инчунин метавонанд хусусияти табъизӣ дошта бошанд: онҳо метавонанд ба таври ноодилона як гурӯҳҳои муайяни корбаронро аз истифодаи низоми иттилоотӣ-компютерӣ хориҷ кунанд ё метавонанд ноодилона ба гурӯҳҳои муайяни корбарон нисбат бар дигарон имтиёз диҳанд. Ин махсусан ба амнияти миллии кишварҳои ҷаҳон дахл дорад. Вобаста ба ин масъала, бояд тазаккур дод, ки технологияи иттилоотӣ дар талошҳо барои амнияти миллӣ нақши ҷудогона дорад. Пеш аз ҳама, амнияти компютерҳо ба авлавияти асосӣ табдил ёфтааст, бахусус дар ҳифзи инфрасохтори муҳимми иттилоотӣ аз таҳдидҳои беруна. Дар нисбати компютерҳои сохторҳои давлатӣ, инчунин дигар объектҳои хусусӣ, аз ҷумла шабакаи интернет ва телефон, чораҳои пурзӯри амниятӣ ташкил карда шудаанд. Сонияи, ҳукуматҳои кишварҳои гуногун кӯшиш кардаанд, ки дар нисбати инфрасохтори иттилоотии давлатӣ ва хусусӣ бештар назорат барқарор намоянд. Онҳо ин матлабро тавассути амалҳое, монанди гӯш кардани телефон, ба даст овардани маълумот тавассути аз провайдерҳои интернетӣ ва ширкатҳои телефонӣ талаб кардани сабтҳои алоқаи телефонӣ ва почтаи электрони ашхос ё сохторҳо ва дастрас кардани онҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нодуруст эълон кардани шаклҳои муайяни рамзгузорӣ ва ё ҳатто тавассути талабкунӣ аз ширкатҳо барои бозсозии муҳандисии Интернет ба тарзе ки гӯш кардани гуфтугӯ ё навиштаҳои ашхос аз ҷониби давлат осонтар шавад. Дар иртибот бо ин матлабҳо, чуноне ки муҳаққиқи рус А.П.Иванова мекунад, чунин тарзи фаъолияти мақомоти давлатӣ метавонад эътимоди ҷамъиятро паст намуда, амнияти рақамиро дар тамоми ҷаҳон зери хатар гузорад ва он, ба гуфтаи ин муаллиф, дар гузоришҳои Маркази демократия ва технологияҳо (CDT), ки ба Додгоҳи ноҳияи Калифорния пешкаш шудааст, зикр ёфтааст. А.П.Иванова дар идомаи ин нукот менависад,

[1] Родионов М.А. Информационная безопасность политических элит // Социально-гуманитарные знания. - 2016. - № 1. - С. 115.

ки дар ин гузоришҳо ногузир будани оқибатҳои манфиро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ қайд намудаанд ва “ба ҷуз аз ҳамаи инҳо, салоҳияти ҳуқуқи миллӣ набояд аз марзҳои давлатӣ берун равад (масалан, дар Иёлоти Муттаҳида кӯшиши зерин карда шудааст: Суди Олӣ ислоҳномаеро тасдиқ кард, ки тибқи он мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд иҷозатномаи дастрасӣ ба ҳама гуна компютерҳоро новобаста аз ҷойгиршавии он ба даст оранд, ба шарте ки агар онҳо ба амнияти миллӣ таҳдид намоянд ё нисбат ба онҳо гумонбарӣ ба ҷиноят вуҷуд дошта бошад). Аммо ин тамоюл ба меъёрҳои байналхалқӣ оид ба шаффофият ва махфият дар Интернет ҷавобгӯ нест”.[1]

Тааҷҷубовар ва ботилнамо ба назар мерасад, ки чунин кӯшишҳои давлатҳо барои ба даст овардани назорати бештар аз болои иттилоот шаклҳои муайяни амниятро коҳиш медиҳанд: онҳо компютерҳоро барои дастрасии муассисаҳои давлатӣ ба ҳадди камтар таҳти муҳофизат ва амният қарор медиҳанд. Ҳ.Ниссенбаум - профессори Донишкадаи технологии Корнел изҳор доштааст, ки ғамхории кунунӣ дар бораи амнияти миллӣ ба пайдоиши консепсияи нави амнияти компютерӣ дар баробари консепсияи классикии он оварда расонд. Ба андешаи ӯ, консепсияи классикӣ ё маъмулии амнияти компютерӣ он аст, ки аз ҷониби ҷомеаи техникҳо истифода шуда, амнияти компютериро дар истилоҳоти соҳаи амниятӣ ва якпорчагии системаҳо, дастрасӣ ва махфияти маълумот муайян мекунад (ниг. фасли 2.1). Ҳ.Ниссенбаум онро амнияти техникии компютерӣ меномад. Шакли дигари онро ӯ амнияти кибернетикӣ меномад, ки таҳти он ҳифзи инфрасохтори иттилоотиро аз таҳдидҳо ба манфиатҳои миллӣ дар назар мегирад.[2]

Чунин таҳдидҳо дар баъзе ҳолатҳо нисбат ба терроризм васеътар муаррифӣ гардида, имрӯзҳо ҳама гуна таҳдидҳо ба тартиботи ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои интернетӣ, порнографияи онлайнии кӯдакон, вирусҳои компютерӣ ва вебсайтҳои руҳияи нажодпарастӣ ва хусуматомез доштаро дар

---

[1] Иванова А.П. Неприкосновенность частной жизни и информационной технологии (обзор) // Государство и право в новой информационной реальности. Сб. науч. тр. – М.: РАН. ИНИОН, 2018. - С. 161.

[2] Nissenbaum, H. (2005). Where Computer Security Meets National Security. Ethics and Information Technology **7**, 61-73

бар мегиранд. Бо вуҷуди ин, дар маркази амнияти кибернетикӣ нигарониҳо дар бораи амнияти миллӣ ва махсусан осебпазирии давлат ба ҳамлаҳои террористӣ қарор мегиранд. Худи ҳамон Ҳ.Ниссенбаум таъкид мекунад, ки амнияти техникии компютерҳо ва амнияти кибернетикӣ дар бораи ҳадафҳои амнияти компютерӣ ва чораҳое, ки бояд андешида шаванд, консепсияҳои гуногун доранд. Ҳадафи амнияти техникии компютерҳо ҳифзи манфиатҳои шахсии фардҳои алоҳида ва созмонҳо, махсусан соҳибон ва истифодабарандагони низомҳо ва маълумоти компютерӣ мебошад. Дар маҷмуъ, ҳадафи амнияти кибернетикӣ ҳифзи манфиатҳои давлати миллӣ буда, амнияти компютерӣ ҳамчун ҷузъи амнияти миллӣ тасвир мекунанд. Дар иртибот бо ин масъала, муҳаққиқони рус О.В.Казарин ва А.А.Тарасов қайд кардаанд, ки “... дар аксари стратегияҳои миллии амнияти кибернетикӣ ва доктринаҳои иттиҳодиявии кишварҳои ҷаҳони ғарбӣ нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар боби пешгирии даври навбатии мусобиқаи мусаллаҳона дар сатҳи сифатан нави рушди ТИИ, коҳиш додани хатари истифодаи тачовузкоронаи ин технологияхо барои ба таври зӯрӣ хал намудани низоъхои байнидавлатӣ, инчунин таҳдиди беҷазои фаъолият бо истифода аз ин намуди технология ва содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ дар фазои умумиҷаҳонии иттилоот хеле суст ба назар мерасад”.[1]

Чораҳои техникии амнияти компютерӣ асосан системаҳои компютериро аз ҳамлаҳои беруна муҳофизат мекунанд. Ташаббусҳо дар соҳаи амнияти кибернетикӣ низ чунин чораҳои муҳофизатиро дар бар мегиранд, аммо илова бар ин, онҳо чорабиниҳоро барои дастрасӣ ба низомҳои компютерӣ ва назорати иттилоотро ҳам дар бар мегиранд. Ин ду консепсияи амният ҳангоме бо ҳам ихтилоф дошта метавонанд, ки агар чораҳои мазмунан муқобили яке аз онҳоро тавсия медиҳанд. Масалан, амнияти киберӣ метавонад талаб кунад, ки системаи компютерҳо барои бозрасии фосилавии ҳукумат кушода шавад ё дастрасии ҳукуматро ба

[1] Казарин О.В. ва Тарасов А.А. Современные концепции кибербезопасности ведущих зарубежных государств // Вестник РГГУ. Серия: Документоведение и архивоведение. Информатика. Защита информации и информационная безопасность. № 15, 2013. - С. 72.

вебсайтҳо барои бастани онҳо таъмин намояд, дар ҳоле ки амнияти техникии компютерӣ метавонад чунин амалҳоро манъ кунад. Манфиатҳои гуногуни амнияти компютерии техникӣ ва амнияти кибернетикӣ ба ин васила метавонанд духӯрагии маънавӣ эҷод кунанд: оё афзалият ба манфиатҳои давлат дода мешавад ё ба манфиатҳо ва ҳуқуқи ҷонибҳои хусусӣ? Он дар навбати худ ба як мушкили калонтар ишора мекунад – чӣ гуна манфиатҳои амнияти миллиро бо ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ба мувозинат овардан мумкин аст.[1]

Ҳамин тавр, қисми зиёди амнияти иттилоотӣ-компютерӣ бо ҳифзи захираҳо ва маълумоти компютерӣ аз қасдан ва беиҷозат "шикастан" ё халалдоркунии фаъолияти компютер робита дорад. Чунин амалҳоро аксаран фаъолияти ҳакерӣ меноманд. Фаъолияти ҳакерӣ, тавре ки қаблан зикр шуда буд истифодаи малакаҳои компютерӣ барои ба даст овардани дастрасии ғайриқонунӣ ба захираҳои компютерӣ мебошад. Ҳакерҳо корбарони баландихтисоси компютер мебошанд, ки истеъдодҳои худро барои ба даст овардани чунин дастрасӣ истифода мебаранд ва аксаран бо ҳакерҳои дигар ҷомеаҳо ё шабакаҳо барои мубодилаи дониш ва маълумот дар тамоси бевосита қарор мегиранд. Фаъолияти ҳакерӣ аксаран, ба таври манфӣ, ҳамчун воситаи ба даст овардани чунин дастрасии ғайришаръӣ бо мақсадҳои бад, яъне дуздии иттилоот ва нармафзор ё вайрон кардани маълумот ё халалдор кардани амалиёти система баҳогузорӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳакерҳои ба истилоҳ худшинос байни вайронкуниҳои бадкорона, ки онҳоро "ҳакинг" меноманд, ва вайронкуниҳои бадқасдонаю зараровар ва вайронкунанда, ки онҳо "крекинг" меноманд, фарқият мегузоранд. Ҳакерҳои худшинос аксар вақт фаъолияти ҳакерии худро бо далелҳо асоснок мекунанд, ки гӯё онҳо зарари воқеӣ намерасонанд ва баръакс, таъсири мусбат доранд. Таъсири мусбати ҳакерӣ, ба қавли ин ҳакерҳо, чунин аст, ки он маълумотро ба манфиати ҳама баҳри манфиати озод қарор медиҳад ва низомҳо ва нармафзорҳои компютериро тавассути кашф намудани нуқсонҳо дар низоми

---

[1] Davis, D. and Silver, B. (2004). Civil liberties vs. security: Public opinion in the context of the terrorist attacks on America. American Journal of Political Science 48(1), 28-46.

амниятӣ бехтар месозад. Ин гуфтаҳо як қисми ахлоқи ҳакерӣ ё қоидаи ахлоқи ҳакериро ташкил медиҳанд, ки он маҷмӯи принсипҳое (одатан ғайриошкоро) мебошанд, ки фаъолияти бисёрии ҳакерҳоро роҳнамоӣ мекунанд. Чунин принсипҳо ақидаҳоеро дар бар мегиранд, ки иттилоот бояд озод бошад, дастрасӣ ба компютерҳо бояд номаҳдуд ва пурра бошад ва фаъолиятҳо дар фазои кибернетикӣ  ва ба олами воқеӣ зарар расонида натавонанд.

Дар иртибот бо ин масъалаҳо, профессори амрикоӣ Г.Т.Тавани изҳор доштааст, ки бисёре аз принсипҳои ахлоқи ҳакерӣ наметавонанд устувор бошанд. Эътиқод дар бораи он ки иттилоот бояд озод бошад, ба худи мафҳуми моликияти зеҳнӣ мухолиф аст ва маънои онро дорад, ки эҷодкунандагони иттилоот ҳақ надоранд онро дар хазинаи маълумоти худ нигоҳ дошта, имкони ба даст овардани фоида аз он надоранд. Гузашта аз ин, он ба таври куллӣ дахолатнопазириро халалдор мекунад ва инчунин якпорчагӣ ва саҳеҳии иттилоотро халалдор мекунад, зеро иттилоот метавонад бо хоҳиши ҳар касе, ки ба он дастрасӣ дорад, тағйир ва табдил дода шавад. Г.Т.Тавани ҳамчунин бар ин назар будааст, ки судмандии ҳакерӣ дар нишон додани заъфҳои амниятӣ метавонад аз зарари он зиёдтар набошад ва фаъолиятҳо дар фазои маҷозӣ метавонанд ба олами воқеӣ зарар расонанд. Ҳам фаъолияти ҳакерӣ ва ҳам крекингӣ ба шакли умум ғайриқонунӣ мебошанд ва аз ин рӯ метавонанд ҳамчун як намуди ҷиноятҳои компютерӣ ё тасниф дода шаванд, аммо намудҳои зиёди ҷиноятҳои компютерӣ мавҷуданд, ки на ҳамаи онҳо ба амнияти компютерӣ халал мерасонанд. Ду намуди асосии ҷиноятҳои кибернетикӣ вуҷуд доранд, ки амнияти компютериро зери хатар мегузоранд: ҷиноятҳои кибернетикӣ, ки онро Г.Т.Тавани ҳамчун истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ба даст овардани дастрасии беиҷозат ба системаҳои компютерӣ ё вебсайтҳои бо парол муҳофизатшаванда муайян кардааст ва *кибервандализм*, ки таҳти он истифода аз технологияи иттилоотӣ барои кушодани барномаҳое дар назар дошта мешавад, ки фаъолияти шабакаҳои компютериро халалдор мекунанд ё

маълумотро тахриб месозад.[1] Г.Т.Тавани навъи сеюми ҷиноятҳои киберҷиноятиро низ тавсиф мекунад: “Тибқи принсипи сеюме, ки мо муқаррар кардем, дастрасии беиҷозат ба киберфазо зарари воқеӣ намерасонад, зеро чунин фаъолиятҳо танҳо дар ҷаҳони маҷозӣ сурат мегиранд. Ин бӯҳрон иштибоҳи мантиқӣ аст, зеро он муносибати байни мафҳумҳои “зарар” ва “фазо”-ро чигил намуда, тасдиқ менамояд, ки ҷаҳони маҷозӣ ҷаҳони воқеӣ (физикӣ) нест, бинобар ин ҳар зараре, ки дар ҷаҳони маҷозӣ рух медиҳад, зарари воқеӣ буда наметавонад”.[2] Муаллифи мазкур то чӣ андоза дуруст будани ин ҳукмҳоро дар доираи мантиқ санҷиш намуда, мисол меорад, ки агар касе ба шумо хабареро ба воситаи почтаи электронӣ фиристода, беадолатона шуморо ба кори баде айбдор кунад, ин корро ӯ дар нисбати шумо дар фазои кибернетикӣ иҷро мекунад, ки он дар муқоиса бо фазои ҷисмонӣ “маҷозӣ” аст. Аммо, савол мегузорад муаллиф, оё аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки мундариҷаи хабари почтаи электронӣ нисбат ба хабаре, ки дар мактуби когазӣ чоп шуда, тавассути почтаи оддии физикӣ ба шумо фиристода шуда бошад, аҳамияти камтари воқеӣ дорад ва зараре, ки шумо аз мундариҷаи почтаи электронӣ эҳсос мекунед, назар ба зараре, ки шумо аз маълумоти якхела дар ҳамон номаи дар коғази моддӣ навишташуда хусусияти камтари воқеӣ хоҳад дошт?[3] Дар маҷмуъ чунин тарзи халадоркунии амнияти компютериро ӯ бо фаъолияти роҳзании нармафзор мутобиқ медонад, ки он истифодаи технологияи иттилоотиро барои тавлиди дубораи нусхаҳои нармафзор ё иттилооти хусусӣ ё паҳн кардани чунин маълумот дар шабакаи компютерӣ дар назар дорад. Роҳзании кибернетикӣ нисбат ба duздиҳои кибернетикӣ ё ҷинояткории кибернетикӣ хеле густардатар аст, зеро он малакаҳои бузурги компютериро тақозо намекунад ва бисёре аз корбарони компютер нусхабардоркуниҳои нармафзор ва маълумоти дорои ҳуқуқи муаллифиро аз нигоҳи ахлоқӣ ҷоиз медонанд.

[1] Tavani H.T. Ethics & Technology. Controversies, Questions, and Strategies for Ethical Computing (2013). Fourth edition. Rivier University, p. 185.
[2] Ҳамон ҷо. - С. 185.
[3] Tavani H.T. Ethics & Technology. Controversies, Questions, and Strategies for Ethical Computing (2013). Fourth edition. Rivier University, p. 186.

Duздиҳои кибернетикӣ вайронкунии амнияти компютерро ҳангоме “шикастан”-и воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар бар мегирад.

Навъи дигари ҷиноятҳои кибернетикӣ, ки баъзан бо вайрон кардани амнияти компютер пайвастагӣ дорад, қаллобии компютерӣ мебошад, ки он фиребкорӣ ба манфиати шахсӣ дар муомилоти тиҷоратии онлайн бо созмон додани шахсияти бардурӯғи онлайнӣ ё тағйир додан ва пешниҳоди нодурусти маълумот мебошад. Қаллобии компютерӣ аз амалҳои ҷиноятҳои кибернетикӣ барои дарёфти рамзҳои калидӣ, муайянкунандаҳои рақамии шахсият ва ё дигар рамзҳои интиқолдиҳӣ ё дастрасӣ ва ин чунин аз амалҳои тахрибкориҳои кибернетикӣ бо тағйир додани маълумот вобаста аст. Намудҳои дигари ҷиноятҳои киберҷинояткор, аз қабили паҳнкунии онлайни порнографияи кӯдакона ё таъқиби интернетӣ ва тӯҳмат, одатан нақзи амнияти компютериро дар бар намегиранд. Агар шахсияте, ки гирифтори қаллобӣ дар компютер мегардад ва ё дар он аз каси дигар “қарз гирифта мешавад”, дуздии шахсият номида мешавад. Муҳаққиқи рус А.В.Рагулина менависад, ки “воридкунии иттилооти компютерӣ ин амали мутақобилаи ду ё зиёда объектҳои иттилооти компютерӣ (яке аз онҳо «таҷовузкор» аст) бидуни тағйир додани сохтори рамзи барномавии объекти таҳти ҳамла қароргирифта мебошад. Ҳангоми воридшавӣ ҳар гуна алгоритми амалҳо оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди электронии иттилоот (паёмҳо, маълумот) барои шинохт ва истифодаи минбаъдаи онҳо тавассути технологияи компютерӣ ба кор меравад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки «воридкуни»-и иттилооти компютериро бо истилоҳи «дастрасӣ» ба иттилоот иваз кардан бамаврид аст, зеро он ба андозаи бештар таъсирро ба иттилооте инъикос менамояд, ки ҳангоми содир кардани қаллобии компютерӣ зарур буда, аз ҷиҳати ҳаҷм васеътар аст. Зеро бо чизе, ки ба он дастрасӣ нест, амал кардан ғайриимкон аст”.[1]

[1] Рагулина А.В. Компьютерное мошенничество // Пробелы в российском законодательстве. № 5, 2016. - С. 42.

Нигарони дигаре, ки солҳои охир дар соҳаи компютерӣ ва амнияти миллӣ ба миён омада, масъалаи ахлоқро ба миён мегузорад, терроризми кибернетикӣ мебошад, ки онро муҳаққиқону олимони ин соҳа ба тарзҳои гуногун шарҳ додаанд. Масалан, дар доираи илмии Россия, В.А.Мазуров муносибати олимони русро ба ин масъала таҳлил намуда, қайд кардааст, ки таърифи терроризми кибернетикӣ дар ин доира то ба ҳол ниҳоят суст ва заиф мураттаб ёфтааст: баъзе аз онҳо таҳти ин мафҳум "маҷмуи фаъолиятҳои зиддиқонуниеро мефаҳманд, ки ба сӯиқасд ба ҳаёти одамон, таҳдиди куштор, амалҳои тахрибкунанда дар нисбати объектҳои моддӣ, таҳриф намудани маълумоти айнӣ ва ё як қатор амалҳои дигар, ки барои ба шиддат овардани ваҳму ҳарос дар ҷомеа ва барои ба даст овардани афзалият ҳангоми ҳаллу фасли вазифаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамоянд, равона мешаванд".[1] Ҳамлаҳои террористии кибернетикӣ метавонанд ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ бошанд. Дар бораи доираи истифодаи дурусти мафҳуми "кибертерроризм" байни муҳаққиқону олимон ихтилофи назар вуҷуд дорад, ки саволҳои мухталифи дорои мазмуни ахлоқӣ-ҳуқуқиро ба миён меоваранд: сарҳадҳои байни кибертерроризм, ҷинояткории кибернетикӣ ва тахрибкориҳои кибернетикӣ бояд дар куҷо гузаранд? Оё наврасе, ки ягон вируси хатарнокро паҳн карда, ба компютерҳои давлатӣ зарари ҷиддӣ мерасонад, бояд ҳамчун кибертеррорист таъқиб карда шавад? Оё рабуда шудани саҳифаҳои асосии созмонҳои дорои ангезаи сиёсӣ амали кибертеррористӣ аст? Тафовут байни кибертерроризм ва дигар намудҳои ҳамлаҳои киберӣ метавонад дар моҳияти сиёсии он маълум гардад: кибертерроризм аз амалиётҳои дорои ангезаи сиёсӣ иборат мебошад, ки ҳадафи он расонидани зарар аст. Бо вуҷуди ин, профессорҳои амрикоӣ М.Мэйнон ва Э.Гудрум тасдиқ мекунанд, ки на ҳамаи ҳамлаҳои кибернетикӣ, ки дорои ангезаҳои сиёсӣ мебошанд, бояд кибертерроризм номида шаванд. Онҳо кибертерроризмро аз ҳактивизм (ҳуҷумҳои ҳакерӣ) фарқ мекунанд:

[1] Мазуров В.А. Кибертерроризм: понятие, проблемы противодействия // Доклады ТУСУРа, № 1 (21), часть 1, июнь 2010. - С. 41.

амалиёти ҳакерӣ алайҳи як сайт ё сервери интернетӣ бо мақсади халалдор кардани амалиёти муқаррарӣ, вале бе расонидани зарари ҷиддӣ ба он мебошад. Ҳакерҳо метавонанд аз бомбаҳои почтаи электронӣ, вирусҳои дараҷаи паст ва дуздии муваққатии саҳифаи хонагӣ истифода баранд. Онҳо ҳакерҳои дорои ангезаи сиёсӣ мебошанд, ки бо ягон шакли фаъолияти электронии сиёсӣ машғуланд, ки бояд аз терроризм фарқ дошта бошад.[1]

Масъулиятҳои ахлоқии мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ ашхосе мебошанд, ки вазифаи онҳо таъмини амнияти низом ва иттилоот мебошад. Бо дар назардошти хусусиятҳои касбашон онҳо барои дақиқкорӣ, эътимоднокӣ, дастрасӣ, бехатарӣ ва ҳифзи иттилоот дар тамоми ҷанбаҳои низомҳои иттилоотӣ ва ахбориро масъулияти ихтисосиро бар дӯш доранд ва фаъолияти касбии онҳо дар соҳаи амнияти компютерӣ метавонад одамонро аз эҳтимоли расидани зарари ахлоқӣ муҳофизат кунад, аммо инчунин зарарҳоро ба бор оварад ва ҳуқуқҳои ахлоқии одамонро поймол намояд. Дар нисбати низомҳои бағоят муҳими бехатарӣ, тасмим гирифтани мутахассисони амнияти иттилоотӣ ҳатто ба масъалаи ҳаёт ё мамот табдил ёфта метавонад. Он, ки мутахассисони ин соҳа ҳамчун як ҷузъи фаъолияти касбиашон масъулияти ахлоқӣ доранд, дар қонуну қоидаҳои ахлоқие, ки аз ҷониби созмонҳои гуногун барои амнияти компютерӣ ва иттилоот истифода мешаванд, инъикос ёфтааст. Аммо ин қоидаю қонунҳо ба таври муфассал дар бораи масъулиятҳои ахлоқии мутахассисони низомҳои иттилоотӣ-компютерӣ дар ҳолатҳои мушаххаси фаъолияташон хеле кам тавсиф медиҳанд. Масалан, кодекси ахлоқи Ассотсиатсияи амнияти системаҳои иттилоотӣ (ISSA), як созмони байналмилалии мутахассисон ва таҷрибаомӯзони амнияти иттилоотӣ, танҳо қайд мекунад, ки аъзои он бояд “тамоми фаъолиятҳо ва уҳдадориҳои касбиашонро мувофиқи тамоми қонунҳои амалкунанда ва принсипҳои олии ахлоқӣ” ба иҷро расонанд, аммо дар бораи он ки ин

[1] Mainon, D. and Goodrum, A. Terrorism or Civil Disobedience: Toward a Hacktivist Ethic. Computers and Society, 30(2), 14-19 (2000)

принсипҳои ахлоқӣ аз чӣ иборатанд ва ё чӣ гуна бояд дар ҳолатҳои мушаххас татбиқ ва ба мувозинат оварда шаванд, ҳарфе надоранд.[1]

Принсипи муҳиме, ки дар ҳифзи дахолатнопазирӣ дар кишварҳои ғарбӣ истифода мешавад, ин розигии огоҳона аст: аксаран ақидае ба миён гузошта мешавад, ки шаҳрвандон бояд дар бораи он ки созмонҳо чӣ гуна нигоҳдорӣ, истифода ё табодули маълумоти шахсии худро ба нақша медароранд, огоҳ карда, розигиашон гирифта мешавад. Одамон пас аз он ихтиёран ва мувофиқи хоҳишашон аз махфияти худ даст кашида метавонанд. Бояд қайд кард, ки махфият дар ҷомеаҳои муосир арзише ба ҳисоб меравад, ки ба ормони фарди худмухтор, ки озодона амал карда, онро бо сарнавишташ ҳамроҳ мекунад, мувофиқат мекунад. Дар баробари ин, ба ҷомеаҳои муосир инчунин назорату тафтиши фаъолияти одамон хос аст, ки дахолатнопазирии махфиятро халалдор мекунад. Назорат ин мушоҳидаи мунтазами одамон ё гурӯҳе бо мақсадҳои мушаххас, одатан бо мақсади расонидани ягон шакли таъсир ба онҳо, мебошад, хусусан агар ин кор ба давлат дахл дошта бошад. Давлат барои ҳифзи амнияти миллӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ назорат ва тафтиш, ки иҷрои ин фаъолияти он тавассути афзоиши миқёс ва суръати расонидани иттилоот тавассути компютер ва воситаҳои дигари технологӣ осон ва сабуктар гардид. Технологияҳои нави назорат ва ошкорсозӣ ба монанди телевизиони интеллектуалии пӯшида биометрия ва интерфейсҳои интеллектуалии корбар ва усулҳои нави коркарди маълумот ин тамоюлро боз ҳам бештар тақвият медиҳанд.

Аз гуфтаҳои фавқуззикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки истифода аз компютер ва дастрасӣ ба иттилоот ва махфияти он ҳуқуқи маънавии одамон мебошад. Дар ин бахши таҳқиқотамон шарҳ дода шуд, ки чаро махфият муҳим аст ва ба он технологияи иттилоотӣ чӣ гуна таъсир расонда, масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ дар махфияти иттилоот баррасӣ мегарданд. Худи амнияти компютерӣ ҳуқуқи ахлоқӣ ё арзиши ахлоқӣ нест, аммо нигоҳ

[1] ISSA: ISSA Code of Ethics. In: Information Systems Security Association Website. http://www.issa.org/codeofethics.html (2005).

доштани амнияти компютерӣ метавонад барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои одамон аз ҷиҳати ахлоқӣ зарур аст: ҳуқуқҳои дахолатнопазирӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқҳои озодӣ, ҳаёт ва саломатии инсон ва амнияти миллӣ далелҳои он мебошанд. Таъкид гардид, ки амнияти компютерӣ низ метавонад барои поймол кардани ҳуқуқҳо кор кунад; таҳлили ахлоқии масъалаҳои дахолатнопазирӣ ва амният дар компютерҳо метавонад ба мутахассисони компютер ва корбарон дар эътироф ва ҳалли мушкилоти ахлоқӣ кӯмак расонад ва метавонад сиёсат ва дастурҳои ахлоқиро барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба вуҷуд орад.

# БОБИ II. ИНСОН ДАР МУҲИТИ ИТТИЛООТӢ ВА ТАҲАВВУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. ТАҲАВВУЛОТИ РОБИТАҲО ВА МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ – ФАЛСАФӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АХЛОҚ

Дар ҳаёти инсоният рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар заминаи пешрафти воситаҳои технологӣ, инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккулёбии низоми иттилоотӣ таҳаввулоти ҷиддиеро ба вуҷуд оварда, дар натиҷа ба инқилоби бузург табдил ёфт. Чунки технологияи муосир дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ворид гардида, тафаккури созандаю бунёдкорӣ, рафтору муносибати инсонро нисбат ба муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ дигаргун кард. Дар ин замина иттилоот ба сифати манбаи муҳимми баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишварҳо, барқарор кардани робитаҳои мутақобилан судманд, танзими муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор гирифт. Ё худ чӣ тавре муҳаққиқи украинӣ А.В.Камарали тавзеҳ медиҳад: “Ҷомеаи иттилоотӣ ва таҳаввули он дар муддати се даҳсолаи охир дар ҳаёти инсоният тағйироти ҷиддиро ба вуҷуд овард. Дар доираи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва шабакаҳои гуногуни компютерию интернетӣ бо ҳам алоқаманд гардидани ҷомеаҳои гуногун яке аз хусусиятҳои муҳимми воқеияти охири асри XX ва ибтидои асри XXI маҳсуб ёфт. Раванди муттаҳидшавӣ ва омезишёбии ҷомеаҳои ҷаҳонӣ ва ба ҳам алоқаманд гардидани соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ ба раванди идоракунии давлатӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёт таъсири амиқ расонида, мазмуну мундариҷаи соҳаҳои иҷтимоиро низ каме дигаргун намудааст”.[1]

Бояд қайд кард, ки дар робита бо рушди техника ва технологияи муосир шурӯъ аз нимаи дуюми асри XX дар ҷомеаи инсонӣ инқилоби илмӣ-техникӣ ба вуқӯъ пайваста, ба он мусоидат кард, ки ҷомеаи иттилоотӣ бояд бештар ба

[1] Камарали А.В. Специфика управления информационным обществом /А.В. Камарали //Сборник конференций НИЦ Социосферы: Выпуск 25. - Донецк, 2014. – С.172.

омилҳои технологӣ такя намояд. Яъне, масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодӣ-фарҳангӣ, ки дар ҷомеаи пасосаноатӣ муҳим арзёбӣ мегаштанд, мадди назар карда шаванд. Бо он сабаб, ки ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсия робитаи қавӣ дорад. Вале ин ҷо набояд сарфи назар кард, ки рушди илму маориф, ахлоқ, санъат, ҳунарҳои мардумӣ, иқтисодиёт, саноат, такмили сиёсати давлатӣ ва ғайра барои ташаккули ин навъи ҷомеа муассир намебошанд. Рушди ҳар яке аз ин соҳаҳо, ки технологияи иттилоотӣ бо онҳо тавъам аст бешубҳа ба ташаккул ва тавсеаи он нақши хосса доранд. Ҳамзамон, чӣ тавре аз таҳлил ва муқоисаи назарияҳо нисабти пайдоиш ва нишонаҳои муҳими ҷомеаи иттилоотӣ ошкор мегардад донишмандон онро ба ҷомеаи донишгаро шабеҳи ҳам меҳисобанд. Аз ин мавқеъ, ҷомеаи иттилоотӣ, ки тавассути донишҳои нави пайдошуда ташаккул ва рушд меёбад бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ робитаи ногусастанӣ дорад ва иттилоот яке аз унсурҳои асосии дониш мебошад.

Оид ба таҳаввулоти робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва таъсири он ба ахлоқи ҷомеа сухан гуфта, месазад қайд кард, ки дар баробари олимону муҳаққиқон коршиносони созмони байналмилалии ЮНЕСКО[1] низ барои рушди назарияи “ҷомеаи донишгаро” саҳми назаррас доранд. Пайдоиш ва тағйирёбии дониш, ташаккули донишҳои навро ин созмон аз дастовардҳои арзишманди илмии нимаи дуюми асри XX ва аввали қарни XXI дониста, ҳамзамон арзёбӣ медорад, ки бо баробари бештар захира гаштани иттилоот он ба донишҳои нав табдил ёфта, дар раванди ҳалли масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, бахусус раванди иҷтимоикунонии инсон, ташаккули тафаккури техникии ӯ мақсаднок истифода бурда мешавад.

Бояд зикр кард, ки гардиши озоди иттилоъ ва идеяҳоро дар ҳар як кишвар воситаҳои ахбори омма: чопӣ ва электронӣ, инчунин шабакаи интернет амалӣ мегардонанд. Тавассути татбиқ кардани ин меъёр аҳолии кишварҳо дар раванди баррасии масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа, қабули қарорҳо, тарғиби дастовардҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ

[1] Schmidt M., Coudray S. Future Challenges to Building Knowledge Societies. – London, 2007.

фаъолона ширкат варзида, ҷойгоҳи худро муайян мекунанд. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма ниҳоди асосии ба роҳ мондани иртиботи иттилоотӣ ва таъмини иттилоъ ба аҳолӣ аст. Бинобар ин, рушд ва дастгирии он аз ҷониби давлат, таъмин намудани озодии сухан ва матбуот на танҳо робитаи доимии воситаҳои ахбори оммаро бо шаҳрвандон устувор намуд ва эътибори ВАО-ро баланд бардошт, балки дар тафаккури шаҳрвандон эҳсоси иштирокчии равандҳои умумии ҷамъиятӣ будан, дар қабули қарорҳо ширкат варзида, ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккул додан ва бо ин роҳ ҳуқуқу уҳдадориҳои худро ҳимоя намуданро бедор кард.

Ба андешаи ҷомеашиноси тоҷик И.Ф.Ҷобиров "Набудани бетарафии сиёсӣ, робитаи мунтазам ва бевосита бо шаҳрвандони оддӣ, воситаҳои ахбори оммаро дар баробари оила, масҷиду калисо, низоми маориф ба ниҳоди ибтидоии иҷтимоикунонии табдил дод. Намояндагони нашрияҳои маъруф, шореҳони телевизион, хабарнигорони пешбар ва мутахассисони рекламаҳо ба шахсони намоёни инъикоскунандаи афкори ҷомеа табдил ёфта, бо ин васила ба доираи элитаи зеҳнии инъикоскунандаи манфиатҳои ҷомеа ворид шуданд. Рӯзноманигорон бошанд, аз бисёр ҷиҳат ба худ нақш ва вазифаи эҷодкунандагони идеяҳо ва мифҳои сиёсиеро гирифтанд, ки шаҳрвандонро барои иштироки фаъол илҳом мебахшанд».[1]

Агар ба таърихи то даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон назар кунем маълум мешавад, ки кушишҳо дар самти иттилоотикунонии ҷомеа аз солҳои 80-уми асри XX шурӯъ гардида буданд. Нишонаи онро истифодаи телефонҳои ноқилӣ, телевизион ва пахши барномаҳои иттилоотӣ ташкил медод. Чӣ тавре дар ин маврид муҳаққиқи тоҷик Д.Таваров тасдиқ мекунад "баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо алоқаи телефонии ноқилиро ба мерос гирифт, ки он ҳамчун унсури муҳимтарини низоми иттилоотию коммуникатсионии мамлакат на он қадар зиёд рушду

[1] Ҷобиров И.Ф. Тамоюли тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир//Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз», № 1 (64) Душанбе – 2019. – С.83.

инкишоф ёфта буд. Он ҳам бошад, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ қисман корношоям гардид".[1]

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ новобаста аз он ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хисороти зиёди иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангиро ба вуҷуд овард, вале ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар баробари таъмини сулҳу субот, инчунин дар барқарор намудани хисороти ҷанги шаҳрвандӣ ва минбаъд баланд бардоштани нишондодҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат нақши бузург бозид. Сипас, аз он давра сар карда ба ташаккул ва тақвият бахшидани низоми иттилоотикунонии кишвар, ба хотири мустаҳкам кардани мавқеъ ва ҷойгоҳи кишвар дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, муаррифии дастовардҳои илмиву фарҳангӣ ва арзишҳои ахлоқии гузаштагон дар арсаи байналхалқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон телевизион ва радио ҳамчун воситаи самараноки иртибот, қабул ва пахши иттилоъ ҷойгоҳи хосса доранд. Онҳо унсури асосии сафарбарнамоӣ ва муттаҳидсозии шаҳрвандон, таҳкимбахши ваҳдат, таъмини амнияту сарҷамъкунандаи мардум мебошанд. Нақши боризи ин воситаҳои таблиғкунандаи иттилоъ ҳанӯз дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ барои сарҷамъ кардани мардум, баргардонидани гурезагон ба Ватан, тарғиби сиёсати сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат, тағйир додани афкори сиёсии гурезагон ва тавассути тарғибу ташвиқ дилгарм намудани онҳо барои бозгашт ба Ватан, ба роҳ мондани набарди иттилоотӣ бар зидди расонаҳои хориҷӣ, ки ҳамвора бар зидди Ҳукумати Тоҷикистон маводи муғризона ва буҳтономез пахш мекарданд, Ҳукуматро ҳамчун ҳукумати «коммунистмаоб» нишон дода, онро ба «поккории қавмӣ» муттаҳам мекарданд[2], яъне ахлоқи рӯзноманигориро риоя намедоштанд, баръало эҳсос карда мешавад. Барои мисол, вақте ки соли 1993 дар кишвар

[1] Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон). - С.114.
[2] Саидмуроди Х. Мунодии сулҳу ваҳдат. Нашрияи «Ҷумҳурият».2014, №70.- С.8.

низоъҳо авҷ гирифта, садҳо ҳазор аҳолӣ ба хориҷи ҷумҳурӣ ҳиҷрат намуданд, барномае бо номи «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» тавассути радиои Тоҷикистон садо дод ва дар шумораи аввали он муроҷиатномаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамватанони фирорӣ ҷой дода шуд, ки фишурдааш чунин буд: ҳамватанони азиз, ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам. Як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем. Пушту паноҳи шумо Ватан аст. Шуморо хонаву даратон, фарзандонатон, хешу таборатон интизоранд.[1]

Тавассути барномаи мазкур масъалаҳое баррасӣ мегаштанд, ки дар ҳамон давра радио метавонист чун воситаи муқтадири иттилоотӣ дар ҳалли онҳо мусоидати фаъол намояд. Барномаи «Хоки Ватан» аз соли 1993 то моҳи декабри соли 1996 беш аз 800 маротиба садо дод. Тавассути барномаи мазкур зиёда аз 60 ҳазор нафар аз Тоҷикистон ба хешу ақрабои худ муроҷиат намудаанд, 50 ҳазор нафар аз Афғонистон ба пайвандон ва ҳамдиёрони худ номаву паём фиристодаанд. Аз 50 то 60 ҳазор нафар маҳз тавассути барномаи мазкур ҳамдигарро пайдо ва беш аз 600 ҳазор бо таъсири он ба Ватан баргаштаанд.[2]

Ин таҷрибаи нодири истифодаи радиои тоҷик, ки аз ҷониби рӯзноманигорони воқеъбини миллат ҳамчун омили коммуникатсия ба роҳ монда шуд воқеан, имрӯз амалигардонии худро дар кишварҳои дар ҳоли ҷангу низоъ қарордошта, хусусан Ироқ, Сурия, Яман ва Афғонистон талаб мекунад. Истифодаи бомақсадонаи ин восита метавонад ба аҳолии саргумзада, фирtorигашта, дар ранҷу азоб қарордоштаи ин кишварҳо иттилои зарурирo расонида, барои ҳифзи марзу бум, сулҳу субот ва сарҷамъии миллиашон нақши худро гузорад.

Дар маҷмӯъ, имрӯз таваҷҷуҳи хосса доштан ва дастгирии ҳамешагии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба рушди воситаҳои ахбори умум, ки барқарор ва мустааҳкамкунандаи робитаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии

[1] Саидмуроди Х. Мунодии сулҳу ваҳдат.- С.8.
[2] Саидмуроди Х. Мунодии сулҳу ваҳдат. Нашрияи «Ҷумҳурият».2014, №: 70.-С.8.

ҷомеаи Тоҷикистони муосир мебошанд боис шуд, ки дар кишвар 42 адад шабакаҳои телевизионӣ, 27 радио, 11 оҷонсӣ, 367 рӯзнома, 239 маҷаллаи давлатию ғайридавлатӣ[1] фаъолият карда, ба сифати сарчашмаи миллии иттилоот ба аҳолӣ ҷиҳати танзими рафтору муносибат ва огоҳӣ аз дастовардҳои соҳавии ҷомеаи инсонӣ, хизмат кунанд.

Телевизионҳои кабелӣ ва моҳвораӣ дар баробари радио унсури дигари танзимкунандаи низоми иттилоотии мамлакатро ташкил медиҳанд. Нақши онҳо дар самти иттилоотикунонии ҷомеа, ба аҳолӣ дастрас намудани иттилооти зарурӣ муассир буд. Албатта, хизматрасонии мазкур ройгон набуд, аммо нархи онҳо барои аҳолӣ дастрас буд. Масалан, телевизионҳои ноқилӣ барномаҳои зиёда аз 150 шабакаи телевизиониро пахш менамоянд, ки аксари шабакаҳои мазкур дар шабакаҳои моҳвораӣ пулакӣ мебошанд. Яъне, бо истифода аз дастгоҳҳои мавҷпаҳнкунандаи моҳвораӣ имконияти дастрасӣ ба тамоми барномаҳои шабакаҳое, ки ширкатҳои телевизиони ноқилӣ пешниҳод менамоянд, ғайриимкон аст.[2] Мутаассифона, телевизионҳои ноқилӣ дар деҳоти мамлакат ҳанӯз ҳам ба таври зарурӣ мавриди истифода қарор дода нашудаанд. Махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари аҳолии мамлакат дар деҳот умр ба сар мебаранд, ташкил намудани чунин навъи хизматрасонӣ дар самти иттилоотикунонии ҷомеа хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тавр, бо баробари рушди технология ва пайдо шудани талаботи нав дар Тоҷикистон оператори аввалини алоқаи мобилӣ ширкати «ТоҷикТел» ба ҳисоб мерафт, ки аз соли 1996 фаъолияти худро дар шаҳри Душанбе оғоз бахшид. Мақсад аз таъсиси ширкати мазкур паҳн кардани иттилоъ ба аҳолии тамоми қаламрави кишвар буд. Аммо аз соли 2005 тамоми таҷҳизот ва салоҳияти ширкати мазкур ба ширкати «Таком» интиқол дода мешавад. Соли 1998 бошад, ширкати муштараки «Сомонком», ки алоқаи мобилии стандарти

---

[1] Ҷобиров И.Ф. Тамоюли тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир//Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». - С.88.

[2] Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон). - С.116.

GSM-ро дар шаҳри Хуҷанд ва вилояти Суғд паҳн менамуд, таъсис дода шуд. Аз соли 2001 шурӯъ шуда, дар бозори алоқаи мобилии мамлакат дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуқӯъ пайваст. Масалан, бо ташаббуси ширкати MST (Америка) ва Фонди Оғохон оид ба рушди иқтисодӣ ширкати мобилии «Индиго-Тоҷикистон» ташкил карда мешавад. 27 - уми декабри соли 2001 дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси ширкати «GSM-и Шимолию Ғарбӣ»-и Россия ва ширкати «Тоҷиктелеком» ширкати муштараки «МЛТ» (Шабакаҳои мобилии Тоҷикистон) таъсис дода мешавад, ки он аз рӯйи стандарти GSM фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Моҳи сентябри соли 2002 ширкати «Бабилон-Мобайл» низ алоқаи мобилиро аз рӯйи стандарти GSM пешниҳод менамояд. Баъдан, аз моҳи декабри соли 2004 алоқаи мобилии насли сеюм (3G) тавассути ширкатҳои мобилии «Бабилон-Мобайл», «Тиселл», «Мегафон», «Билайн» ва хизматрасонии интернетии стандарти насли чорум (4G)-ро ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд.[1]

Дар баробари алоқаҳои мобилӣ, телевизионҳои кабелӣ ва моҳворaӣ шабакаи интернет низ аз унсури ниҳоят муҳимми низоми иттилоотии ҳамаи кишварҳо мебошад. Барои саривақт қабул ва паҳн кардани иттилоъ, яъне барқарор кардани робитаи тарафайн дар миёни аҳолии кишварҳо нақши калидӣ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии интернетӣ аз соли 1995 шурӯъ гардид. Ташаббускори аввалин интернет-провайдер ташкилоти ғайридавлатии Central Asian Development Agency (CADA) ба ҳисоб мерафт. Баъдан Институти «Ҷомеаи кушода» (Фонди Сорос) дар панҷ шаҳри қаламрави кишвар марказҳои интернетии маҳаллиро таъсис дод. Соли 1998 бошад, ширкати «Телеком Технолоҷи» хизматрасонии интернетиро дар Душанбе ба роҳ монд, ки теъдоди зиёди муштариён аз он истифода бурданд. Соли 2000-ум ба бозори хизматрасониҳои интернетӣ ширкатҳои «Интерком» ва «Бабилон-Т», соли 2001 ширкати «Тоҷиктелеком», соли 2002 ширкати «Комстел» ва соли 2003 ширкати «Истера» дохил мешаванд. Ҳоло дар сатҳи

[1] Обзор телеком рынка Таджикистана: Доступ в интернет и интернет-услуги [Электронный ресурс]. URL: https://digital.report/tadzhikistan-dostup-v-internet/

ҷумҳурӣ беш аз 12 ширкатҳо ба мардум хизматрасонии интернетӣ мерасонанд.

Ҳақиқатан, истифодаи шабакаҳои гуногуни интернтӣ барои аҳолӣ новобаста аз синну сол, маълумотнокӣ, манбаи даромад ва дигар нишондоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам манфӣ доранд. Масалан, ҷомеашиноси тоҷик М.С.Ғуломова омилҳои асосии бегонашавии иҷтимоӣ-фарҳангии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда, яке аз сабабҳои онро дар таъсири манфӣ доштани Шабакаҳои иҷтимоӣ мебинад. Барои исботи ин гуфта муаллиф тадқиқоти сотсиологӣ оид ба масъалаи муайян кардани вазъи имрӯзаи зуҳуроти бегонашавӣ ва хусусиятҳои он дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидааст. Зимни гузаронидани тадқиқот ба масъалаи аз чӣ гуна вақти холигии худро гузаронидани ҷавонон рафтори онҳоро муайян кардан мумкин аст, таваҷҷуҳи хосса медиҳад. Дар натиҷаи таҳлил ва коркарди пурсишномаҳо (бо 350 нафар респондент) маълум мешавад, ки 59,0% ҷавонон тамоми вақти холигии худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд. Ба маълумоти муҳаққиқ танҳо 18,7% - дар иҳотаи дӯстон, 11,7% - дар байни оила ва 10,6% дар танҳоӣ мегузаронанд.[1]

Аз маълумоти пешниҳодкардаи муаллиф метавон ба чунин натиҷа расид, ки рушди майдони нави пуриттилооти ҳамкориҳои одамон ба афзудани дараҷаи бегонашавии фарҳангӣ мебарад. Яъне, бемақсадона ҷудо кардани вақт дар байни ҷавонон ва дар ҳадди беш истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоӣ насли созандаро ба зуҳуроти бегонашавӣ, дур шудан аз ҷомеа, оила, дӯстон, ҳамсолон ҳидоят кардааст, ки пешгирии он барои тамоми ниҳодҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, оила ва умуман давлат аз масъалаҳои калидӣ бояд қарор гирад. Пешгирӣ накардани вусъатёбии ин зуҳурот ба он оврада мерасонад, ки таи даҳсолаҳои охир ҷавонон аз таҳсил кардан, фаъолият намудан дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, бунёди

[1]Гуломова М.С. Социально-философское осмысление социокультурного отчуждения молодёжи в Таджикистанском обществе. Автореферат диссертаций на соискание учёной степени кандидата философских наук по специальности 09.00.11 – социальная философия. – Душанбе, 2021. – 24с. – С.13.

оилаи солим ва ғайра дур шаванд. Ҷавонон ҳар қадар вақти худро зиёдтар дар олами маҷозӣ (виртуалӣ) сарф кунанд, ҳамон қадар бештар аз олами иҷтимоӣ-фарҳангии ҳамкориҳои инфиродӣ дур мешаванд. Аммо ба андешаи мо ин ақидаи муаллиф пурра воқеиятро нишон дода наметавонад:

- якум, гузаронидани пурсишнома бо теъдоди 350 адад далели он шуда наметавонад, ки 59,0% ҷавонони кишвар тамоми вақти холигии худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд. Ин теъдод фоизи ками ҷавонони кишварро ташкил медиҳад;

- дуюм, вақти холигии худро дар шабакаи иҷтимоӣ гузаронидани ҷавонон маънои онро надорад, ки онҳо дар ин вақт танҳо ба тамошои аксҳо, филмҳо, саволу ҷавоб бо ҳамдигар ва ғайра машғул шуда, иттилои наве ба даст намеоварда бошанд. Ба андешаи мо ворид шудани ҷавонон ба шабакаҳои иҷтимоӣ ҳатман барояшон иттилои тозаеро медиҳад. Аз сарчашмае бохабар мешаванд, аз вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишваре воқиф мегарданд, дар посух гуфтан ба саволҳое рӯ ба рӯ меоянд, аз чопи китоби тозанашре огоҳ мегарданд, аз бархӯрди ақидаҳо ва омилҳои тақвиятдиҳандаи фарҳанги иттилоотӣ маълумот ба даст меоранд ва ғайра;

- сеюм, ҳарчанд бо баробари рушди шабакаҳои интернетӣ хондани китобҳои илмиву бадеӣ кам ба назар мерасад ин маънои онро надорад, ки ҷавонони имрӯза аз мутолиа дур мондаанд. Сомонаҳои алоҳидаи интернетӣ ба ҷавонон имконият медиҳанд, ки нусхаи электронии маводи заруриро пайдо карда, онро мутолиа намоянд ва бо ин роҳ хотираи таърихии худро ғанӣ карда, ҷаҳонбинии худро возеҳ созанд.

Дар тадқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби омӯзгорони кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ дар мавзӯи “Вазъият ва сатҳи зуҳури ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор карда шудааст (соли 2021), ба масъалаи муайян кардани роҳу воситаҳое, ки бештар ҷавононро ба гурӯҳҳои ифротгароӣ шомил мегардонанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Тадқиқотчиён дар баробари восита ва роҳҳои шомил гардонидани ҷавонон ба

ҳаракатҳои ифротгароӣ шабакаҳои интернетиро ворид менамоянд, ки дар муқоиса бо дигар роҳу воситаҳое, ки дар диаграммаи 1 нишон дода шудаанд, аз теъдоди 2518 нафар мусоҳибон 24,2% шабакаҳои интернетиро шуморидаанд. Нигаред ба диаграммаи 1.

**Диаграммаи 1. Дар кишвари мо кадом воситаҳо ва гурӯҳҳо ба радикализми динӣ мусоидат мекунанд?**[1]




Аз таҳлили ин мавод низ маълум мегардад, ки шабакаҳои интернетӣ дар тарғиби идеологияҳои ҳаракатҳои ифротӣ ва гаравидани ҷавонон ба ин гурӯҳҳо нақши муҳим мебозанд.

Дар кори таҳқиқотии Д.О.Мунаварова[2] бошад, ба як нуктаи муҳим таваҷҷуҳ дода шудааст, ки дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ рушди фарҳанг ва ташаккули худшиносии миллӣ ба чунин падидаҳо “навгонӣ” ва “иттилоот” ҳамбастагӣ пайдо менамояд. Воқеан, ин андеша дуруст аст. Зеро, ин падидаҳо бо сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ ва муошırати одамон ворид гашта, на фақат шаклҳои фаъолияти инсон, балки боиси тағйири шуур ва ҷаҳонбинии одамон

---

[1] Тадқиқоти сотсиологӣ дар мавзӯи «Вазъият ва сатҳи ифротгароии динӣ дар байни ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021.

[2] Мунаварова Д.О. Фарҳанг ва роҳҳои вусъати таъсири он ба худшиносии миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ). Авт. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2021. – 22с.

мегарданд. Дар робита бо ин, муҳаққиқ чунин натиҷагирӣ мекунад, ки агар солҳои пешин худшиносии миллӣ бевосита зери таъсири ҳастии воқеӣ ташаккул меёфт, акнун масофаи муоширати байни одам ва олам (интерфейс) тавассути технологияи иттилоотӣ қариб, ки аз байн рафта, худшиносии миллӣ зери таъсири бархӯрди манфиатҳою талаботҳо, тамаддунҳову фарҳангҳо дар фазои маҷозии интернет ташаккул меёбад.

Умуман, рушди технологияи иттилоотӣ ва ташаккули фарҳанги иттилоотӣ нуктаи назар, шууру ҷаҳонбинии инсонро нисбат ба дарки олам ва зуҳуроти пайдошуда комилан дигаргун мекунад. Тавассути истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ хотираи инсон бо иттилоот ғанӣ шуда, сари вақт метавонад маълумоти навро ба даст оварад. Маълумотро фаврӣ ба шахси қабулкунанда ирсол дорад ва ғайра. Ҳамаи ин ҷанбаҳои мусбии ташаккул ва рушд ёфтани ҷомеаи иттилоотиро нишон медиҳанд. Дар баробари ин, таъсири бархӯрди тамаддуну фарҳангҳо ба шуур ва ҷаҳонбинии инсон, ки бо роҳи воситаҳои технологӣ таъмин мегардад  ва инсонро ба бегонашавии фарҳангӣ ҳидоят менамояд, инсонҳоро бо воситаи таблиғи идеологияҳои гуногун ба сафи гурӯҳҳои ифротию тундгаро шомил месозад, ба ҷисм ва рӯҳияи инсон асари бад меоварад ва ғайра аз  ҷанбаи манфӣ доштани шабакаҳои интернетӣ гувоҳӣ медиҳад.

Бо вуҷуди ин, таърифи муаллиф ба ибораи “фарҳанги иттилоотӣ” инъикоскунандаи тамоми унсурҳои он аст. Яъне “Фарҳанги иттилоотӣ шакли махсуси фарҳанги муосир буда, он маҷмӯи донишҳои илмӣ-техникӣ, гуманитарӣ, маҳорату малакаро дар бар гирифта, инсон воқеиятро тавассути технологияҳои нав оқилона дарк намуда, он дар муносибат, рафтору кирдор ва ахлоқи иҷтимоӣ инъикос меёбад”.[1]

Дар баробари таҳқиқотҳои илмӣ, инчунин барои танзими фаъолияти ин соҳа ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар кишвар як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расиданд.

[1] Мунаварова Д.О. Фарҳанг ва роҳҳои вусъати таъсири он ба худшиносии миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ). Авт. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа. –С.10.

Ҳарчанд 27-уми декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқа» қабул гардида бошад ҳам, он бинобар сабаби фаро гирифтани ҳолатҳои умумии соҳаи алоқа, ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ чандон мусоидат нанамуд. Соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва 6-уми августи соли 2001 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» қабул мегарданд. Қонунҳои мазкур муносибатҳоеро ба танзим медароранд, ки дар раванди ташаккулёбӣ ва истифодабарии низомҳои иттилоотӣ, сохтани технологияҳои иттилоотӣ, ба истифода додани низомҳои иттилоотии автоматикунонидашуда ба амал меоянд. Инчунин, ба воситаи қонунҳои мазкур тартиби ҳимояи манбаъҳои иттилоотӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектоне, ки дар раванди иттилоотонӣ ширкат меварзанд, муқаррар карда шудааст.[1]

Ҳамзамон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» меъёрҳои умумии ҳуқуқи гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоотро муқаррар менамояд, ҳуқуқи субъекти муносибатҳои иттилоотиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин низоми иттилоот ва манбаъҳои онро таҳким бахшида, мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрас намудани иттилоотро танзим ва ҳифзи онро таъмин намуда, шахсони алоҳида ва ҷомеаро аз иттилооти бардурӯғ муҳофизат менамояд.[2]

Дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор фармонҳои Президенти мамлакат низ нақши муассир гузоштаанд. Аз ҷумла, 16-уми сентябри соли 1999, №1347 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» ба имзо мерасад. Дар асоси фармони мазкур дар сохтори Дастгоҳи Президенти

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» //Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2001, №40.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» //Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002, №55.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази иттилоотию техникӣ таъсис меёбад, ки пеш аз ҳама, масъалаи истифодаи шабакаи интернет аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба воситаи ин марказ ба амал бароварда мешавад[1].

Дар самти танзими истифодабарии шабакаи интернет қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси шабакаи ҷумҳуриявии интиқоли маълумот ва меъёрҳои ба тартиб даровардани дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонӣ» мақоми махсус дорад. Мутобиқи талаботи қарори мазкур ширкати «Тоҷиктелеком» ба сифати оператори давлатии шабакаи интернет муайян мегардад.[2] Инчунин, бо қарори мазкур Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасониҳои интернетӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба роҳ монда шуд. Дар ҳуҷҷати мазкур шарту шароитҳои дастрасӣ пайдо намудан ба шабакаи интернет дар ҳудуди мамлакат, тартиби ба муштариён пешниҳод намудани хизматрасониҳои интернетӣ муқаррар карда шудаанд.[3] Дар баробари ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 5-уми декабри соли 2005 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии рушду инкишоф, истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[4] ҷиҳати таъмини рушди манбаъҳои иттилоотӣ қабул мегардад, ки такмилдиҳандаи дигар санадҳо дар ин самт аст.

Хусусан, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», ки то соли 2019 ҳафт маротиба таҳрир гардидааст, дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолияти ташкилоту муассисаҳои телевизионӣ ва радиошунавониро танзим намуда, шароитҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тартиби ташкилшавии онҳоро муайян намуд. Аз ин рӯ, ташкилоту

---

[1] Указ Президента Республики Таджикистан от 16 сентября 1999 г.,№ 1347 "О мерах по обеспечению доступа к мировым информационным сетям" [электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=1622 (дата обращения: 10.08.2018 г.).

[2] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 8 августа 2001 г., № 389 "О создании Республиканской сети передачи данных и мерах по упорядочению доступа к мировым информационным сетям" [электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=4165 (дата обращения: 05.08.2018 г.).

[3] Правила предоставления услуг интернет на территории Республики Таджикистан от 8 августа 2001 года № 389 [электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=6507 (дата обращения: 11.08.2018 г.).

[4] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 5 декабря 2003г., №532 "О государственной поддержке формирования, использования и защиты национальных информационных ресурсов Республики Таджикистан" [электронный ресурс].

муассисаҳои мазкур бояд дар самти амалишавии озодии сухан, ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани иттилооти пурра, дуруст ва саривақтӣ, баррасии равандҳои ҷамъиятӣ бояд мусоидат намоянд.

Инчунин, дар қонуни мазкур ба сифати принсипҳои фаъолияти ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақиқатнигорӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон барои қабули ахбор, озодона иброз намудани фикру ақида, эҳтироми меъёрҳои умумибашарии ахлоқ, қатъиян риоя намудани одоби касбӣ[1] меъёрҳо муайян карда шудаанд, ки риояи онҳо боиси таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа мегарданд.

Дастрасии аҳолӣ бо таҳсилоти босифат - дониш, маҳорат, малака ва қобилияти ашхоси алоҳидаро сайқал дода, барои фаъолият варзидан дар яке аз соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сафарбар менамояд. Амалӣ кардани ин меъёр дар ҳар як ҷомеа ба он мусоидат мекунад, ки аҳолӣ аз таҳсили ҳатмӣ дур намонад, бесаводӣ реша нагирад, бегонашавии фарҳангӣ ва ахлоқӣ дар байни ҷавонон ба зуҳуроти мубрами рӯз табдил нагардад, мардум бо ҷойи кори доимию мавсимӣ таъмин гашта, сатҳи камбизоатӣ коҳиш ёбад ва ғайра. Зеро маориф соҳаи стратегии ҳар як ҷомеа ба ҳисоб рафта ва дониш заминаи асосии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ (донишгаро) мебошад.

Бояд қайд кард, ки новобаста аз пешрафти технологияи иттилоотӣ ва рушди ҷомеаи техногенӣ индекси маориф: дастрасӣ ба таҳсилот, андозаи миёнаи давомнокии таҳсили интизоридоштаи кӯдакони синну соли мактабӣ ва давомнокии миёнаи таълими аҳолии калонсол яке аз нишондодҳои маҷмӯии Барномаи рушди СММ буда, маълумотнокии аҳолии бузургсол ва нишондоди маҷмӯии ҳиссаи хонандагон, ки маълумот ба даст меоваранд, ба эътибор мегирад. Асосан, барои муайян кардани рейтинги сатҳи таҳсилот аз ҷониби СММ ду нишондоди асосӣ истифода бурда мешавад: 1) индекси маълумотнокии аҳолии бузургсол ва 2) индекси маҷмӯии ҳиссаи хонандагон, ки маълумоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ мегиранд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» //Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 1996, №382.

Мувофиқи меъёрҳои муқаррargardидаи СММ кишваре, ки сатҳи таҳсилоташ пешрафта бошад, бояд нишондоди 0,8 - ро соҳиб шавад. Масалан, тибқи раддабандии экспретҳои Барномаи рушди СММ дар байни 189 кишвари ҷаҳон оид ба сатҳи таҳсилот дар ҷойи аввал Германия бо индекси 0,943 қарор гирифта, ҷойи 189-умро давлати Нигерия бо индекси 0,249 ишғол мекунад. Тоҷикистон дар миёни 189 давлат аз рӯйи сатҳи таҳсилот дар ҷойи 96-ум, дар байни кишварҳои ИДМ дар ҷойи 11-ум қарор дорад.[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавод оид ба сатҳи таҳсилоти аҳолии кишварҳоро экспертҳо аз натиҷаҳои барӯйихатгирии аҳолӣ гирифта, бо нишондодҳои баҳсиобгирифтаи Институти омории ЮНЕСКО муқоиса кардаанд. Ҳангоми арзёбии рейтинги сатҳи таҳсилот тафовут доир ба дастрасӣ аз таҳсилот вобаста ба синну сол ва давомнокии таҳсилро муҳим шумоΡидаанд. Аммо аз ҷониби онҳо теъдоди донишҷӯёне, ки аз ҳар як кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷ таҳсил мекунанд барои муайян кардани рейтинг ба эътибор гирифта нашудааст. Аз ин рӯ, бештари давлатҳо индекси зарурироро оид ба дастрасӣ ба таҳсилот соҳиб шуда натавониста, дар сатҳи паст қарор гирифтаанд.

Умуман, рушди маориф дар ҷомеаи донишгаро пеш аз ҳама мушкилоти соҳаи иқтисодии кишварҳоро ҳал менамояд. Зеро дар ҷомеи имрӯзаи башарӣ аз се ду ҳиссаи маҷмӯи даромади аҳолӣ аз ҳисоби меҳнати зеҳнӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, сифати ҷомеа дар ин ё он кишвар ва сифати зиндагии ҳар як шаҳрванд бевосита аз ҷалби неруи зеҳнӣ, истеҳсоли маҳсулоти босифат ва хизматрасонии замонавӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон ин амал сифати ба роҳ мондани раванди таҳсилотро дар кишвар муайян менамояд.

Дар ин самт, ҳарчанд дар низоми маорифи Тоҷикистон барномаҳои давлатӣ ҷиҳати таъмин кардани муассисаҳои таълимӣ бо воситаҳои навини технологӣ, компютеркунонӣ, таъсис додани кабинетҳои фаннӣ ва муҷаҳҳаз

[1] Радабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи сатҳи маълумотнокӣ. Энсиклопедияи гуманитарӣ: Таҳқиқот [Захираҳои электронӣ] //Маркази технологияи гуманитарӣ. 2006-2021 (таҳрири охирон: 13.11.2021)

бо воситаҳои нави технологӣ, қабули имтиҳонот тавассути воситаҳои технологияи муосир ба роҳ монда шудааст, вале то ба ҳол амалигардонии онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, тафаккури техникии муҳассилин ба талаботи ҷомеаи информатсионӣ ҷавобгӯ намебошад. Аз ҷумла, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки новобаста аз тахассус дар доираи нақшаҳои таълимӣ фанни технологияи информатсионӣ ва коммуникатсиониро меомӯзанд, вале на кам аз 30%-и онҳо қобилияти истифодабарии оддитарин барномаи компютериро надоранд. Ин масъала аз назари ҳукумати кишвар низ дур намондааст. Чунки ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба мақомоти олии қонунбарор оид ба масъалаи маориф ҳамчун соҳаи стратегии кишвар ибрози андеша карда, баланд бардоштани сатҳи тафаккури техникии хонандагону донишҷӯёнро муҳим мешуморад.1

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои барои ҷомеа зарур, аз ҷумла техникӣ талоши дигари Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон фонди махсус бо номи Барномаи байналмилалии “Дурахшандагон” таъсис дода шуд, ки тавассути он имрӯз 24 000 донишҷӯён тоҷик танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия таҳсил мекунанд. Барои таълими 18 ҳазор донишҷӯ 70% аз ҳисоби буҷети Россия маблағ ҷудо карда мешавад.[1] Беш аз 10 ҳазор нафари дигар дар кишварҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ ва Аврупо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Мувофиқи маълумоте, ки Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ қайд намуданд, дар замони соҳибистиқлолӣ теъдоди ҷавонони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, сол ба сол афзоиш меёбад. Дар соли таҳсили 2021 шумораи ин муҳассилин ба беш аз 42 ҳазор нафар, дар 25 давлати хориҷӣ,

[1] https://tj.sputniknews.ru/country

расидааст. Яъне, ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдоди мо барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд.[1]

Масалан, дар заминаи татбиқи «Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет»[2] имрӯз қисмати зиёди ташкилоту идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои кишвар сомонаи интернетии худро боз намуда, аз тариқи он ба аҳолӣ маълумоти зарурирo пешкаш мекунанд ва робитаҳои дуҷонибаро ба роҳ меомонанд. Махсусан, мавҷуд будани саҳифаи «Робита бо ҷомеа» дар ин сомонаҳо имкони мукотиба ва баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандонро осон намуда, фазои робитаҳои боз ҳам наздикро бо шаҳрвандон дар кишвар ба вуҷуд овардааст.[3]

Муттаасифона, имрӯз бештари сомонаҳо фаъол намебошанд, саривақт бо маълумоти тоза таъмин карда намешаванд. Аз норасоии мутахассисони соҳавӣ масъули сомонаҳо мутаххассисони ғайриихтисос таъин гаштаанд, ки қобилияти фаъол гардонидани саҳифаи сомонаҳо ва бо маълумоти нав, бо забонҳои гуногун ҷо ба ҷо кардани иттилоъро надоранд. Аз ин рӯ, дастрасии маълумоти саҳеҳи зарурӣ барои муҳаққиқ, масъулини идораҳои болоии давлатӣ ногузир аст, ки аз мавҷудияти монеаи ҷиддӣ дар ин самт дарак медиҳад, ки ҳаллу баррасиро тақозо дорад ва ғайра.

Гуногунрангии забонӣ ва фарҳангӣ меъёри дигари ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Айни замон бо забонҳои англисӣ, русӣ, франсавӣ ва ғайраҳо низомҳои бузурги иттилоотӣ ташаккул дода шудаанд. Давлат бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки шаҳрвандонаш ба воситаи низоми маориф забонҳои мазкурро аз бар намуда, бо илму маорифи ҷаҳонӣ иртибот пайдо намоянд. Аммо, дар баробари ин, ташаккули низомҳои иттилоотии ватанӣ дар заминаи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, аз 21-уми декабри соли 2021.

[2] Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344.

[3] Ҷобиров И.Ф. Тамоюли тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир//Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». - С.89.

забони давлатӣ низ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ба вуҷуд овардани иттилоот ва донишҳои нав бо забони давлатӣ хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, давлатро зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба масъалаи рушди забони давлатӣ ва дар фазои иттилоотии мамлакат ҳукмфармо намудани забони давлатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Бояд қайд намуд, ки дар ибтидои солҳои 2000 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қарорҳое қабул гардиданд, ки онҳо барои истифодабарии забони давлатӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат намудаанд. Масалан, 2-юми августи соли 2004 «Стандарти миллии дар клавиатураи компютерҳо гузоштани рамзҳои алифбои забони тоҷикӣ» тасдиқ гардид. Дар қарори дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми июни соли 2005 «Дар бораи тасдиқи Барномаи истифодабарӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ бо забони тоҷикӣ»[1] мақсад ва вазифаҳои истифода намудани забони тоҷикӣ дар рушди технологияҳои иттилоотиро муайян кард. Аммо аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки талаботи қарори мазкур аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ниҳоду ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва афроди алоҳида ба таври зарурӣ амалӣ карда нашуд. Ба ҷуз он иқдомҳое, ки афроди алоҳида сомонаҳо шахсӣ таъсис дода, маводи онро бо забони тоҷикӣ таъмин кардаанд. Мутаасифона, маводи ин сомонаҳо низ ба талаботи имлои имрӯза мувофиқат накарда, аз хатоиҳои зиёд озод намебошанд, ки андешидани тадбирҳои ҷиддиро дар ин самт талаб менамояд.

Ё худ, айни замон кишварҳои пешрафтаи олам бо истифода аз низомҳои иттилоотӣ раванди санҷиш ва иҷозатномадиҳии фаъолияти корхонаю муассисаҳо, идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро ба роҳ мондаанд. Дар Тоҷикистон бошад, аз сабаби ба забони тоҷикӣ мавҷуд набудани чунин низомҳо, фаъолият дар ҳама сатҳ мисли анъанавӣ сурат мегирад. Бинобар ин, таъмини рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар мамлакат талаб

[1] Постановление Правительства Республики Таджикистан от 6 июня 2005 г., № 188 "Об утверждении Программы применения и развития информационных технологий в таджикском языке" [электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=6404 (дата обращения: 10.08.2018 г.).

мекунад, ки ташаккули контенти миллӣ масъалаи ҳалталаб қарор гирад. Бояд дар назар дошт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 73,3% аҳолии мамлакат дар деҳот зиндагӣ ва кору фаъолият менамоянд. Қисми зиёди аҳолӣ бо забони тоҷикӣ сухан мегӯянд. Аммо маълумот бо забони тоҷикӣ дар шабакаи интернет хеле кам ба назар мерасад. Бинобар ин, дар ин марҳилаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар самти таъмини аҳолӣ бо иттилоот ва дастрас будани иттилооти зарурӣ рушди контенти миллӣ муҳим аст. Яъне, дар шабакаи интернет зиёд намудани маълумоту иттилоот бо забони давлатӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии кишвар бошад.

Ба андешаи Д.Таваров "дастрас намудани шабакаи интернет ба аҳолии мамлакат ва ба ташкилоту муассисаҳои дахлдор агар барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам оварад ҳам, рушди онро таъмин карда наметавонад. Зеро дар баробари дастрас намудани шабакаи интернет, минбаъд дар бораи рушди контенти миллӣ ё худ зиёд намудани сомонаҳо ва низомҳои иттилоотии бо забони давлатӣ ташкилшуда саъю талош варзидан зарур мебошад".[1]

Аз соли 2004 то ҳол дар Тоҷикистон сомонаҳои интернетӣ дар заминаи домени .tj таъсис дода шудаанд. Ҳоло дар асоси ин домен зиёда аз 20 ҳазор сомонаҳои давлатию ғайридавлатӣ сохта, мавриди истифода қарор доранд, ки асосан ба мақомоту кумитаҳои гуногуни давлатӣ, ниҳодҳо, созмону ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ дахл доранд. Дар сомонаҳо маълумот оид ба паҳлуҳои гуногуни фаъолияти ниҳоду ташкилотҳо ҷой дода шуданд, вале дар муқоиса бо сомонаҳои дигар кишварҳо маълумот нокифоя, танҳо бо як забон (тоҷикӣ ё русӣ), аз ҷиҳати забонӣ ва техникӣ хато, таҳрирталаб ва ғайра мебошанд. Аз ин рӯ, барои муштарӣ гирифтани маълумот аз ин сомонаҳо ҷиҳати иттилои комил бардоштан аз фаъолияти сохтор ё ташкилот ногузир аст. Ҳамзамон, сомонаҳо ҷиҳати саривақт такмил додани сохтор ва

[1] Таваров Д. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон): – С.116.

онро ба талаботи ҷомеаи муосир мутобиқ кардан бо мутахассиси соҳавӣ таъмин намебошанд.

Умуман, саноати иттилоотӣ унсурҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ буда, ба воситаи ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ташаккул дода мешавад ва вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд: ба вуҷуд овардани шаклҳои гуногуни иттилоот; ҳифз намудани ҳуқуқи муаллиф ва ҳимояи моликияти зеҳнӣ; паҳн намудани иттилооти зарурӣ; ба вуҷуд овардани барномаҳои компютерӣ ва дастгоҳҳое, ки барои коркарди иттилоот ва паҳн намудани он заруранд.

Саноати иттилоотӣ ба се соҳаи муҳим ҷудо карда мешавад: офаридани иттилоот, коркарди он ва паҳн намудани иттилоот. Онҳое, ки ба офаридани иттилоот ва моликияти зеҳнӣ машғуланд, ба соҳаи аввал дохил мегарданд. Аз ҷумла, нависандагон, шоирон, оҳангсозон, рассомон, олимон, муҳандисон ва ғайра. Паҳн намудани иттилоот бо воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ: ширкатҳои телекоммуникатсионӣ, шабакаи телевизионҳои ноқилӣ, пахши барномаҳои моҳворaӣ, шабакаҳои радиоӣ ва телевизионӣ, ширкатҳои алоқаи мобилӣ, шабакаи интернет ва ғайра. Коркарди иттилоот бошад, пеш аз ҳама, ба ширкатҳои истеҳсолкунандаи техникаҳои компютерӣ, дастгоҳҳои мавҷпахшкунӣ ва инчунин ширкатҳои офарандаи барномаҳои компютерӣ иртибот дорад.

Ҳамин тавр, имрӯз аз ҷониби муҳаққиқон нишонаҳои ҷомеаи иттилоотӣ, ки робитаро байни аҳолӣ ва ниҳоду муассисаҳо барқарор менамоянд ба таври зайл мушаххас карда шуданд:

-ҳар як узви ҷомеаи иттилоотӣ ҳар лаҳза метавонад бо аъзои дигари ҷомеа робита барқарор намояд;

- ҳар як узви ҷомеа дар нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон ба иттилооти зарурӣ дастрасӣ дошта, ҳатто метавонад дар фазои иттилоотӣ маълумотҳои дигареро илова намояд;

- аксарияти аъзои ҷомеаи иттилоотӣ имкони дастрас намудани иттилооти заруриро доранд ва онҳоро бо мақсади дар амал татбиқ намудани фаъолияти касбии худ истифода менамоянд.[1]

Ё худ дар ҳаёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди компютер ва технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст. Технологияҳои иттилоотӣ хароҷоти коркард ва нигоҳдории иттилоотро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд. Дар ин маврид, ҷомеаи иттилоотии кишвар се хусусияти асосиро бар худ касб мекунад:

- аввалан, иттилоот ҳамчун манбаи иқтисодӣ истифода мешавад. Ташкилотҳо иттилоъро дар миқёси афзоянда, барои баланд бардоштани самаранокӣ, пешбурди инноватсия ва беҳтар кардани рақобатпазирӣ истифода мебаранд;

- дуюм, иттилоот дар байни аҳолӣ ба як мавзӯи истеъмоли оммавӣ табдил меёбад;

- сеюм, ташаккули интенсивии бахши иттилоотии иқтисодиёт нисбат ба дигар бахшҳо бо суръати баландтар рушд мекунад. Ҳаракат ба сӯйи ҷомеаи иттилоотӣ як тамоюли умумӣ барои рушди кишвар ва фароҳам овардани зиндагии шоиста барои аҳолии қишрҳои гуногун гардида истодааст.

Инчунин, барои муваффақ гаштан ба ҳадафҳои созанда инфрасохтори миллии иттилоотӣ бо инфрасохтори глобалии иттилоотӣ ҳамгиро карда шуд. Ин мушкилот ҳамкориҳои бесобиқаи байналмилалиро тақозо мекунад, то ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи дастрасӣ ба инфрасохтори глобалии иттилоотиро кафолат диҳад. Принсипҳое, ки ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонро тавсиф мекунанд ва барои ҷомеаи Тоҷикистон низ хос мебошанд, инҳоянд:

- таъмини рақобати одилона;

- ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ;

- муайян ва мутобиқсозии механизмҳои танзим;

---

[1] Паршин П. Глобальное информационное общество и мировая политика //Аналитические доклады. Выпуск 2 (23). - М.: МГИМО, 2009. –С.21.

- фароҳам овардани шароит барои дастрасии ҳамаҷониба ба хадамоти иттилоотӣ;

- таъмини дастрасии кушод ба шабакаҳо;

- эътирофи зарурати ҳамкории байналмилалӣ бо таваҷҷуҳи хоса ба кишварҳои дар ҳоли рушд;

- таъмини баробарии имкониятҳо барои шаҳрвандон;

- таъмини фарҳанги ҷо ба ҷогузории мавод бо забонҳои гуногун, бавижа забони давлатӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар анҷоми зерфасл месазад хулоса бардошт, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дастраси одамон гашта, ба таркиби иҷтимоии ҷомеа ворид мешаванд ва одамон онҳоро дар раванди фаъолияти ҳаррӯзаи худ ба таври васеъ истифода мебаранд. Аммо чунин шароит тақозо медорад, ки одамон истифодаи самараноки воситаҳои техникиро донад ва агар надонанд омӯзанд. Аз ин рӯ, ин масъала дар ҳар як ҷомеа баҳснок боқӣ мемонад ва масъулин мувваззаф мегарданд, ки роҳҳои ташвиқи мардумро ҷиҳати мутобиқ кардани онҳо ба муҳити иттилоотӣ тавсеа диҳанд. Зеро истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва мутобиқ кардани мардум ба ин муҳит барои ҳар як давлат ҷиҳати нойил шудан ба пешрафт мусоидат мекунад.

Инчунин, давлатҳо дар раванди идоракунии ҷомеа ва барқарору густариш додани муносибатҳои дипломатӣ дар самти рушди соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ низ эҳтиёҷ барои ташкили ҷомеаи иттилоотӣ ва ё худ ҳукумати электронӣ доранд. Чунки бо ин роҳ метавонанд иртиботи электрониро дар байни идораҳои давлатии минтақаҳои гуногуни кишвар ба роҳ монда, маълумотро саривақт интиқол ва ё дастрас намоянд. Вале то кадом андоза муваффақият пайдо намудани давлатҳо, албатта, аз саводнокии компютерии хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандони он мамлакат вобаста мебошад. Зеро ҷомеаи иттилоотӣ дар низоми иттилоотии кишвар чунин соҳаҳои ҳаётан муҳимро фаро мегирад: соҳаи иҷтимоӣ (муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон новобаста аз шароити ҷуғрофӣ, масофа, манбаъҳо ва қобилияти

меҳнатӣ бояд ба ҳамагон дастрас бошанд; иқтидори бузурги санъат, адабиёт ва илм на танҳо дар китобхонаҳо ва осорхонаҳо, балки дар шабакаи интернет низ, бояд дастраси ҳамагон гардад; хизматрасониҳои иҷтимоию тиббӣ дар низоми фосилавӣ барои ҳамагон таъмин карда шаванд; имконияти корбарии электронӣ ва тавассути шабакаҳои иттилоотӣ қонеъ намудани талаботи одамон бояд дастраси ҳамагон гардонида шаванд); соҳаи иқтисодиёт (ба воситаи корбарии электронӣ ва шабакаҳои иттилоотӣ пешбурди фаъолиятҳои фосилавӣ ва ғайриҳузурӣ ба амал бароварда мешавад; ширкатҳои хурду бузург дар тамоми ҷаҳон фармоишҳои гуногуни байниҳамдигариро тавассути корбурди электронӣ анҷом медиҳанд; ҳар як инсон аз хонаи истиқоматии худ метавонад ба мағоза, беморхона ва ё бонкҳо муроҷиат намояд, филмҳо ва барномаҳои ҷадиди телевизиониро харидорӣ намуда, тамошо кунад); соҳаи сиёсат (дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ ҳар як инсон ба осонӣ метавонад бо хизматчиёни давлатӣ дар робита қарор гирад; дар миёни сохторҳои гуногуни мақомоти давлатӣ мубодилаи иттилоот тариқи шабакаҳои электронӣ сурат мегирад; бо мақсади беҳтару хубтар намудани сифати хизматрасониҳои гуногун ҳаҷми ҳуҷҷатгузории коғазӣ маҳдуд гардида, алоқаҳои электронӣ ва корбарии электронӣ тавсеа меёбанд; шаҳрвандони мамлакат дар бораи воқеаву ҳодисаҳо, равандҳои ҷамъиятӣ ва махсусан дар бораи сиёсати давлатӣ иттилооти заруриро саривақт дастрас менамоянд, хизматрасониҳои давлатӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дастраси аҳолӣ гардонида мешаванд).[1]

---

[1] Курносов И.Н. Информационное общество: планы и программы зарубежных стран. –М., 1997. – С.125.

## 2.2. ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Назарияи ҷомеаи иттилоотӣ дар илми муосир падидаи нисбатан нав аст. Пайдоиш ва ташаккули он ба рушд ва инкишофи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки аз арзишҳои ҷомеаи техногении нимаи дуюми қарни XX маҳсуб ёфта, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ворид гаштааст, рабт дорад. Ё худ чӣ тавре олими рус А.В.Соколов[1] қайд мекунад дар асри XX рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, мавриди истифода ва нуфуз пайдо кардани техникаи ҳисоббарор дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ барои пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат кард.

Дар Япония бошад, ҳанӯз соли 1966 истилоҳи "ҷомеаи иттилоотӣ" дар гузориши гурӯҳи тадқиқоти илмӣ-техникӣ ва иқтисодии ин кишвар истифода бурда шудааст. Ба андешаи гурӯҳи таҳқиқгарони японӣ ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеае фаҳмида мешавад, ки дар он иттилооти босифат фаровон мебошад ва воситаҳои зарурии тақсимоти он низ мавҷуд ҳаст. Ҷомеаи иттилоотӣ - ҷомеае мебошад, ки рушд ва мавҷудияти он бар ҷавҳари махсуси ғайримоддӣ асос ёфтааст, ки онро шартан "иттилоот" меноманд ва хусусияти ҳамкорӣ бо ҷаҳони маънавӣ ва моддии инсонро дорад. Аз як тараф, иттилоот муҳити моддии ҳаёти инсонро ташкил медиҳад, ки ҳамчун технологияҳои инноватсионӣ, барномаҳои компютерӣ, протоколҳои телекоммуникатсионӣ ва ғайра амал мекунад ва аз тарафи дигар, он ҳамчун воситаи асосии муносибатҳои байнишахсӣ буда, доимо дар ҳолатии тағйирёбӣ ва такмил аст.

Дар корҳои таҳқиқотии олимони амрикоӣ Э.Тоффлер[2] ва Д.Белл[3] воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир, ки барои иҷрои хизматрасониҳо ба фаъолияти одамон омехта гардиданд, омили муҳимми ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, ба андешаи Д.Белл “агар дар ҷомеаҳои саноатӣ моликият ва меҳнат унсурҳои муҳимми ҷомеа ба шумор

---

[1] Соколов А.В. Информационное общество в виртуальной и социальной реальности. – СПб.: Алтейя, 2012. – С.34.

[2] Тоффлер Э. Третья волна / Э.Тоффлер. – М.: Изд-во АСТ, 1999. – 784 с.

[3] Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования /Д.Белл. – М.: Academiya, 1999. – 956 с.

раванд, пас дар ҷомеаи пасосаноатӣ иттилоот ва дониш асоси ҷомеаро ташкил медиҳанд. Дар ин гуна ҷомеа мутахассисони касбӣ - гурӯҳҳои иҷтимоӣ маҳсуб наёфта, балки табақаи касбӣ-техникӣ: мутахассисони илмӣ, техникӣ, маъмурӣ ва фарҳангиро ташкил медиҳанд. Инчунин, мавқеи иҷтимоии инсон на аз рӯйи дороиҳо ва мансубияти синфию табақавӣ, балки аз рӯйи қобилият ва касбияти ӯ муайян карда мешавад».[1]

Муҳаққиқ тафовути байни ҷомеаи саноатӣ ва иттилоотиро мушаххас карда, чунин маълумот медиҳад, ки агар дар ҷомеаи саноатӣ одамон аз норасоии маҳсулоти ниёзи аввал мушкилӣ мекашиданд ва дар натиҷа рақобати одамон барои ба даст овардани неъматҳои моддӣ ба назар мерасид, ё баъзе ҳолатҳо шиддати иҷтимоиро ба вуҷуд меовард, аммо дар ҷомеаи пасосаноатӣ ё ҷомеаи иттилоотӣ норасоии маҳсулот ба назар намерасад, вале норасоии иттилоот мушоҳида мегардад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ инқилоби иттилоотӣ ба вуҷуд меояд. Яъне, одамон дар миёни донишҳои гуногун ва иттилооти беохир дигар имкони аз бар намудани онҳоро аз даст медиҳанд. Бинобар ин, дар ин навъи ҷомеа одамон бинобар сабаби норасоии вақт наметавонанд худро ба таври зарурӣ ташаккул диҳанд. Онҳое, ки қобилияти самаранок истифода бурда тавонистани вақтро пайдо менамоянд, метавонанд талаботи маънавии худро беҳтар қонеъ созанд.[2]

Файласуфи амрикоӣ Э.Тоффлер низ ибораи «ҷомеаи иттилоотӣ»-ро дар доираи се давраи тамаддуни инсонӣ баррасӣ мекунад: тосаноатӣ - ин давра аз асри VIII-и то милод шурӯъ шуда, то нимаи дуюми қарни XVII-ро дар бар мегирифт. Дар ин давра афзалияти асосӣ ба меҳнати дастӣ дода мешуд. Мавҷи дуюми рушди тамаддун ба пайдоиш ва рушди ҷомеаи саноатӣ, ки аз миёнаи асри XVII оғоз гардида, то нимаи дуюми қарни XX идома ёфтааст, иртибот дорад. Нуқтаи ниҳоии рушди ҷомеаи саноатӣ ба афзун гаштани шумораи кормандони соҳаҳои хизматрасонӣ рабт дорад, ки рушди соҳаҳои

---

[1] Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования /Д.Белл. – М.: Academiya, 1999. – С. 655.
[2] Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования /Д.Белл. – М.: Academiya, 1999. – С.665.

мазкурро таъмин менамоянд. Мавҷи сеюми рушди тамаддун бошад, бо ба вуҷуд омадани тамаддуни пасосаноатӣ (иттилоотӣ) рост меояд, ки ба пайдоиши технологияҳои пешрафтаи замони муосир мусоидат кард.[1]

Ба андешаи Э. Тоффлер бо баробари ба вуҷуд омадани тамаддуни иттилоотӣ дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ таҳаввулот ва тағйироти ҷиддӣ ба вуқӯъ пайваст. Яъне, муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ тағйир ёфтанд. Рӯҳия ва шуури инсонҳо дигаргун гашт. Инчунин, муҳаққиқ заминаи ба вуҷуд омадани низоъҳои сиёсии замони муосирро натиҷаи бархӯрди мавҷҳои тамаддуни инсонӣ меҳисобад. Дар маҷмӯъ, Э.Тоффлер технологияи компютерӣ, фатҳи кайҳон ва истифодаи манбаъҳои баҳру уқёнусҳоро, ки боиси пешрафти ҷомеа мегарданд, арзишҳои ҷомеаи мутамаддин ҳисобида, онро ҷомеаи иттилоотӣ тасвир мекунад ва ҳокимиятеро, ки асосашро дониш ташкил медиҳад, шакли олии ҳокимият меномад.[2]

Умуман, асосгузорони назарияи ҷомеаи иттилоотӣ дар консепсияҳои илмии худ дар баробари иттилоъ ҳамзамон донишро аз заминаҳои асосии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ меҳисобанд. Аз ҷумла, Э.Тоффлер ва П.Бурде дар таълифоти хеш собит менамоянд, ки чунин сармояҳои рамзӣ, ба монанди «иттилоот» ва «дониш» аз сармояҳои анъанавӣ тафовути ҷиддӣ доранд. Онҳо ин фарқиятро ба таври зерин асоснок намудаанд: замоне, ки замин ва сармояи моддӣ манбаъҳои маҳдуд мебошанд, дониш ҳамчун сармоя манбаи беохир аст; замоне, ки замин ва сармояи моддӣ бо доираи муайяни истифодабарандагони худ маҳдуд мегарданд, дониш ҳамчун сармоя ба ҳамаи истифодабарандагон дастрас мегардад ва замоне, ки замин ва сармояи моддӣ хосси одамони доро ва қудратманд ҳастанд, дониш ҳамчун сармоя ва ҳамчун рамзи инқилоби маънавӣ дастраси ҳам камбизоатон ва ҳам бебизоатон мегардад.[3]

---

[1] Тоффлер Э. Третья волна / Э.Тоффлер. – М.: Изд-во АСТ, 1999. – С.31.
[2] Тоффлер Э. Третья волна / Э.Тоффлер. – М.: Изд-во АСТ, 1999. – С.23.
[3] Тоффлер Э. Метаморфозы власти. – М., 2002. - С. 24.; Бурдьё П. Социология социального пространства. - М., 2007. –С.125.

Абдул Воҳид Хон собиқ муовини директори генералии ЮНЕСКО оид ба масоили иттилоот ва коммуникатсия низ ҷомеаи иттилоотиро ҳамчун унсури «ҷомеаи донишгаро», ки таҳаввули он ба инсон иртибот дорад, унвон медиҳад. Ба андешаи ӯ ҷомеаи иттилоотӣ бо навовариҳои технологӣ алоқаманд буда, мазмунан унсурҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҷаҳони имрӯза, хусусан дастовардҳои нави соҳаҳои мазкурро дар бар мегирад.[1]

Аз таҳлили ин андешаҳо маълум мегардад, ки яке аз тамоюлгириҳои хосси ҷомеаи иттилоотӣ ин дастрасии одамон ба иттилоот ва дониш аст. Яъне, дар ҷомеаи иттилоотие, ки муҷаҳҳаз бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва низоми иттилоотӣ мебошад, имкони бо маълумоти фаврӣ ва донишҳои зарурӣ таъмин намудани қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба вуҷуд меояд, ки дар заминаи он сатҳу сифати касбиашон тағйир ёфта, дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ба пешрафт муваффақ мегарданд.

Умуман, мафҳуми меҳварии чунин ҷомеаро «иттилоъ» ташкил медиҳад. Олими англис Т.Стоунер низ дар ин маврид барҳақ қайд кардааст, ки иттилоот ба монанди сармоя бояд захира ва ҳифз карда шавад ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мавриди истифода қарор гирад. Ӯ таъкид менамояд, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ манбаъҳои иттилоотии миллӣ сарчашмаи бузурги сарватҳои миллӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, дар шароити муосир соҳаи нави иқтисодиёт - иқтисодиёти иттилоотӣ бояд ташаккул дода шавад.[2]

Аз таҳлили андешаи муҳаққиқ бармеояд, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ афзалияти бештар доранд. Зеро вобаста ба навъи хизматрасониҳо теъдоди қабулкунандагон ва коркардкунандагони иттилоот барои дастрас намудани иттилоъ ба аҳолӣ зиёд мешаванд. Ё худ дар шароити рушди саноати

[1] Артюхин О.А., Змановский В.В. Политические коммуникации и государственная информационная политика в условиях перехода к информационному обществу // Наука и образование: хозяйство и экономика; предпринимательство; право и управление. – 2017. – №6(85). –С.129.
[2] Стоуньер Т. Информационное богатство: профиль постиндустриальной экономики //Новая технократическая волна на Западе. - М.: Прогресс, 1986. – С.394.

иттилоотӣ ва афзалият пайдо намудани ин соҳа нақш ва мавқеи хоҷагии қишлоқ ва истеҳсолот мақоми худро аз даст дода, ба мақоми дуюм мебарояд.

Дар робита ба ин гуфта, олими амрикоӣ У.Мартин ба сифати нишонаҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ ҳолатҳои зеринро ба эътибор мегирад: тағйиротҳои сохторӣ дар соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла дар раванди тақсимоти қувваи корӣ; дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда бозидани иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ; зиёд гардидани талабот нисбат ба саводнокии компютерӣ; ба таври васеъ паҳн гардидани технологияҳои иттилоотӣ; рушди бемайлони раванди компютерикунонии соҳаҳои гуногун; иттилоотонии ҷомеа ва соҳаи илму маориф; аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани рушди телекоммуникатсия ва технологияҳои компютерӣ; бо суръати баланд рушд намудани шабакаи интернет, зиёд гардидани истифодабарандагони он ва ҳамзамон зиёд гардидани барномаҳои компютерии зиёновар ва вирусҳои компютерӣ.[1]

Ба тавзеҳи файласуфи рус А.И.Ракитов ҷомеаи иттилоотӣ чунин ҷомеае аст, ки дар он тамоми намуди воситаҳои техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ – компютер, низомҳои иттилоотӣ алоқаҳои ноқилӣ, моҳвораӣ ва навъҳои дигари алоқа, дастгоҳҳои видеоӣ, барномаҳои компютерӣ ва таҳқиқоти илмӣ барои дастраси ҳамагон гардонидани иттилоот хизмат мекунанд, то ки иттилоот ва маълумоти зарурӣ дар ҳаёти ҳамарӯзаи одамон ба таври самаранок истифода бурда шаванд.[2]

Олимони рус О.А.Финко ва Ю.М.Нестеров бошанд, ҷомеаи иттилоотиро ҳачун ҷомеаи тасвир унвон медиҳанд. Ба ақидаи онҳо дар чунин ҷомеа компютери фардие, ки ба шабакаи интернет пайваст аст, ба ҳар як оила дастрас гашта, ҳар як аъзои ҷомеа новобаста аз мавқеи зисти худ имкони дастрас намудани иттилооти заруриро пайдо менамояд. Байни аҳолӣ ва сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ робитаҳои фосилавӣ барқарор мешавад,

---

[1] Фридман М.Ф. Теория глобальной научно-образовательной политики информационного общества: социально-философский анализ и прогноз. Монография. –М.: Изд-во «Перо», 2015. – С.60-61.
[2] Ракитов А.И. Наш путь к информационному обществу // Теория и практика общественно-научной информации. - М.: ИНИОН, 1989. –С. 74.

фаъолияти воситаҳои ахбори умум аз рӯйи қабул, коркард ва интиқол додани ахбор тағйир ёфта, ба шабакаи интернет ва технологияҳои компютерӣ вобаста мегарданд. Инчунин, таҳти таъсири шабакаҳои иттилоотӣ дар соҳаи қабул ва интиқоли иттилоот сарҳади ҷуғрофии давлатҳо аз байн рафта, бархӯрди қонунгузории иттилоотии як давлат бо давлати дигар ба амал меояд ва ғайра.

Умуман, воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир, ки дар тӯли ду қарни охир дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ инқилоберо ба вуҷуд овард ифодакунандаи ҷанбаҳои технологии ҷомеаи иттилоотӣ мебошанд. Дар баробари ин ҷомеаи иттилоотӣ дорои паҳлӯҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ мебошад. Масалан, тарзи истеҳсоли маҳсулот ва таҳлили оморӣ низ дар ҷомеаи саноатӣ аз ҷомеаи пасосаноатӣ тафовут дорад. Агар дар ҷомеаи саноатӣ истеҳсоли маҳсулот ба воситаи дастгоҳҳои механикӣ сурат гирифта, асоси моликияти хусусиро ташкил диҳад, пас дар ҷомеаи пасосаноатӣ истеҳсолот бо истифода аз технологияҳои интелектуалӣ ва иттилооти компютерӣ ба роҳ монда мешавад. Ин амал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нақши илму дониш дар ин зинаи рушди ҷомеа бузург аст. Ё худ иттилоот дар ин зина неруи асосии рушди истеҳсолот ва пешрафти ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ мегардад.

Талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи донишгароро мавҷудияти навъҳои гуногуни дониш: динӣ, муқаррарӣ, бадеӣ, илмӣ, ки аз сарчашмаҳои мухталиф пайдо мешаванд, ташкил медиҳанд. Аммо ҷомеаи иттилоотӣ тақозо дорад, ки одамон ба донишҳои илмӣ-назариявӣ дастрасӣ дошта, дар раванди фаъолияти худ аз онҳо истифода баранд ё худ ба онҳо афзалият диҳанд. Инчунин, такя кардани одамон ба донишҳои илмӣ-назариявӣ имконият медиҳад, ки иттиҳодияҳоро аз муфлисшавӣ ҳифз кунанд, пеши роҳи ҳама гуна таҳдидҳоро, ки ба зарари корхона ва ё коргоҳ мебошанд, гиранд ва дар заминаи он донишҳои нав ба вуҷуд оваранд. Дар чунин ҳолат байни дониш ва иттилоот фарқият ба назар мерасад. Ин фарқият он аст, ки дониш қобилияти ба таври самаранок амал намудан ва фаъолияти оқилона

доштанро дар назар дорад, аммо иттилоот бошад, маҷмӯи донишҳое мебошад, ки барои истифодаи қобилиятҳои инсонӣ зарур дониста мешавад. Аз баррасии ин матлаб ошкор мегардад, ки «ҷомеаи пасосаноатӣ» ва «ҷомеаи иттилоотӣ» бо ҳамдигар муродиф буда, асри иттилоотӣ, инқилоби иттилоотӣ нишонаҳои асосии он ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки шарҳу тавзеҳи мафҳуми ҷомеаи иттилоотӣ ва муайян кардани нишонаҳои хосси он аз тарафи олимони аврупоӣ муфассал таҳқиқ карда шуда, онҳо дар ин самт ба дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудаанд. Дар таҳқиқотҳои онҳо чӣ тавре қаблан ҳам зикр намудем рушди технологияҳои иттилоотӣ ва мошинҳои ҳисоббарор асоси ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд ва он дорои чунин нишонаҳои муҳим аст:

- иттилоот хусусияти глобалӣ касб менамояд;

- ҷиҳати интиқоли иттилоот монеаҳо ба вуҷуд оварда намешаванд ва кишварҳои алоҳида ё абарқудрат низ ба он таъсир расонида наметавонанд;

- шароит ва имкониятҳои хуб барои захира намудан, коркард кардан, ҳифз доштан, интиқол додан ва дастрасӣ пайдо намудан ба иттилоот фароҳам оварда мешавад;

- таъсири иттилоот ба рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ, пайдоиши шаклҳои нави фаъолият бештар мегардад;

- аз ҳисоби афзоиши шумораи кормандони соҳаи саноати иттилоотӣ раванди ташаккулёбии манбаъҳои нави меҳнатӣ ва ҷойҳои нави корӣ ба амал меояд.[1]

Дар баробари олимони хориҷӣ муҳаққиқони ватанӣ низ оид ба пайдоиш, ташаккул ва тамоюлгирии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон таҳқиқотҳои алоҳида анҷом додаанд. Масалан, муҳаққиқони тоҷик Маҳмадизода Н дар корҳои таҳқиқотии худ таваҷҷуҳи хосса ба масъалаи нақши бехатарии иттилооти коммуникатсионӣ дар ҳифзи амният ва суботи ҷомеа, Ишанова С

[1] См.: Лаврухин А.Н. Информационное общество: надежды и результаты информатизации //Сборник трудов ВНИИСИ. –М., 1989. Вып. 12. –С.43.

ба таҳқиқи мавзӯи амнияти иттилоотӣ ҳамчун тартиби назорати муҳит дар шароити ҷаҳонишавӣ, Қурбонов А.Ш аҳамияти ҷиддӣ дар бораи дастрасӣ ба иттилоъ ҳамчун василаи мустааҳкам кардани ҳамкорӣ ва ғайра дода, бо далел ва аз ҷанбаи методологӣ муҳити иттилоотии кишвар ва ҷойгоҳи инсон дар онро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Ҷомеашиноси тоҷик Х.Қ.Сафарализода[1] бошад, дар кори пажӯҳишии худ диққати асосӣ ба тағйирёбӣ ва таҳаввулоти низоми сиёсии ҷомеаи муосир дода, кибертерроризм ва киберэкстремизмро натиҷаи рушд ва вусъат пайдо кардани технологияҳои иттилоотӣ мешуморад.

Дар таҳқиқотҳои файласуфони тоҷик Х.У. Идиев[2] ва Р.Л. Давлатов[3] омилҳои фарҳангию маънавии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳлилу таҳқиқ шуда, рушд ва вусъат пайдо кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар низоми иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа омили муҳимми баҳамназдикшавии фарҳангҳо ва ҷаҳонишавии арзишҳо меҳисобанд.

Файласуфи дигари тоҷик Д.О.Мунаварова[4] дар кори таҳқиқотии худ рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсиониро дар рушди фарҳанг ва ташаккули худшиносии миллӣ, ки бо чунин падидаҳо “навгонӣ” ва “иттилоот” ҳамбастагӣ доранд, таҳлил менамояд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи сиёсатшиноси тоҷик Д.С.Тавароврo[5] аз ҷанбаи сиёсӣ таҳлил кардани раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва дар чорчӯбаи он мушаххас намудани самтҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос медрад. Арзиши илмии кори анҷомдода дар

[1] Сафарализода Х. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–2017. –№2/4.–С.271-275.; Ташаккулёбии ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2018. –№6. –С.252-257.
[2] Идиев Х.У. Место информационных технологий в расширении пространства культурного взаимодействия стран СНГ // Культура в Евразийском пространстве: традиции и новации. – 2018. –№1 (2). –С.49-53.
[3] Давлатов Р.Л. Роль современных информационных технологий в глобализации и взаимодействие культур: дис. … канд. филос. наук. -Душанбе, 2014. –154 с.
[4] Мунаварова Д.О. Фарҳанг ва роҳҳои вусъати таъсири он ба худшиносии миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ). Авт. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2021. – 22с.
[5] Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон): дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ. – Душанбе, 2020. – 180с.

ин самт аз он иборат аст, ки аввалан, муаллиф назарияҳои иҷтимоии мавҷудбударо коркард, таҳлилу муқоиса карда, хусусият ва заминаҳои назариявӣ-амалии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро мушаххас мекунад. Дуюм, нақш ва мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода, қайд мекунад, ки низоми иттилоотии кишвар вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз таъмини амнияти иттилоотии кишвар вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, ба зарурати масъалаи ташаккули ҳукумати электронӣ дар кишвар аҳамият дода, нақши онро дар пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва ташаккули донишҳои техникии аҳолӣ муҳим меҳисобад.

Д.Табаров дар асоси таҳлил ва муқоисаи андешаҳои олимон хулоса мекунад, ки ҷомеаи иттилоотиро аз рӯйи се хусусияти умумӣ муайян кардан мумкин аст: аввал, дар ин навъи ҷомеа иттилоот ба сифати манбаи иқтисодӣ истифода мегардад. Ташкилот ва ширкатҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва ташаккул додани иқтидори рақобатпазирии худ ҳаҷми хеле зиёди иттилоотро истифода менамоянд. Дуюм, иттилоот барои аҳолии мамлакат ба маҳсулоти истеъмолӣ табдил меёбад. Сеюм, дар соҳаи иқтисодиёт рушди бомароми бахши иттилоотӣ ба амал меояд, ки дар муқоиса бо бахшҳои дигари ин соҳа бо суръати хеле баланд ташаккул меёбад.[1] Бо назардошти гуфтаҳои боло, бояд ба чунин натиҷа расид, ки тамоюли рушди ҷомеаи иттилоотӣ хосси кишварҳои мутараққӣ ва кишварҳои дар ҳоли рушд мебошад.

Умуман, аз ҷиҳати илмӣ-методологӣ асоснок кардани пайдоиши ҷомеаи иттилоотӣ ва тамоюлгириҳои он дар кишвар олимон ва муҳаққиқони ватанӣ маводи зиёд ва арзишманд таҳия карда, ба нашр расонидаанд. Аммо аз байни корҳои анҷомёфта, таҳқиқоти илмии файласуфи тоҷик Ш.Т.Беҳбудов[2] дар ин самт аз ҷиҳати идеявӣ ба кори таҳқиқотии мо наздикӣ дорад. Аммо

---

[1] Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон. - С.46.

[2] Бехбудов Ш.Т. Информационная реальность в парадигме антропологических ценностей человека в современном обществе. Дис. на соискание учёной степени кандидата философских наук по специальности 09.00.11 – социальная философия. Душанбе, 2021. – 149с.

муҳаққиқ, асосан ба масъалаи хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва инсон дар Тоҷикистони муосир аҳамият дода, ба таври зарурӣ масъалаи ҷойгоҳи инсонро дар муҳити иттилоотии кишвар мавриди пажӯҳиш қарор намедиҳад.

Ҳамин тавр, таҳлил ва муқоисаи андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки инсон ва ҷомеа ҳамеша дар ҳоли тағйирёбӣ ва рушд қарор доранд. Вобаста ба таҳаввулот ва дигаргуниҳои рухдода инсон кушиш менамояд, ки худро ба муҳити иҷтимоӣ, ки муҷаххаз бо воситаҳои техникӣ ва фазои иттилоотӣ созгор аст мутобиқ намояд ва ҳамзамон он муҳитро дигаргун карда, шароити муосидро барои ҳаётгузаронӣ ва расидан ба ҳадаф, ки рақобатро талаб менамояд, фароҳам созад. Аз ин рӯ, технология одатан барои инсон воситаи дастрасӣ ёфтан ба ҳадафи муайян, ба таври сунъӣ офаридани маҳсулот, маводи зарурӣ, ки қонеъкунандаи талаботи рӯзмаррааш мебошанд, ба ҳисоб меравад.

Иттилооти саҳеҳ, пурра ва боэътимод дар тӯли таърихи тамаддуни инсонӣ ҳамеша қадр карда мешуд ва ба манфиати мардум, рушди кишварҳо, таъмини амният ва ғайра хизмат мекард. Бинобар ин, одамон доимо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки иттилооти интиқолшаванда сари вақт, бе таҳриф, мувофиқи муқаррарот ба ҷой ва соҳиби аслиаш рафта расад. Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон низ иттилоъ ин арзиши худро аз даст надода, ҷойгоҳи худро бештар фарох кардааст. Хусусан, раванди рушди иттилоотонии ҷомеа ва мавриди истифодаи умум қарор гирифтани воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар тамоми самтҳои фаъолияти кормандон масъалаи амнияти иттилоотиро ба дараҷаи болотар бардоштааст. Аз ин рӯ, ҳалли ин масъаларо дар баҳисобгирии маҷмӯи омилҳои нави интиқол ва қабули иттилоот, эҷод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ, ки онҳо дар якҷоягӣ муҳити иттилоотиро ташкил медиҳанд, ҷустан лозим меояд.

Муҳити иттилоотӣ чист? Муҳити иттилоотӣ - ин маҷмӯи воситаҳо, омилҳо ва усулҳои дар асоси системаҳои компютерӣ, воситаҳои технологияи муосир тарҳрезиёфта мебошад, ки барои эҷод ва истифодаи захираҳои

иттилоотӣ шароит созгор намудаанд. Аммо маҷмӯи омилҳоеро, ки барои фаъолияти муътадили муҳити иттилоотӣ хавфноканд, таҳдиди иттилоотӣ мегӯянд. Одатан таҳдидҳо дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна ба вуҷуд меоянд.  Масалан, омилҳое, ки ба сифати манбаи асосии таҳдидҳои беруна ба амнияти иттилоотӣ баромад мекунанд, инҳоянд: сиёсати мамлакатҳое, ки дастрасии комёбиҳои ҷаҳониро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ халалдор месозанд; «ҷанги иттилоотӣ», ки фаъолияти муҳити иттилоотиро дар мамлакатҳо номуътадил мегардонад; фаъолияти ҷиноятӣ, ки бар зидди манфиатҳои миллатҳо равона гардидааст ва ғайра. Ба манбаъҳои дохилии таҳдидҳо бошад, омилҳои зерин нақш мегузоранд: дар сатҳи паст қарор доштани низоми иттилоотонии мамлакатҳо; қафомонии технологӣ дар саноати электронии истеҳсоли техникаи иттилоотӣ ва иртиботӣ;  пастравии сатҳи маърифати шаҳрвандон, ки монеаи рушди муҳити иттилоотӣ гардидаанд ва ғайра.[1] Умуман, дар натиҷаҳои пайдо шудани таҳдидҳо иттилоот нест мешавад, дастраси ашхоси номаълум мегардад ва оқибат ба ҷамъият ва ҳам фардҳои алоҳида зарари зиёди маънавӣ мерасонад.

Таҳдидҳои амнияти иттилоотиро вобаста ба ҳадафашон ба таҳдидҳои ғаразнок (мақсаднок, барқасд) ва тасодуфӣ тақсим мекунанд. Таҳдиди ғаразнокро таҳдиди дастрасии беиҷозат, ҳамла ё ҳуҷум мегӯянд. Номгӯи таҳдидҳои ғаразнокро метавон ба шаклҳои гуногун ҷудо намуд: дуздии иттилоот - дастрасии беиҷозати парвандаҳо дар шакли дидан ва нусхабардорӣ кардан. Ғорати компютерҳо ва барандагони иттилоот, ҳазф ва барбоддиҳии иттилоот; паҳнкунии вирусҳои компютерӣ;  таъсири ҷисмӣ ба сахтафзори электронӣ - вайронкунӣ, пайвастан ба шабакаҳои алоқа, шикастани барандагони иттилоот, ба воситаи майдони магнитӣ таъсири барқасдона расонидан. Таҳдидҳои ғаразнок метавонанд тавассути компютери фардӣ, ҷойи кории маъмури системаи компютерӣ, барандагони иттилоот (диск, фитта, коғаз) ва шабакаҳои  алоқаи беруна амалӣ гардонида шаванд.

[1] https://khirad.ru/

Таҳдидҳои тасодуфӣ бештар дар равандҳои иттилоотӣ - ҳангоми дохилкунӣ, нигаҳдорӣ, коркард, хориҷкунӣ ва интиқоли иттилоот рӯй медиҳанд. Масалан, сабабгори асосии носозиҳо дар системаҳои компютерӣ метавонанд омилҳои тасодуфии зерин бошанд: хатоҳои истифодабарандагони компютерҳо; хатоҳои лоиҳакашони касбии системаҳои иттилоотӣ - алгоритмӣ, барномавӣ, сохторӣ; аз кор мондани сахтафзор ё пайдошавии нуқсон дар кори он - таҳрифи сигнали каналҳои алоқа, халалҳои иттилоотӣ; вазъи форс-мажорӣ - садама, сӯхтор, обхезӣ, заминҷунбӣ ва ғайра бошанд.[1] Аз ин рӯ, амнияти муҳити иттилоотӣ ва ҳифзи он аз таҳдидҳои иттилоотӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Амнияти иттилоотӣ бошад, маҷмӯи чорабиниҳои мушаххаси ҳифзи муҳити иттилоотии ҷомеа аст. Таъминкунандагони амният бояд барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ манфиатҳои миллиро ҳифз кунанд, аҳолии қишрҳои гуногун, дар маҷмӯъ ҷомеаро бо иттилои пурра ва боэътимод таъмин созанд, ҳуқуқҳои давлат, ҷомеа ва шахсони алоҳидаро дар қабул, истифода ва паҳнкунии иттилоот таъмин ва назорат кунанд, объектҳои асосии иттилоотӣ: захираҳои иттилоотӣ; системаҳои эҷодкунӣ, паҳнкунӣ ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ; зерсохторҳои иттилоотии ҷомеа - иртиботи иттилоотӣ, шабакаҳои робитавӣ, марказҳои таҳлилӣ ва коркарди додаҳо, системаҳо ва воситаҳои ҳифзи иттилоот; воситаҳои ахбори омма; моликияти зеҳнӣ ва иттилооти махфиро аз ҳама гуна таҳдиду таъсироти беруна ҳифз намоянд.

Вобаста ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 дар самти роҳандозӣ кардани сиёсати давлатии иттилоотӣ ҷиҳати таъмини амнияти иттилоот, танзим ва ҳифзи он консепсияи сиёсати давлатии иттилотӣ[2] таҳия ва қабул карда шуд. Дар доираи консепсияи мазкур ҳадаф вазифа ва объектҳои сиёсати иттилоотии давлатӣ, самт ва механизмҳои асосии амалӣ намудани онҳо ҷиҳати таъмини рушди сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва баланд

---

[2] Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451.

бардоштани ҷойгоҳи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, идоракунии тамоми соҳаҳоро тавассути технологияи иттилоотӣ ба роҳ монд. То бо ин васила манфиатҳои миллӣ ба эътибор гирифта шуда, амнияти иттилоотӣ таъмин гардад.

Тибқи муҳтавои консепсияи мазкур ҳадафи сиёсати давлатии иттилоотӣ ин бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ва воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар доираи ин консепсия зарурат пеш омад, ки барои мувофиқи талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ ташаккул додани ҷомеаи иттилоотӣ самтҳои сиёсати давлатии иттилоотӣ ба таври зайл мушаххас карда шаванд:

- ташкил, рушд ва таъмини амнияти захираҳои давлатии иттилоотӣ;

- истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии давлатӣ ва дар идораи системаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра;

- эҷод, дастгирӣ ва такмили нуфузи иттилоотии Тоҷикистон бо роҳи истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ;

- ҳифзи манфиатҳои иттилоотии давлат, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дифоъ аз ҳамлаҳои иттилоотӣ, таҳдидҳо ва амалиёти дигар, бартарафсозии онҳо;

- воридшавӣ ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ.[1]

Ҳамзамон, ба хотири ташкили ҷомеаи иттилоотӣ ва ворид шудани Тоҷикистон ба муҳити иттилоотӣ зарурат пеш омад, ки вазифаҳои зерин иҷро карда шаванд:

- ташкили механизми самаранок ва такмили идоракунии давлатии захираҳои иттилоотӣ;

- таъмини талаботи иттилотии ҷомеа ва афрод;

- ташкили заминаҳои иттилоотии рушди ҷамъиятии устувор ва босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

---

[1] Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451.

Ё худ назди ҷомеа баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки сиёсати давлатии иттилоотии зерин гузошта шуд, ки бо амалисозии чунин роҳҳо имконпазир буданд:

- иттилоотонии сохторҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, созмону муассиса ва корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликияташон;

- ташкил ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотии давлатӣ ва таъмини дастёбии васеъ ва озод ба онҳо, инчунин таъмини шаҳрвандон бо иттилооти дорои аҳамияти ҷамъиятидошта;

- рушди воситаҳои ахбори оммаи мустақили дорои тамоюли иҷтимоӣ;

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии бунёди ҷомеаи иттилоотӣ. Заминаи идоракунии иттилоотии давлат ва бунёди ҷомеаи кушодаро захираҳои иттилоотӣ, яъне маҷмӯи маълумоте, ки дар раванди рушд ва фаъолияти амалии одамон барои истифодаи гуногунҷанбаи он дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва идоракунӣ андӯхта мешавад, ташкил менамояд. Захираҳои иттилоотӣ ҳамчун захираҳои моддӣ иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии давлатро муайян менамоянд. Захираҳои иттилоотӣ такрористеҳсолшаванда буда, метавонанд объектҳои воридоту содирот, рақобат, инчунин объектҳои тасарруфи сиёсӣ ва иқтисодӣ бошанд.

То таҳия ва қабули консепсияи мазкур вазъи иттилоотии кишвар ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ набуд. Ин ҳолатро метавон бо чанд далел муайян намуд:

- ҷудо нагаштани маблағгузории буҷетии захираҳои иттилоотии мавҷуда ва бунёди захираҳои иттилоотии нав;

- вуҷуд надоштани саноати истеҳсоли воситаҳои техникӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ дар кишвар;

- набудани мутахассисони соҳавӣ ҷиҳати васли таҷҳизоти электронӣ, аз ҷумла компютерҳо, аз ҳисоби қисмҳои воридотӣ;

- дар сатҳи паст қарор доштани донишҳои техникӣ ва ташаккул наёфтани тафаккури техникии шаҳрвандон вобаста ба фазои технологии ҷомеаи иттилоотӣ;

- дар сатҳи зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида нашудани идораҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои гуногун, муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ бо технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва ғайра.

Аз ин рӯ, дар он давра назди ҳукумати кишвар вазифа гузошта шуд, ки нисбати таҳияи барномаи компютеркунонии тамоми сохторҳо, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилотӣ тадбирҳо андешанд, компютерикунонии оммавиро, ки яке аз шартҳои зарурии рушди фазои иттилоотӣ мебошад, вусъат бахшад. Бо ин роҳ дастёбии васеи мардумро ба захираҳои иттилоотӣ таъмин намуда, заминаи муоширати аҳолиро бо ҳокимият ба роҳ монад. Ниҳоят, аз ин давра баъд дар Тоҷикистон бозори технологияҳо, маҳсулот ва хизматрасонии иттилоотию коммуникатсионӣ тадриҷан ташаккул ёфта, шумораи компютерҳои шахсӣ ва муштариёни шабакаҳои озоди ҷаҳонӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Шабакаи миллии алоқа ва шабакаи моҳвораӣ босуръат вусъат ёфта, таъминоти аҳолӣ бо воситаҳои алоқаи мобилӣ амалӣ гардид. Иттилоотонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахши бонкӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиёт, алоқа, маориф, фарҳанг ва ғайра зина ба зина рушд мекард. Аммо бо вуҷуди ин муваффақиятҳо  Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз маблағҳои кофӣ ва имконияти истеҳсолӣ барои тавлид ва рушди мустақили инфрасохтори иттилоотию коммункатсионии миллиро дар ихтиёр надошта, воситаҳои технологӣ ва маҳсулоти барномавии кишварҳои пешрафтаро истифода мебурд. Чунин вазъ андешидани тадбирҳои таъҷилиеро тақозо кард, ки ба рушди афзалиятнок ва ҳифзи захираҳои иттилоотии кишвар дар шароити васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ равона карда шавад.

Умуман, таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки зарурати таҳияи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1] ва «Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва

[1] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643.

деҳот дар шабакаи интернет»[1]-ро ҷиҳати вусъат бахшидани ҷомеаи иттилоотӣ дар кишвар, амалинамоии Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»[2], «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3], «Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[4] ва «Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[5], ки таъминкунанда ва танзимгари фазои иттилоотии мамлакат мебошанд, пеш овард.

Чунки дар доираи татбиқи талаботи санадҳои мазкур ба таври зарурӣ низоми иттилоотии кишвар рушд накард, камбудиҳо дар самти муҷаҳҳаз кардани идораҳои мақомоти ҳокимияти давлатию маҳаллӣ, муассисаю ташкилотҳо бо воситаҳои технологияи иттилоотӣ бартараф нагаштанд, дониши техникии кормандон ҷиҳати истифодабарӣ аз ин воситаҳо барои қабул ва интиқоли иттилоъ такмил наёфтанд ва норасоии кадрҳои баландихтисоси маҳаллӣ барои рушд додани ҷомеаи иттилоотии кишвар монеа эҷод карданд.

Ин мушкилоти мавҷуда ва дигар монеаҳои эҷодшуда боис гардиданд, ки «Консепсияи ҳукумати электронӣ» ва «Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет» ба тасвиб расида, ин камбудиҳоро бартараф созанд. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, сатҳу сифат ва дастрас будани хизматрасониҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва

---

[1] Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344.
[2] Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468.
[3] Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468.
[4] Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451.
[5] Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713.

ташкилотҳо расонида мешаванд, мусоидат намояд. Қоидаҳо ва кам кардани муҳлати расонидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, инчунин кам кардани хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматрасониҳо вобастагӣ доранд, сода карда шуда, дастрасии аҳолӣ ба иттилоот таъмин гардад, системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон ташкил дода шавад. Ҳамзамон, ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз Интернет ва технологияҳои муосири технологӣ дастгирӣ ёбад.

Ҳамзамон, амалигардонии ин тадбирҳо ба он мусоидат менамуд, ки ташкилоту муассисаҳо бо воситаҳои техникӣ таъмин карда шуда, системаи ягонаи автоматикунонидашуда (портали ягона) - и қабул ва интиқоли маводро таъсис диҳанд. Иштироки бевоситаи шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди ташаккул ва ташхиси қарорҳое, ки дар ҳама сатҳи идоракунии давлатӣ қабул карда мешаванд ва ҳамзамон амнияти иттилоотии кишвар таъмин карда шавад то ин ки аҳолии минтақаҳои гуногуни кишвар новобаста аз қаламрави зисти худ тавонанд маълумотро дастрас кунанд ва ё иттилои худро ба мақомоти дахлдор интиқол диҳанд.

Бояд зикр кард, ки дар Консепсияи мазкур зери мафҳуми ҳукумати электронӣ шакли нави ташкил намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеи ТИК сатҳи нави фаврият ва муносиби аз ҷониби шаҳрвандон ва муассисаҳо дарёфт намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад, фаҳмида мешавад.[1]

Натиҷаи амалӣ намудани Консепсия, беҳтар гардидани сифат ва кӯтоҳкунии мӯҳлати пешниҳоди хизматрасониҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шаҳрвандон ва муассисаҳо ба ҳисоб рафта, боиси

[1] Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643.

таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ шуда ва дар оянда бошад, бо дарназардошти такмилёбии системаи маъмурӣ - ба таъсиси дастгоҳи давлатии самаранок ва аз нигоҳи таркиб муносиб, оварда мерасонад.

Умуман, ҳадаф аз таъсиси ҳукумати электронӣ он буд, ки давлат барои тақвият бахшидани ҷомеаи иттилоотӣ ва созгор кардани фазои иттилоотии кишвар бояд тамоми зинаҳои идоракуниро аз ҳамкориҳои мутақобилаи байниидоравӣ то ба ҳамкориҳои мутақобилаи байни давлат ва шаҳрвандон азнавсозӣ карда, инкишоф диҳад. Бо мақсади васеъ гардонидани имконоти дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва рушд додани ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон зарурат пеш омад, ки шароитҳо барои ҳалли масъалаҳои зерин муҳайё карда шаванд:

- рушди Интернет дар маҳалҳо ва баланд бардоштани имконоти дастрасии аҳолӣ ба он;

- таъсиси ҳатмии сомона (сайтҳо)-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва муассисаҳои кишвар дар Интернет, ки дар оянда дар портали ягонаи иттилоотӣ-маълумотии Ҳукумат мутаҳҳид карда мешаванд;

- рушди саҳифаҳои идоравии Интернет (сайтҳо), ки ба таври мукаммал ва дар саривақт ҷо ба ҷо намудани иттилооти марбутаро дар онҳо таъмин менамояд:

- таъсиси шабакаҳои компютерии дохилии вазоратҳо ва муассисаҳо ва дар оянда муттаҳид намудани онҳо дар шабакаи ягона, ба мақсади давра ба давра ворид намудани ҳуҷҷатгузории электронӣ (беқоғазӣ)-и байниидоравӣ;

- ташаккули инфрасохтори дастрасии ҷамъиятӣ ба иттилооте, ки дар шабакаи Интернет дар бораи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва хизматҳои давлатие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешавад, ҷо ба ҷо мегардад;

- таъсиси системаи ягонаи ҷонибдории иттилоотӣ-маълумотии шаҳрвандон оид ба масъалаҳои пешниҳоди хизматҳои давлатӣ ва ҳамкории мутақобилаи шаҳрвандон бо мақомоти давлатӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, аз таҳлили андешаҳои муҳаққиқон, ки тамоюлгирии технологӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи иттилоотиро аз ҷанбаи методологӣ асоснок кардаанд, метавон ба чунин хулоса омад, ки ҷомеаи иттилоотӣ:

- дар он иттилоъ фаровон ва имкониятҳо фарох буда, ашхосе, ки сатҳи муайяни дониши техникӣ дорад метавонад, иттилои заруриро саривақт дастрас намояд ва ба дигарон интиқол диҳад;

- тамоми донишҳои илмӣ-назариявӣ ва иттилоъ дар баробари сарватҳои табиӣ, захираҳои инсонӣ ва даромадҳои молиявӣ аз манбаъҳои асосӣ ва стратегӣ ба ҳисоб мераванд;

- дар заминаи таъмини иттилоъ тавассути манбаъҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои иттилоотӣ истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва паҳн намудани шаклҳои гуногуни иттилоот ҷузъҳои муҳимтарини соҳаҳои стратегӣ ба ҳисоб рафта, дастовардҳои илмиву фарҳангӣ, мавзеъҳои таърихию ҷуғрофӣ дар сатҳи кишварҳои гуногун муаррифӣ гардонида мешаванд, низоми иқтисодӣ ва муносибатҳои бозаргонӣ рушд мекунад;

- дар баробари эътирофи баланд касб кардани воситаҳои ахбори умум ҳамзамон, низоми электронии захираи мавод ва гардиши ҳуҷҷатҳоро ба танзим медарорад, ки барои мустаҳкам кардани ҳамкории байни идораву муассисаҳо мусоидат менамояд;

- ҷомеаи иттилоотӣ дар баробари ҷомеаҳои тосаноатӣ ва саноатӣ марҳилаи навбатии рушди инсоният аст, ки маншаи пайдоиш ва ташаккули он аст.

## 2.3. АРЗИШҲОИ УМУМИИНСОНӢ ВА ТАЪСИРИ МУҲИТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ТЕХНИКИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ

Таҳаввулоти инсон дар ҷомеа нисбат ба эволютсияи ӯ дар табиат хеле босуръаттар сурат мегирад. Ба он хотир, ки дар таҳаввулоти иҷтимоии худ инсон на танҳо ба узвҳои бадани органикиаш такя мекунад, балки аз кулли олоту воситаҳои ба таври сунъӣ сохтаи худ, аз воситаҳои техникиву технологияҳои гуногун истифода мебарад. Агар возеҳтар таҳқиқ кунем худи ин воситаҳои сунъии сохташуда давоми мантиқии бадани органикии инсон буда, суръати инкишофи онро дар таҳаввулоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ метезонанд, ҳамзамон неруи ҷисмонӣ ва маънавии ӯро чанд маротиба афзун ва сермаҳсул мегардонанд.

Табиист, ки мафҳуму идеалҳо, орзуву ормонҳо дар бораи зуҳуроти олам ва зиндагии худи инсон бо баробари ташаккули шуур пайдо шуданд, ки на фақат масъалаҳои ҳаёти рӯзмарраи онҳоро дар бар мегирифтанд, балки дурнамои рушд, симои оянда ва тасаввуроти хаёлии онҳоро ифода медоштанд. Дар заминаи маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ-мантиқӣ одамон дорои сифати нави эҷодкорӣ гардиданд. Мубодилаи афкор, иттилоот ва муошират ба воситаи забон дар шакли ифодаи фикр, дар шакли гуфтугӯи зинда ба вуқӯъ пайваст. Забон дар оғозу маҷрогирии антропосотсиогенез ва дар инкишофи минбаъдаи он ҳамчун арзиши фарҳангӣ, воситаи иртибот ва баҳамназдиккунии насли инсоният аҳамияти муайянкунанда бозид ва имрӯз низ ин вазифаи муҳимми худро иҷро мекунад.

Воқеан, инсон мавҷуди табиист, вале фақат мавҷуди табиӣ будан ҳадду ҳудуди охирини ҳастии ӯ нест. Ӯ мисли ҳайвонҳо фақат дар ҳудуди қонунҳои табиӣ, зери таъсири онҳо зиндагӣ ва кору амал намекунад. Балки раванди антропосотсиогенез ӯро аз ин ҳолат берун овард. Тавассути антропосотсиогенез зиндагӣ ва рафтору амали инсонро қонунҳои иҷтимоӣ, маданият ва ахлоқ ҳамроҳӣ ва муайян карданд. Чунки аз доираи таъсири ин қонунҳо берун мондан ба ӯ имкон намедод, ки ҳамчун субъекти

муносибатҳои ҷамъиятӣ амал кунад. Бинобар ин, он чизе ки берун аз инсон мавҷуд аст ва ҳам он чизе, ки ботини ӯро фаро гирифтааст, инчунин он олоту воситае, ки вай барои ҳаётгузаронӣ ва қонеъ кардани талаботи моддию маънавии хеш сохта, мавриди истифода қарор дод, ҳама дар маҷмуъ, арзиш маҳсуб меёбанд. Чунки арзиш - ин меъёри рафтор аст, ки аз рӯйи аҳамияти хеш барои инсон тавсифёфта, аз ҷониби гурӯҳи муайяни одамон пазируфта ва бо ҳақиқат, зебоӣ ва адолат мутобиқ гардонда мешавад.

Мафҳуми арзиш аз рӯйи самтҳои зерин тасниф карда мешавад: моддӣ ва маънавӣ; объективӣ ва субъективӣ; мутлақ ва нисбӣ; динӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, илмӣ ва ғайра. Таснифи нисбатан муҳимтари арзишҳо - ин тақсими онҳо ба арзишҳои мутлақ, яъне арзишҳое, ки аз ҷониби ҳамаи одамон пазируфта шудаанд (ҳаёт, саломатии бадан, муҳаббат, зебоӣ, ҳақиқат, адолат, озодӣ, хушбахтӣ ва ғайра) ва арзишҳои нисбӣ, яъне онҳое, ки танҳо аз ҷониби гурӯҳи муайяни одамон пазируфта мешаванд (сарват, шуҳрат, ҳаловат, ҳокимият, мартаба ва ғ.) ба ҳисоб мераванд.

Арзиш дар ҷомеа ба сифати меъёри баҳодиҳии рафтори одамон ва назорати иҷтимоии онҳо мавриди истифода қарор гирифта, самти равиш ва ҳавасмандии ҳаёти инсонро муайян мекунад. Умуман, арзиш - ин тафсирест, ки дар он инсон фазилати хешро ифода медорад. Бо баҳогузорӣ (муқоиса бо ормон) ва ҳадаф (тасаввури пешакии чизе, ки дар оянда ба даст оварда мешавад) ба мувофиқа оварда мешавад. Ба саволи - ин ё он фаъолият барои чӣ даркор аст ва ҳадаф ба саволи - чиро дар фаъолият бояд ба даст овард, посух медиҳад.

Арзиш ба инсон имкон медиҳад, ки дар ҳаёти худ самтгаро буда, ҳадафҳои дурустро матраҳ намояд ва барои дарёфти онҳо саъю кӯшиш варзад. Чӣ тавре ҷомеашинос Э.Асп дар ин маврид возеҳтар баҳо медиҳад: мафҳуми умумӣ ва устувори аз таҷриба андӯхта оид ба он ки чӣ мақбултар

аст, ё худ тамоюли интихоб ва меъёри пеш гузоштани мақсад ва ба даст овардани натиҷаи амал аст.[1]

Тибқи ақидаи О.Г.Дробнитский арзиш аввалан, мафҳумест, ки пеш аз ҳама тарафҳои мусбат ё манфии ин ё он чизро бо тафовут аз таърифҳои экзистенсиалӣ ва сифатии он нишон медиҳад (арзишҳои чизҳо, ҷинсҳо) дуюм, ба ҷанбаи меъёрӣ, тавсифию таърифии ҳолатҳои маърифати ҷамъӣ дахл дорад (арзишҳои зеҳнӣ, ё арзишҳои идрокӣ).[2]

Файласуфи дигар А.М.Коршунов ба ин масъала таваҷҷуҳ дода, муътақид мешавад, ки на ҳамаи дороиҳо арзиш маҳсуб мешаванд. «Арзиш,-қайд мекунад ӯ, дороии мусбат ё вазифаи ин ё он чиз дар низоми фаъолияти ҷамъиятию таърихии инсон аст… Чизҳое, ки дар раванди рушди ҷомеа нақши манфӣ доштаанд, мумкин аст ҳамчун дороиҳои манфӣ маънидод шаванд. Арзишманд ҳама он чизҳое маҳсуб мешаванд, ки шомили рушди ҷомеаанд, ба он хидмат мекунанд».[3]

В.И.Кирилов низ ба масъалаи таснифоти арзишҳо таваҷҷуҳи хосса дода, онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамояд: аз рӯйи мундариҷа-арзишҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ; аз рӯйи соҳибият-арзишҳои зеҳнии шахсиятӣ (онҳо дар раванди тарбия, донишомӯзӣ ва гирифтани таҷрибаи ҳаётии фард ташаккул меёбанд) ва арзишҳои инфиродӣ- гурӯҳӣ, миллӣ, синфӣ-умумибашарӣ, ки натиҷаи рушди ҷомеа ва фарҳанг мебошанд; аз рӯйи мақоми онҳо дар ҳаёти инсон ва инсоният-маишӣ (манзил, ғизо ва монанди инҳо) ва маънавӣ. Нисбат ба арзишҳои маишӣ арзишҳои маънавӣ хусусияти худрӯӣ доранд ва ба ягон сабаби берун аз онҳо буда, ниёзманд нестанд. Агар арзишҳои маишии амалӣ ҳадафи фаъолиятро муайян созанд, пас арзишҳои маънавӣ маънии онро ифода мекунанд.[4]

Арзишҳоро илми аксиология (аз калимаи юнонии ахіа - "арзиш" ва логия – таълимот таркиб ёфта, таълимот дар бораи арзишҳо мебошад)

---

[1] Асп Э. Даромаде ба ҷомеъашиносӣ. – СПб., 1998. – с.121-122.
[2].Дробнитский О.Г. Ценность// Философская энциклопедия. Т.3. - М.,1970. с.462.
[3] Коршунов А.М. Диалектика субъекта объекта в познании. - М., 1982. с.107-108.
[4] Философия. Ч. II. Основные проблемы философии // Подряд. В.И.Кириллова. - М., 1997. с.243-245.

меомӯзад. Дар забони лотинӣ ин мафҳум аз калимаи «valere» гирифта шуда, маънои сазовор буданро ифода мекунад. Тавре, ки Ҷон Дюӣ баҳо медиҳад арзиш дар навбати аввал маънои арзёбӣ, қадр кардан ва баҳо доданро дорад.[1] Аксиология ҳамчун таълимоти фалсафӣ дар охири асри XIX ва ибтидои қарни XX пайдо шуд. Ин мафҳумро бори аввал файласуфи фаронсагӣ П.Лаппӣ ва файласуфи олмонӣ Э.Гертман мавриди истифода қарор доданд.

Дар фалсафаи антиқа ва марҳилаҳои баъдӣ арзиш бо ҳастӣ як дониста шуда, хусусиятҳои арзишӣ бо мафҳуми ҳастӣ ифода карда мешуданд. Аз Суқрот ва Афлотун оғоз карда, саволҳои асосӣ чунин буданд: «Фоида чист?», «Адолат чист?» “Фазилат чӣ маъно дорад”, “Хушбахтӣ чист?”ва ғайра. Онҳо меъёрҳои асосии ҳақиқати  ҳастӣ ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, Суқрот (470/469-39 пеш аз милод) яке аз аввалинҳоест, ки табиати адолат, ахлоқ ва зебоиро дарк карда, арзишро шарҳу тавзеҳ додааст. Ӯ қайд карда буд, ки фаҳмиши ин мафҳумҳо метавонад асоси рафтори ахлоқии инсонро ташкил диҳанд. Суқрот боварӣ дошт, ки инсон дар ҳаёти худ саъю кушиш ба фазилат равона мекунад на ба некуаҳволии моддӣ. Ӯ ҳамеша даъват ба амал меовард, ки дӯстӣ ва сарҷамъӣ болотар аз дигар неъматҳо бошанд.[2]

Ҷолиби диққат аст, ки Афлотун (427-347 пеш аз милод) низ арзишҳои моддиро ҷузъи ҳатмии давлати идеалӣ намеҳисобад, баръакс аҳамияти табиати иҷтимоӣ ва антропосентрикии арзишҳоро таъкид мекунад. Мувофиқи андешаи Афлотун чаҳор фазилати муҳимтарини давлат:  хирад, далерӣ, мӯътадилӣ ва адолат мебошанд.[3]

Дигар файласуфе, ки рафтори иҷтимоиро асоси ташаккули арзишҳо меҳисобад, Арасту (384-322 пеш аз милод) буд. Ба ақидаи ӯ ҳамаи фаъолияти инсон барои баланд бардоштани некуаҳволӣ ва ба даст овардан хушбахтӣ равона карда шудааст. Аммо барои он ки инсон ба хушбахтӣ ноил гардад зарур аст, ки ӯ дорои фазилати неки ахлоқӣ бошад.[4]

---

[1] https://brocku.ca/MeadProject/Dewey/Dewey_1916/Dewey_1916_14.html
[2] Nichols, M.P. (1987). Socrates and the Political Community: An Ancient Debate. SUNY Press. p. 67.
[3] Платон. Государство. http://classics.mit.edu/Plato/republic.html
[4]Аристотель, Никомахова этика. Книга I.

Г.В.Гегел бошад, муътақид буд, ки низоми арзишҳо танҳо тавассути таҷрибаи иҷтимоие, ки инсоният ба даст овардааст ва ин ҳама намуди ҳадафҳо, идеалҳо, манфиатҳо, эътиқодҳо ва дигар зуҳуроти шахсиятро дар бар мегиранд, ташаккул ёфтааст. Дар навбати худ, системаи арзишҳо дар ҳаёти инсонӣ асоси тамоюли шахсӣ аст, ки муносибати ботинии ӯро ба воқеияти атроф инъикос мекунад.[1]

Дар луғати Макмиллан ба мафҳуми арзиш чунин таъриф дода шудааст: “арзиш" - ин принсип ва эътиқодест, ки ба рафтор ва тарзи зиндагии гурӯҳи муайяни одамон ё ҷомеа таъсир мерасонад”[2].

Намояндагони равияи психологизми натуралистӣ (Ҷ.Дюӣ) - арзишро чун омили воқеияти айнӣ тавсиф карда, сарчашмаи онро аз талаботи биологӣ ва психологии инсон вобаста медонанд, ки тавассути  мушоҳидаҳои эмпирикӣ ба даст меояд. Аз ин нуқтаи назар ҳамаи предметҳое, ки ин ё он талаботи инсонро қонеъ мекунанд, арзиш мебошанд.

Ҷонибдорони равияи трансцедентализми аксиологӣ (В. Вилделбанд, Г.Риккерт) муътақид бар он буданд, ки арзиш воқеияти айнӣ набуда, балки ҳастии идеалӣ мебошад. Арзиш падидаест, ки аз талаботи инсон вобаста нест. Масалан, некӣ, ҳақиқат, зебоӣ ва ғайра, ки арзиши мукаммал дошта, ҳар яке дар алоҳидагӣ як чизи бутунро ифода менамоянд, ба дигар мақсад истифода карда намешаванд. Арзиш - умуман шуур, яъне субъекти трансцеденталӣ мебошад.

Ба андешаи намояндаи равияи онтологизми персоналӣ М.Шелер арзишҳо асоси онтологии шахсиятро ташкил медиҳанд. Лекин арзишҳое, ки дар предметҳо ифода меёбанд аз табиати эмпирикии онҳо фарқ мекунанд. Маърифати арзишҳо ва мағзи аслии онҳо дар ҳадди ниҳоӣ бо роҳҳои ҳисси муҳаббат ё бадбинӣ ба даст меоянд.

Консепсияи сотсиологии арзиш, ки поягузори он М.Вебер мебошад масъалаи баррасии арзишро дар илми сотсиология ҷорӣ кард. Ба ақидаи ӯ,

[1] Печенкин А.А. Современная философия науки: знание, рациональность, ценности в трудах мыслителей Запада. Антология, 1996.
[2] http://www.macmillandictionary.com/dictionary/british/value_1

арзиш - ин меъёрест, ки барои субъекти иҷтимоӣ арзиши муайян дорад. Аз ин рӯ, ӯ нақши арзишҳои ахлоқӣ ва диниро дар рушди ҷомеа махсус қайд мекунад.

Дар илми муосир оид ба табиати арзишҳо ва мафҳумҳои он нуқтаи назари мухталиф вуҷуд дорад. Масалан, арзиш предмете фаҳмида мешавад, ки ин ё он фоида дошта, ин ё он талаботи инсонро қонеъ мекунад, чун идеал, меъёр ва ғайра. Яъне, арзиш маънои қимат, баҳо, нарх; арзиш доштан; қадр, шоистагӣ, сазоворӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ миқдори муайяни меҳнати ҳатмии ҷамъиятӣ, ки барои истеҳсоли мол сарф шуда, дар худи ҳамин мол таҷассум ёфтааст: арзиши аслӣ, арзиши изофа, арзиши меҳнат, арзиши мубодилавӣ ва ғайраро дорад.[1]

Д.А.Леонтев дар ин маврид таҳқиқоти алоҳида анҷом дода, ҳамаи арзишҳои инсониро ба се категория ҷудо мекунад: иҷтимоӣ - оила, ҳамкорон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ - арзишҳои шахс ва ҷомеа мебошанд; объективӣ - адабиёт, ВАО, санъат ва шахсӣ - талабот, ниёзҳо, ғояҳо, хоҳишҳо, идеалҳо, эътиқодҳо ва ғайра. Вай инчунин муътақид буд, ки ҳамаи арзишҳо дар табиати худ дорои хусусиятҳои умумии зерин мебошанд: шумораи умумии арзишҳо зиёд нестанд; арзишҳои ҳамаи одамон ба ҳам монанданд; ҳамаи арзишҳо аз ҷониби ҷомеа, институтҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбанд; арзишҳо ба теъдоди зиёди ҳодисаҳо, ки соҳаҳои гуногуни илм меомӯзанд, таъсир мерасонанд.[2]

Муҳаққиқи немис Р.Инглхарт низ таҳқиқоти алоҳидае дар мавриди тағйирёбиии арзишҳои инсонӣ вобаста ба марҳилаҳои гуногуни таърихӣ анҷом додааст. Дар солҳои 70-уми асри XX ӯ назарияи ивазшавии наслҳоро коркард карда, зикр дошта буд, ки ивазшавии арзишҳо аз насл ба насл рух медиҳанд ва онҳо доимӣ намебошанд. Ӯ муътақид буд, ки тағйирёбӣ дар ҷаҳонбинии одамон доимо ба муҳити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад, аммо ба зудӣ ба насли баъдина мегузарад. Исрор мекард, ки

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд), ҷилди 1.- Душанбе 2008. - С.77.
[2] Леонтьев Д.А. Методика изучения ценностных ориентаций. «Смысл»: - Москва, 1992.

ташаккули низоми арзишҳо низ ба баланд бардоштани дастрасии таҳсилот ва иттилоъ таъсир мерасонад. Ӯ самти рушди иҷтимоиеро, ки дар он ҷомеа аз шакли аграрӣ ба саноатӣ ва сипас ба иттилоотӣ (донишгаро), ки одамон дар он мустақилона фикр мекунанд, мегузарад, муайян кард.[1]

Ин хусусиятҳои нави иҷтимоӣ тасдиқ мекунанд, ки тағйирёбии фарҳангӣ дар ҷомеа дар ду марҳилаи асосӣ сурат мегирад: саноатикунонӣ - гузаштан аз арзишҳои анъанавӣ ба дунявӣ, ратсионалӣ ва иттилоотонӣ ё ҷомеаи донишгаро.

Ба андешаи мо, арзиш - ифодаи моҳияти ашёю ҳодиса ва хосияти онҳо мебошад, ки дар муносибатҳои ҷамъиятии одамон, синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида ҳамчун воситаи қонеъгардонии талаботу манфиатҳо, ғоя ва майлу рағбати онҳо зуҳур ёфта, дар шакли меъёр, мақсад ё идеал арзи вуҷуд мекунад. Ба арзишҳои инсонӣ дохил мешаванд: ҳақиқатҷӯӣ, зебоипарастӣ, озодӣ, меҳрубонӣ, адолат ва ғайра. Ин арзишҳо ва арзишҳои дигар бо ангеза ва ниёзҳои инсон алоқаманд буда, ҳаёти ӯро ба танзим медароранд. Зеро, инсон дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба садҳо ашёву ҳаводиси табиату ҷамъият рӯ ба рӯ шуда, аз назари хеш онҳоро баҳо дода, арзишашонро  муайян мекунад. Аз ин рӯ, арзиш зуҳуроти объект буда, ба ашёву ҳодисаҳои олам хос мебошад ва аз фаъолияти ҳаррӯзаи одамон барои қонеъ гардонидани талаботи моддию маънавии онҳо бармеояд. Бинобар ин, арзишҳои инсонӣ ва системаҳои чунин арзишҳо дар ҳаёти инсон ва ҷомеа нақши муҳим доранд. Арзишҳоро шахсони алоҳида ва дар маҷмуъ, ҷомеа ба вуҷуд меоранд ва ба онҳо фаъолияти иҷтимоӣ, фаъолнокии шахс, рафтор, муносибатҳои иҷтимоӣ ва худдаркунии ӯ таъсир мерасонанд. Вақте ки тавассути таъсири технология, тағйироти фарҳангӣ ва иқтисодӣ рух медиҳад, муҳити зисти инсон ва мақсади мавҷудияти он дигаргун мегардад.

Ҳамин тавр, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши фарҳангӣ падидаи наве буда, барои рушди тамоми сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таккони ҷиддие дод. Технологияи нави муосир ба ҳаёти

[1] Инглхарт Р. Всемирный обзор ценностей //http://www.worldvaluessurvey.org/wvs.jsp

мардуми кишвар омехта гардида, ба бароварандаи ормону ниёзҳо ва идеалҳои мардум дар самти илм, таҳсилот, тандурустӣ, фарҳанг, иқтисод, тиҷорат, рушди соҳаи хизматрасонии электронӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мубаддал гашт. Тавассути иттилоотикунонӣ бештари мардум озодона ба фазои иттилооти глобалӣ роҳ ёфта, имконияти иштирок дар идоракунӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли масоили сарнавиштсози кишвар, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро пайдо карданд. Яъне, иттилоотикунонӣ имконият дод, ки робита дар байни аҳолии қишрҳои гуногун ва сохторҳои давлатӣ мустааҳкам гардида, маълумот саривақт ҷустуҷӯ, коркард, интиқол ва қабул карда шавад.

Мутахассиси америкоӣ Э.Тоффлер дар китоби худ «Сармояи инқилобӣ» дар ин маврид баҳои барҳақ дода, менависад: «Сифати зиндагии инсони имрӯза ба дараҷаи ниҳоят зиёд аз сатҳи истифодабарии воситаҳои информатсионӣ ва хизматрасонӣ, ҳамчунин аз дастрасӣ ва сифати онҳо вобастагӣ дорад. Телефонҳои мобилӣ, компютерҳои шахсӣ барои ворид шудан ба шабакаи Интернет, шабакаҳои телевизионии рақамӣ, мошинҳои тамғаҳои ҳозиразамон - ҳамаи инҳо артибутҳои ҷудонопазири инсон ба ҳисоб рафта, бе онҳо ҳаёти рӯзмарра, фаъолияти касбии ӯ нопурра мебошад».[1]

Воқеан, дар Тоҷикистон таи солҳои охир воситаҳои информатикӣ ва технологияи нави информатсионӣ зуд-зуд такмил ёфта, талаботи истифодабарандагон ва мутобиқ кардани онҳоро ба ин гуна шакли зиндагӣ зиёд мекунад. Истифода аз ин воситаҳо ба онҳо имконият медиҳад, ки дар мадди аввал сарфаи вақти худро ҷиҳати ҳалли масоили рӯзмарра, барои дар амал татбиқ намудани ва озодиҳои худ дуруст ба танзим дароранд. Хусусан, иттилоотикунонӣ вақтро барои иҷрои кор кӯтоҳ менамояд, имкониятро барои машғул шудан ба вақтхушии зеҳнӣ ва фарҳангӣ, истироҳат, аз ҷумла дар шароити хона муҳайё месозад. Аз ин рӯ, сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар аз

[1] Тоффлер Ж. Революционное богатство. - М.: 2008. – 569 с.

рӯйи рушди ҷомеа ҷиҳати таъмин намудани ӯ бо воситаҳо ва хизматрасониҳои технологӣ ё худ дараҷаи иттилотикунонии худи ҷомеа муайян карда шуда, аз талаботи ҷомеаи анъанавӣ фарқ мекунад. Хусусан, дар ҷомеаҳои анъанавӣ боигарии шахсӣ, арзишҳои моддӣ ва воситаҳои пулӣ ба инсонҳо имконият медоданд, ки на танҳо талаботи худро қонеъ гардонанд, балки хоҳиши худро амалӣ созанд. Дар ҷомеаи иттилоотӣ тамоюли бештари талабот ва хоҳиши шаҳрвандон ба имкониятҳои истифодабарии захираҳои муосири иттилоотӣ-технологӣ, воситаҳои алоқа ва телекоммуникатсия алоқамандӣ дорад. Ин тарзи ҳаёт мазмунан характери информатсионӣ гирифта, аз он даст кашидан, маънои дур шудан аз арзишҳои тамаддуни муосири башариро тақозо дорад. Ин аст, ки дар ҷомеаи имрӯза мафҳумҳои нав, ба мисли: камбизоатии информатсионӣ ва нобаробарии информатсионӣ пайдо шуданд. Ин мафҳумҳо на танҳо дар муносибат ба инсон, балки нисбат ба худи ҷомеа ва минтақаҳои гуногуни он мавриди истифода қарор гирифтанд.

Барои мисол, дар Кореяи Ҷанубӣ баъди сарварии Пак Чо Хи вақте ки зарурат барои бисёр кор кардан ҷиҳат баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди соҳаи иқтисодии кишвар пайдо шуд, кореягиҳо таваҷҷуҳи хоса ба самти иттилоотикунонии низоми иқтисодиёт, зиндагии рӯзмарра доданд, ки дар натиҷа интернет-тиҷорат рушд кард. Дар қадами аввал онҳо якчанд портал (пойгоҳ) таъсис дода, дар онҳо номгӯи маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои кишварро ворид карданд. Дар сайти gmarket.co.kr фурӯши номгӯи либос, пойафзол, асбобу анҷоми майда чуйда, китоб, асбобҳои мусиқӣ, лавозимоти хона (мебел), чиптаҳои консертҳо, ҳавопаймо, маблағи меҳмонхонаҳо, нархнома ва усули пардохти онҳоро ҷой доданд, ки ин амал ба муштариён, барои дарёфти маводи зарурӣ сарфаи вақти зиёдро талаб намекард. Инчунин, ҳар як маркази савдо сайтҳои алоҳидаи худро сохтанд, ки шаҳрвандон ба онҳо ворид шуда, маҳсулоти барояшон заруррo пайдо мекарданд. Дастрас кардани маводи зарурӣ ба онҳо аз тарафи кормандони марказҳои савдо ройгон ба роҳ монда шуд. Инчунин, пардохти маблағи

маҳсулоти харидоришавандаро тавассути кортҳои кредитӣ ба роҳ монданд, ки дар натиҷа гардиши пулро коҳиш дод. Яъне муваффақ шудан ба ин пешравиҳо аз он сабаб ба даст омад, ки Интернет дар ҳамаи минтақаҳои аҳолинишини Корея фаъол гашта, суръати истифодабарии он зиёд карда шуд ва шаҳрвандон ба он бе монеъа дастрасӣ пайдо карданд. Инчунин, нархи Интернет нисбат ба дигар кишварҳо арзон карда шуд. Ҳанӯз соли 2000 - ум дар доираи 15 солагии рушди барномаи электронии «КиберКорея - 21» дар кишвар рахи фарохи Интернет барои ҳамаи шаҳрвандони Корея таъмин карда шудааст.[1]

Имрӯз дар муқоиса бо дигар кишварҳои муттараққӣ Кореяи Ҷанубӣ яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти истифодабарии технологияи информатсионӣ-коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад. Хусусан, низоми маорифи ин кишвар ҳамчун соҳаи стратегии низоми иҷтимоӣ пурра электронӣ карда шудааст. Аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти олии ин кишвар марказҳои таълимии электронӣ таъсис дода шудааст, ки донишҷӯён дар ҳама гуна ҳолатҳо бо истифода аз воситаҳои технологияи навин маълумоти заруриро ба даст меоваранд. Ҳатто дар боғчаҳо ва кӯдакистонҳо китобхонаҳои электронӣ таъсис додаанд, ки кӯдак бо рамз ва рақами инфиродии худ ба он ворид шуда, китоби зарурии худро дастрас карда мехонад. Фикру андешаҳои худро оид ба мамзун ва муҳтавои китоб тавассути кабинети инфиродии худ ба шахсони масъул ирсол медорад. Ҳамзамон ҳар як кӯдакистон, мактаб, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сайтҳои худро дошта, ҳамарӯза онҳоро бо маводи тоза таъмин менамоянд. Донишҷӯён барои истифода аз сайтҳои соҳаи таҳсилот ҳуқуқи ройгон ворид шуданро доро мебошанд.

Низоми хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятӣ низ дар ин кишвар тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ҳар як истгоҳ вақти омаду рафт, оид ба сабабҳои дермонии нақлиёт тариқи электронӣ ба шаҳрвандон маълумот пешкаш карда мешавад. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷануби имрӯз ба як ҷомеаи

[1]Телекоммуникация в Южной Корее// Википедия

информатсионии пешрафта табдил ёфта, таҷрибаи доштааш барои дигар кишварҳо омӯзанда мебошад.

Рушди ҷомеаи инфоратсионӣ дар Тоҷикистон ҳамчун масъалаи муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яке аз нишондодҳои асосии муайян кардани сатҳи зиндагӣ, некуаҳволии мардум ва рушди маънавиёти онҳо мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати мувофиқ кардани низоми идоракунӣ ва ворид шудан ба фазои информатсионӣ дар кишвар қарорҳои Ҳукумати кишвар «Дар бораи Консепсияи ҳукумати электронӣ»[1], «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»[2] қабул гардиданд. Қабули Конспсия ва қоидаи мазкур то имрӯз аз як тараф, самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро баланд бардошта, аз тарафи дигар, барои ба таври фаврӣ дастрас кардани қарору фармоишот ва дигар маводи зарурӣ шароити мусоид фароҳам оварданд. Инчунин, ба таври электронӣ интиқол додани мавод байни ниҳодҳои гуногун зуҳуроти бюрократизм ва коррупсияро кам кард. Сомонаҳои инфиродӣ барои муаррифии дастовардҳои минтақаҳои гуногуни кишвар ва дастрасии маълумоти фаврӣ ба масъулини ҳокимияти давлатӣ ва афроди гуногун, аз ҷумла сайёҳон нақши муассир бозида истодаанд.

Умуман, ин ҳуҷҷатҳо на танҳо характери консептуалӣ, балки амалӣ низ доранд. Чунки дар онҳо нишондодҳои асосии рушди ҷомеаи информатсионӣ мақоми хосаро ташкил медиҳанд.  Аммо новобаста аз ин тадбирҳои андешидашуда ҷомеаи информатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ташаккул наёфтааст. Бахусус, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳолӣ бо воситаҳои оддитарини техникӣ таъмин намебошанд. Шабакаҳои интернетӣ фаъол нест. Сомонаҳои инфиродии шаҳраку ноҳияҳо ба талабот ҷавобгӯ намебошанд. Ороиши техникии онҳо ва ғунҷоиши маводи муаррификунанда

[1] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ҳукумати электронӣ» аз 30 декабри соли 2011.

[2] Ниг.: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет», аз 10 июли соли 2017, № 344.

оид ба шумораи аҳолӣ, теъдоди шаҳраку ҷамоатҳо, теъдоди корхонаву коргоҳҳои истеҳсоли маҳсулот, мавзеъҳои сайёҳӣ, бозор ва марказҳои савдо, муассисаҳои хӯроки умум, осоишгоҳҳо, китобхонаву ҷойҳои таърихӣ, дастовардҳои фарҳангӣ ва ғайра дар сатҳи паст қарор доранд. Бинобар ин, дар самти таъминот бо воситаҳои техникӣ ва технологияи нави муосир назар ба кишварҳои пешрафтаи Ғарб ва мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Хитой, Ҳиндустон, Малайзия, Эрон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайра ақибмонда мебошад. Ин ҷо сабаби асосии ташаккул наёфтаи ҷомеаи информатсиониро дар Тоҷикистон метавон бо чанд омил нишон дод:

- ба таври зарурӣ рушд накардани инфрасохтори информатсионӣ;

- нобаробар ба роҳ мондани низоми информатсионӣ дар минтақаҳои кишвар ва мутобиқ нагаштани аҳолӣ ба ин муҳит;

- дар сатҳи зарурӣ дастрасӣ надоштани фоизи зиёди шаҳрвандон ба воситаҳои техникӣ;

- сатҳи пасти донишҳои техникии шаҳрвандон ва ғайра.

Воқеан, бекорӣ дар ҳар як кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон ҳамчун зуҳуротест, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, рушди ҷомеа, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ монеа пеш меорад. Бинобар ин, рушди иттиллотикунонии ҷомеа пеш аз ҳама дар мавриди таъмини аҳолӣ ба шуғлҳои зарурӣ ва коҳиш додани масъалаи бекорӣ мусоидат менамояд. Масалан, дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори бекороне, ки ҳамасола дар мақомоти шуғли аҳолӣ расмӣ ба қайд гирифта мешаванд, якзайл намебошанд. Агар соли 2015 нисбат ба шумораи аҳолӣ миқдори бекорон 93886 нафарро ташкил диҳанд, ин миқдор дар соли 2016 ба 84146 нафар ва дар соли 2017 ба 95215 нафар баробар шуд, ки сол ба сол афзоишро нишон медиҳад.[1]

Солҳои баъдӣ, бо талошҳои мудаввоми Ҳукумати кишвар ва ниҳодҳои давлатию хусусӣ шумораи умумии ин қишри ҷомеа рӯ ба коҳиш ниҳод.

---

[1] Ниг.: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. - С.16.

Сабаби онро таъсис ёфтани ҷойҳои зиёди корӣ аз ҳисоби давлат ва соҳибкорони маҳаллӣ ташкил медиҳад. Ба маълумоти охирине, ки Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ барҳақ зикр намуданд “Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ва амалисозии стратегияву барномаҳои зикргардида, дар зарфи солҳои истиқлолият дар мамлакат беш аз 3,3 миллион ҷойҳои кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, шароити зиндагии сокинони мамлакат тадриҷан беҳтар гардида истодааст”.[1]

Истифодаи имкониятҳои технологияи муосир метавонад самараи дилхоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бахусус, дар самти зиёд кардани касбҳои гуногуни соҳаи иттилоотикунонии ҷомеаи Тоҷикистон диҳад. Бахусус, таъсиси марказҳои коркардкунандагони барномаҳои таъминотӣ; таҳияи лоиҳаҳои иттилоотикунонии соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ; таъсиси марказҳои омӯзишии таъмиргарони воситаҳои технологӣ барои кам кардани сафи бекорӣ ва ғайра мусоидат намоянд. Аз ҷумла, дар ҳудуди шаҳри Душанбе бунёд кардани як ё ду коргоҳи васл ва таъмири техникаи компютерӣ на танҳо барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар миқёси шаҳр, балки ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони ин соҳа барои минтақаҳои гуногуни кишвар ва кам кардани сафи бекорони воҳидҳои маъмурӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои техникии шаҳрвандон тақозои талаботи ҷомеаи информатсионӣ аст.

Дар ин маврид, барои муқоиса таҷрибаи Ҳиндустонро метавон мисол овард. Имрӯз Ҳиндустон баъди ИМА дар бозори ҷаҳонии таъминоти барномавӣ мақоми дуюмро ишғол карда, ҳиссаи он дар ин бозор 20%-ро ташкил медиҳад. Ин муваффақият дар Ҳиндустон тавассути амалинамоии барномаи миллии таъсиси марказҳои бузург ба даст оварда шуд. Айни замон дар ин кишвар 13 адад чунин марказҳо мавҷуд мебошанд, ки дар онҳо наздики 500 ҳазор ба кор таъмин карда шудаанд. Маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо системаи барномавӣ буда, тавассути фармоишоти ширкатҳои амрикоӣ ва канадагӣ коркард карда мешаванд. Аҳамияти хосса зоҳир намудан ба

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, аз 21-уми декабри соли 2021.

саноати таъминоти барномавӣ дар Ҳиндустон, аз ҷумла таъсиси ду заводи васлкунии техникаи компютерӣ аз ҷониби ширкатҳои америкоӣ боис гардид, ки теъдоди мутахассисони соҳаи технологияи информатсионӣ афзоиш ёфта, сафи бекорӣ кам карда шавад. Ҳамзамон, бо дастгирии мақомоти ҳокимияти давлатии Ҳиндустон аз ин соҳа шабакаи мутамаркази муассисаҳои таҳсилотӣ таъсис дода шуд, ки барои Паркҳои технологии ин кишвар мутахассисон тайёр мекунанд.

Дар кишвари мо ин таҷриба аз соли 2011 мавриди татбиқ қарор дода шуд. Яъне, соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Паркҳои технологӣ»[1] ба тасвиб расид. Ҳадафи қонуни мазкурро дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар заминаи:

- ҷалби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар ба фаъолияти инноватсионӣ;

- дар амал татбиқ намудани ғояҳои инноватсионӣ бо ҷалби васеи неруи навовару созанда;

-ташкил намудани корхонаҳои хурду миёнаи инноватсионӣ дар заминаи Паркҳои технологӣ ва дастгирии корхонаҳои хурду миёнаи дигари ватанию хориҷӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ғояҳои инноватсионӣ ва ба роҳ мондани технологияи илмталабу аълосифат;

- ба роҳ мондани таҳқиқотҳои илмии инноватсионӣ дар самтҳои гуногуни илм ва дар ин замина тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯи талаботи фаъолияти инноватсионӣ ва замони муосир;

- ҳавасмандгардонии қобилияти зеҳнӣ бо роҳи муқаррар намудани ҳиссаи даромад ба муаллифи ихтироот у натиҷаи дигари таҳқиқоти илмӣ аз фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ;

- ташхиси маҳсулоти содиротӣ ва воридотӣ бо мақсади муайян намудани мутобиқати он ба талаботи стандарти муқаррargардида;

- гузаронидани ташхисҳои дигари молу маҳсулот ҷиҳати муқаррар намудани сифати он ва мусоидат ба муҳити экологӣ;

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Паркҳои технологӣ», аз 30.12.2011.

- омӯзишу таҳқиқи маҳсулот ва технологияи илмталаби аз хориҷи кишвар воридшаванда ва ба роҳ мондани истеҳсолоти ватании маҳсулот бо роҳу усулҳои нави илмӣ;

- такмили ихтисоси муҳаққиқон ва дигар кормандони илмиву таълимӣ, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд; рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи инноватсия ва ҷалби сармояю кадрҳо аз хориҷи кишвар бо мақсади ба роҳ мондани технологияи инноватсионии илмталабу аълосифат;

- ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи инноватсия, аз ҷумла технологияи илмталаб ва аълосифат, хизматрасонии илмӣ ҷалб намудани ҳайати омӯзгорону профессорон, кормандони илмӣ, мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ихтироъкорон, навоварони истеҳсолот ва ҳаматарафа мусоидат намудан барои амалӣ шудани ақидаҳо ва лоиҳаҳое, ки онҳо муаллиф мебошанд;

- дар рӯҳияи фаъолияти инноватсионӣ ба роҳ мондани ҷараёни таълим ва аз курси аввал ба навоварӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ ҷалб намудани донишҷӯён ва ғайра ба ҳисоб мерафт.

Дар доираи талаботи қонуни мазкур, аз соли 2011 шурӯъ карда, дар назди ҳар як муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар Паркҳои технологӣ ба фаъолият оғоз бахшиданд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз ягон Парки технологии фаъолияткунандаи муассисаҳои таълимӣ ҳадафҳои дар қонун мушаххасшударо иҷро намекунанд. Зимни дар амал татбиқ кардани дастовардҳои илмии олимони ватанӣ то ба имрӯз ба ягон навоварии технологӣ муваффақ нагаштаанд. Фаъолияти худро дар доираи ҳадафҳои мазкур ба роҳ намемонанд. Маҳсулоти баровардаашон дастуру маводи таълимӣ-методӣ, китобҳои дарсии таҳиякардаи ҳайати омӯзгорон, ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ ва ғайра мебошанд. Аз ин рӯ, тақозои талаботи ҷомеаи иттилоотӣ дар кишвар аст, ки барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи технологияи информатсионӣ, татбиқи дастовардҳои илмӣ-инноватсионии олимони ватанӣ дар назди ду донишгоҳи олии касбии шаҳри

Душанбе: донишгоҳҳои техникӣ ва технологии ду адад паркҳои технологии замонавӣ таъсис дода шаванд.

Бартарияти дигари ҷомеаи иттилоотӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ин ба кор таъмини намудани маъюбон, нафақахӯрон ва занҳои кӯдакони хурдсолдошта мебошад. Ин ашхос низ имконият доранд, ки аз хона барои иҷрои корҳои гуногун ҷалб карда шаванд то таҳаввулот дар ҳаёти шахсӣ ва хонаводагии онҳо ба вуқӯъ пайвандад.

Технологияи информатсионии муосир барои онҳо метавонад ин имкониятҳоро фароҳам оварад. Хусусан, компютери шахсӣ барои ворид шудан ба шабакаҳои интернетӣ ба маъюбон, нафақахӯрон ва занҳои кӯдакони хурдсолдошта барои пайдо кардани корҳои мухталиф мусоидат мекунад. Аз хона иҷро кардани корҳо ва ба даст овардани манбаи даромад боиси беҳбудии шароити зиндагӣ ва некуаҳволии оилаи онҳо мегардад. Аз ҷумла, нафақахӯрон, ки таҷрибаи зиёди истеҳсолӣ, илмӣ, педагогӣ доранд ва дар сатҳи ҷумҳурӣ теъдоди онҳо ба 729,4 ҳазор нафар[1] баробар аст, бо ин роҳ метавонанд ба ташаккул додани сатҳи зеҳнияти наслиояндаи кишвар саҳми худро гузоранд.

Инчунин, тавассути воситаҳои технологияи информатсионӣ иҷро кардани корҳо барои занҳо, ки бо сабаби ҳомиладорӣ, таваллуд ва тарбияи фарзанд аз фаъолияти меҳнатӣ дур мондаанд низ машғулияти рушдкарда ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар аз таҷрибаи онҳо самаранок истифода бурдан ба манфиати рушди ҷомеа ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ мусоидат мекунад.

Дар ин самт, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёд андешида шудааст. Масалан, бо тавсияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардидани соли 2018 дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии аҳолии кишвар такони ҷиддӣ бахшид.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баМаҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021.

Бояд иброз дошт, ки ҳадафи асосӣ аз ин пешниҳод рушди деҳот, ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ: беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин ба ҳисоб меравад. Вале эҳёкунандаи ҳунарҳои мардумӣ, муаррификунандаи онҳо, асосан занҳо мебошанд, ки дар муҳити хона онҳоро иҷро карда, сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии оилаи худро аз манбаи даромади бадастомада баланд мебардоранд.

Ҳамзамон иҷро ва татбиқи ин тавсияву пешниҳодҳо аз он ҷиҳат муҳимманд, ки мавзеъҳои нодири сайёҳӣ ҳифз ва инкишоф меёбанд. Барои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту набототт ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Хусусан, соҳаи бисёр даромадноки низоми иҷтимоӣ: сайёҳии экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва кӯҳнавардӣ аз як тараф, ба талаботи ҷомеаи башарӣ мутобиқ гардида, Тоҷикистонро дар байни кишварҳои мухталиф муаррифӣ мекунонад, аз тарафи дигар, барои таъмини ҳаёти иҷтимоии мардум ва рушди маҳал мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, барои вусъат бахшидан ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани сармояи ватаниву хориҷӣ ва дар ин замина бо ҷойи корӣ таъмин кардан ва соҳиби касбу ҳунар гардонидани ин қишри аҳолӣ масъулини мақомотҳои маҳаллӣ, соҳибкорону корчаллонҳо бояд пайваста мароқ зоҳир кунанд.

Дастрас будан ба Интернет ва қонеъ кардани хизматрасонии алоқаи истифодаи умум талаботи дигари ҷомеаи информатсионӣ дар ҷомеаи имрӯзаи кишвар мебошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ то моҳи декабри соли 2020 шумораи муштариёне, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ аз Интернет истифода мебаранд **3346720** нафар мебошад, ки **31,7%**-ро аз шумораи умумии аҳолӣ

**(9,3 млн.)** ташкил медиҳад. Марказҳои хизматрасонии ширкатҳо дар шаҳри Душанбе ҷойгир буда, шуъбаҳои онҳо дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба аҳолӣ хизмат мекунанд. Аммо **68,3%** аҳолӣ аз Интернет истифода намебаранд. Сабаби асосии он, дастрасӣ надоштани аҳолии минтақаҳои кӯҳистон аз Интернет ва нархи гарони он аз ҷониби ширкатҳои фаъолияткунанда мебошад. Айни замон чунин ширкатҳо ҷиҳати таъмин кардани аҳолии Тоҷикистон бо Интернет фаъолият мекунанд. Дар ҷадвали зер номи ширкат ва теъдоди муштариёни онҳоро нишон медиҳем.

Таҳлил ва муқоисаи маводи оморӣ нишон медиҳад, ки дар байни ширкатҳои мазкур сатҳи хизматрасонии интернетӣ ба шаҳрвандони кишвар аз ҷониби ҶДММ “Tcell”, ҶДММ “Вавилон - Мобайл”, ҶДММ “Таком” ва ҶСП “ТТ - Mobile” хуб ба роҳ монда шудааст. Бинобар ин, муштариёни зиёд ба ин ширкатҳо аъзо шуда, эҳтиёҷоти худро тавассути Интернет бароварда месозанд. Вале аз ҷониби ширкатҳои ҶДММ “Шабакаи Осмонӣ”, ҶДММ “Сайр-Тур”, Асотсиатсия Тарена, ҶДММ “Исател”, ҶДММ “Истэра”, ҶДММ “Технологияҳои Транс- телематика” хизматрасонӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, муштариёни ин ширкатҳо теъдодашон аз 350 ҳазор нафар зиёд намебошанд. Теъдоди шаҳрвандоне, ки аз телефонҳои мобилӣ ва Интернет фаъолона истифода мебаранд ба **6072126** нафар рост меояд. Ин рақам аз он далолат мекунад, ки **74%-и** шаҳрвандони аз синни 18 сола боло истифодабарандагони телефонҳои мобилӣ мебошанд. **26%**-и боқимондаро теъдоде аз нафақахӯрон ва занҳои хонашин, шаҳрвандони синнашон аз 18 сола поён ташкил медиҳанд.

Дар байни ширкатҳое, ки дар кишвар хати гуфтугӯи телефонҳои мобилиро ба аҳолӣ таъмин мекунанд аз ҳама теъдоди муштариёнро ҶДММ “Tcell” соҳиб мебошад, ки дар умум 24%-ро ташкил медиҳад. Умуман, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сол ба сол хизматрасониро ба аҳолӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва рушди иттилоотикунонии ҷомеа ба таври зарурӣ ба роҳ монда истодааст.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо, барои амалан истифода бурдани имкониятҳо, ки ҷомеаи иттилоотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ тақозо дорад, бояд инфрасохтори муосири информатсионӣ таъсис дод. Пеш аз ҳама зарур аст, ки дар ҳамаи ҳудуди минтақаҳои кишвар дастрасӣ ба шабакаҳои интернетиро таъмин кард. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ҷуз шаҳрҳо, маркази вилояту ноҳияҳо дар дигар ҳудудҳои аҳолинишини кишвар воситаҳои фаъолгардонии шабакаҳои интернетӣ валс карда нашудааст, арзиши он бошад дар нуқтаҳои истифодашаванда гарон мебошад.

Ҳамин тавр, рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар кишвар пеш аз ҳама мушкилоти соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, хусусан низоми иқтисодӣ ва маорифро ҳал менамояд. Зеро дар ҷомеи имрӯзаи башарӣ аз се ду ҳиссаи маҷмӯи даромади аҳолӣ аз ҳисоби меҳнати зеҳнӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, сифати ҷомеа дар ин ё он кишвар ва сифати зиндагии ҳар як шаҳрванд бевосита аз ҷалби неруи зеҳнӣ, истеҳсоли маҳсулоти босифат ва хизматрасонии замонавӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон ин амал сифати ба роҳ мондани раванди таҳсилотро дар кишвар муайян менамояд. Дар ин самт, ҳарчанд дар низоми маорифи кишвар барномаҳои давлатӣ ҷиҳати таъмин кардани муассисаҳои таълимӣ бо воситаҳои навини технологӣ, компютеркунонӣ, таъсис додани кабинетҳои фаннӣ ва муҷаҳҳаз бо воситаҳои нави технологӣ, қабули имтиҳонот тавассути воситаҳои технологияи муосир ба роҳ монда шудааст, вале то ба ҳол амалигардонии онҳо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, тафаккури техникии муҳассилин ба талаботи ҷомеаи информатсионӣ ҷавобгӯ намебошад.

Хусусан, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки новобаста аз тахассус дар доираи нақшаҳои таълимӣ фанни технологияи информатсионӣ ва коммуникатсиониро меомӯзанд, вале қобилияти истифодабарии оддитарин барномаи компютериро надоранд. Ин масъала аз назари ҳукумати кишвар низ дур намондааст. Чунки ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба мақомоти олии

қонунбарор оид ба масъалаи маориф ҳамчун соҳаи стратегии кишвар ибрози андеша карда, баланд бардоштани сатҳи тафаккури техникии хонандагону донишҷӯёнро муҳим мешуморад. Дар назди масъулини Вазорати маориф ва илм, дигар субъектҳои он вазифа пеш мегузорад, ки донишҳои техникии насли наврас ва ҷавононро баланд бардоранд, муассисаҳои таълимиро бо воситаҳои навини технологӣ, бо кадрҳои соҳибтахассуси соҳаи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ таъмин намоянд, аммо то ба имрӯз ин пешниҳодҳои судманд ба таври дилхоҳ амалӣ карда намешаванд.

Дигар иқдоме, ки дар самти иттилоотикунонии аҳолӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст ин электронӣ кардани соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ ба шаҳрвандон аст. Айни замон дар шаҳри Душанбе истгоҳҳои нави ҳозиразамон ва васл бо таблоҳои электронӣ бунёд карда шуда истодааст, ки роҳи хатсайрҳои нақлиётро ба аҳолӣ саривақт пешниҳод мекунанд, эҳтиёҷи аҳолиро таъмин менамоянд. Тавассути кортҳо маблағгузорӣ кардани арзиши роҳкирои нақлиёт, тавассути Интернет ворид шудан ба сомонаҳои ширкатҳои ҳавопаймоӣ ва қатора ҷиҳати дастрас кардани чиптаҳо ва ғайра аз нишонаҳои муҳими рушди ҷомеаи иттилоотӣ-иртиботӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Дар Паёми Президенти кишвар аз 26.12.2019 таъкид гардид, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар пешбурди содирот муаррифӣ нагардидани маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва иштироки нокифоя дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ мебошад. Бо ин мақсад ва ҷиҳати дастрасӣ ба маълумот оид ба номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва корхонаҳои истеҳсолкунанда пешниҳод карда шуд, ки портали савдои Тоҷикистон такмил дода шуда, корхонаҳои саноатӣ барои муаррифии маҳсулот ва пайдо намудани шарикони хориҷӣ сомонаҳои интернетии худро таъсис диҳанд. Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ ва бо мақсади муаррифии маҳсулоти ватанӣ маълумоти дахлдорро бо зикри номи корхона, номгӯи маҳсулоти содиротӣ ва дигар иттилооти зарурӣ мунтазам ба нашр расонад. Чунки имрӯз дар берун аз кишвар имконияти пайдо кардани маълумоти кофӣ доир ба

